«МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН» – маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад. №3 (203)

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА** – *вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор*

**Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА** – *ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон*

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА** – *муовини якуми вазири маориф ва илм, доктори илмҳои таърих*

**Шукрулло ХАЙРЗОДА** – *муовини вазири маориф ва илм, доктори илмҳои иқтисодӣ*

**Қутбиддин МУҲИДДИНЗОДА** – *сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Вазорати маориф ва илм, номзади илмҳои педагогӣ*

**Зулҳия НОЗАКЗОДА** – *раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм*

**Бахром ИСМОИЛЗОДА** – *сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе*

**Осим КАРИМЗОДА** – *сардори раёсати маорифи вилояти Суғд, доктори илмҳои таърих, профессор*

**Ғазалшоҳ САФАРЗОДА** – *сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон*

**Лутфулло НАВРӮЗОВ** – *сардори раёсати маорифи ВМКБ*

**Шермуҳаммад ЁРМУҲАММАДЗОДА** – *директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ, номзади илмҳои филологӣ*

**Нуъмонҷон ҒАФФОРӢ** – *ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор*

САРМУҲАРРИР:
**НАБИЗОДА САИДА ФАЗЛ**

ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР:
**Санҷар АМРИЕВ**

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА** – *муовини вазири маориф ва илм, доктори илмҳои педагогӣ*

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА** – *узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор*

**Саидамир АМИНОВ** – *узви вобастаи АТТ, номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши мактабшиносӣ*

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ** – *номзади илмҳои педагогӣ*

**Абдураҳмон ҚУРБОНОВ** – *доктори илмҳои фалсафӣ, муҳаррири бахши илмӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ*

**Абдурауф МУРОДӢ** – *муҳаррири бахши филологӣ, методӣ*

**Номвар ҚУРБОНОВ** – *номзади илми техникӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ*

МУҲАРРИРОНИ ТЕХНИКӢ:
**Шаҳнозаи МИРЗО**
**Рамазон НУРОВ**
**Нурулло ҒАФУРИЁН**

КОТИБИ МАСЪУЛ:
**Мавзуна ЗАБИРОВА**

МУСАҲҲЕҲ:
**Шодӣ РАҶАБЗОД**

*Суроға:* 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ – 126
*Телефон:* 225-82-23
*E-mail:* maorif@mtojikiston.tj
*Индекси обуна:* 77500

«Маорифи Тоҷикистон» аз 22.11.2021 таҳти №221/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Дар ҶДММ «Мега-Принт» ба табъ мерасад.
Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6196 нусха.

# ТАЛАБОТ:

✓ Мақолаҳо бояд хулосаи тавсиявии муассисаи пешниҳодкарда ё мутахассисони соҳаро оид ба чоп дар матбуоти даврӣ дошта бошанд.

✓ Аҳамияти мавзуъ дар мақола бояд бо нишондоди натиҷаҳои назариявию таҷрибавӣ асоснок шуда, мақола хулосаҳои мушаххас дошта бошад.

✓ Нусхаи чопии таҳриршудаи мақолаҳо бо фосилаи 1,5-и байни сатрҳо ва бо ҳарфи Times New Roman, андозаи 14 қабул карда мешаванд. Пешниҳоди шакли электронии мақолаҳо (дар флеш ё ба воситаи почтаи электронӣ) ҳатмист.

✓ Ҳаҷми умумии мақола бо маводи аёнӣ - нақша, расм, диаграмма (агар бошад, феҳристи адабиёт, аннотатсия бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ то 100 калима) аз 8 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.

✓ Формулаҳо, рамзҳо ва ишораҳои ҳарфӣ бояд бо истифода аз барномаи Microsoft Equation таҳия шаванд.

✓ Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мақоларо таҳрир кунад, баъзе тағйироти заруриро ворид намояд ва дар сурати ҷавобгӯ набудани он ба муҳтавои маҷалла ба муаллиф ҷавоби рад гардонад.

✓ Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводеро низ нашр мекунад, ки бо он мувофиқ нест. Ба дурустии далелҳо муаллифон ҷавобгаранд.

# МУШТАРИЁНИ АЗИЗ!

Муҳтавои маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» дархӯри фаъолияти тамоми муассисаҳои соҳаи илму маориф ва онҳоест, ки дар роҳбарӣ, касбият, усули кор дар таълим, тарбия, рушди истеъдод, такмили ихтисос, таҳсилоти иловагӣ, назорати дохилимактабӣ, робита бо оила ва ҷомеа, иттиҳодияҳои методӣ ва даҳҳо паҳлуҳои дигари илму маориф ба маслиҳат ниёз доранд, таҷрибаи худро муаррифӣ кардан мехоҳанд ва ҳадафашон як аст: **шинохтани мақоми маориф чун омили амнияти миллӣ!**

Вақте маҷаллаи моро ба даст гирифтед, ба саҳифаҳои он ҷиддӣ назар кардед, андеша, пешниҳод, таҳлил, фикри бикре дар робита ба муҳтавои он манзури алоқамандон гардондед, ҳатман интизор бошед:

• маорифи кишвар рушд мекунад;
• сифати таҳсилот боло меравад;
• сатҳи касбияти омӯзгор беҳтар мегардад;
• идеологияи миллӣ шакли комил мегирад;
• маърифати ҷомеа такмил меёбад...

Пас, биштобед, то аз манфиатҳои маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» баҳра баред. Обуна шудан ба маҷалла шарти муҳимми расидан ба ҳадафҳост.

«Маорифи Тоҷикистон» аз шумо ва барои шумост!

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА // ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

**С/Ҳ: 20202972900816101000 Ҳ/К: 20402972316264**

**БИК: 350101626 РМА: 010009508**

***РОҲНАМО***

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ЭҲЁИ ТАМАДДУНИ ТОҶИК

***Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ раванди нави таърихӣ дар солҳои 90-уми асри XX ба миён омад, ки масоили соҳиб шудан ба истиқлоли миллиро дар низоми собиқ кишварҳои ИҶШС дар мадди аввал гузошт. Бо гузашти ҳазор сол, баъд аз таназзули давлати Сомониён, дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нави миллӣ – Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуд. 9 сентябри соли 1991 Сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон карда шудани Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул кард.***

Солҳои 1990-1992 барои Тоҷикистон монанди дигар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ марҳалаи поён рафтани сатҳи зиндагии мардум оғоз гардид. Маҳз ҳамин раванд боиси шиддат ёфтани авзои сиёсю иҷтимоӣ шуда, фалаҷ гардидани сохтори сиёсии ҳокимият, сар задани муқобилияти ошкорои сиёсӣ ва ниҳоят зуҳури ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Вазъияти хоҷагии халқро дар замони ҷанги шаҳрвандӣ, бешубҳа, пурфоҷиаву фалокатбор номидан мумкин аст. Дар чунин вазъи хатарбор, дар шаҳри Хуҷанд 16 ноябри соли 1992 Иҷлосияи 16-и Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Вакилони ҷумҳурӣ бо боварии комил масъулияти дар сарзамини кишвар «рахна намудани ҷанг ва ба ягонагӣ овардан»-и сулҳу амниятро ба Сарвари имрӯзаи Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бовар карданд. Эмомалӣ Раҳмон замоне ба майдони сиёсат ворид шуданд, ки миллати тоҷик парешон ва дар ҳолати нобудшавӣ қарор дошт. Паёми нахустини Сарвари давлат аз Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки 19-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд барпо гардида буд, сарҷамъ намудани миллат ва берун овардани Тоҷикистон аз ҷанги шаҳрвандӣ буд. Мардуми кишварамон суханони таърихии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки гуфта буданд: «То вақте ки як фарди миллат дур аз Ватан ва дар ғурбат қарор дорад, ман худро ором у хотирҷамъ намеҳисобам» хеле хуб дар ёд доранд. Бо вуҷуди ноороми ҳо, бо тадбирҳои хирадмандона ва матонату ҷасорати фавқулода, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари азизамонро аз вартаи фано берун оварда, мардуми парешонро сарҷамъ ва садҳо ҳазор фирориро ба Ватан баргардонданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи аҳамияти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон зикр намудаанд: «Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳамияти фавқулодаи худ бо Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас, Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт». Пешвои миллатамон тавонистанд, ки тоҷиконро чун соҳиби фарҳанги воло дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кунанд. Дар аввалин рӯзҳои ҷангу даргириҳо вазифаи пурмасъулияти роҳбарии



давлатро ба дӯш гирифтанд, ки замоне Тоҷикистон дар вартаи нестӣ қарор дошт ва миллат парокандаву сарсон буд, ба ҳамватанони дар ғурбат қарордошта аз минбари баланди ВАО иброз дошта буданд: «… Ба Ватан биёед. Шуморо хонаву даратон интизор аст. Ба иғво дода нашавед. Ман ба шумо кӯҳи тилло ваъда намекунам. Танҳо инро мегӯям, ки агар як пора нон ҳам дошта бошем, онро бо ҳам мебинем».

Собиқ Муншии Генералии СММ Кофи Аннан дар маҷаллаи «Огонёк», соли 2001 ҳамчун дӯсти тоҷикон навишта буд: «Тоҷикистон намунаи хоси ҳалли мунокишаи дохилиро пешниҳод намуд. Фикр мекунам, ки ин ҳиссаи Тоҷикистон дар таърихи истиқрори сулҳ ба ҳисоб меравад». Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин қайд кардаанд, ки Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони давлатҳои мустақил ҳамчун сарвари сиёсӣ яке аз ҷойҳои намоёнеро ишғол менамоянд ва ин тасодуфӣ нест. Тамоми кӯшишҳои вай шаҳодати он мебошанд, ки дар Тоҷикистон ҷараёни сулҳ мегузарад, ки монанди он дар дигар кишварҳои ба низоъ дучоргашта вуҷуд надорад. Он чизе, ки дар Тоҷикистон мегузарад, ин намунаи хуб барои бисёр халқҳо ва кишварҳо ба шумор меравад».

Хушбахтона, баъди соҳиб гаштан ба истиқлолияти комил таваҷҷуҳ ба анъанаҳои миллӣ аз тарафи роҳбарияти кишвар бештар шуд ва дар муддати кӯтоҳ як қатор анъанаю суннатҳо ва идҳои миллӣ эҳё гаштанд. Дар ин раванд бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масоили ҳувият ва эҳёи арзишҳои миллӣ ба ҷойи аввал баромад. Бо таълифи асарҳои бисёрҷилдаи «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Забони миллат – ҳастии миллат» ва дигар асарҳои пурмуҳтаво, Пешвои миллат дар сатҳи баланд собит карданд, ки халқи тоҷик таърихи ниҳоят куҳан дорад. Фарзандони баномус ва бузургаш ҳар куҷое ба сар бурдаанд, исми шарифи хешро дар паҳнои таърих ҷовид гардониданд ва офаридаҳояшон барои башарият хизмат намуд. Дар баробари ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мероси маънавии суннатии шоистаи мардум баҳои баланд дода, омӯзиш ва тарғиби ин осори гаронбаҳоро вазифаи ҳар як фарди бедордил даниста, мудом даъват ва таъкид мекунанд, ки таърихи гузашта ва фарҳанги пешиниёнро насли имрӯза дуруст аз бар намоянд ва ба он сидқан арҷ гузоранд. Боиси сарфарозист, ки маҳз тавассути асарҳо ва ташаббусҳои шоистаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расму оинҳои неки ниёгон, ки барои рушди тамаддуни башарӣ хидмат намуданд, аз нав эҳё мегарданду аз тарафи аҳли ҷомеа ба хубӣ пазируфта мешаванд. Дар байни онҳо ҷой ва мақоми се ҷашни миллию мардумӣ: Наврӯз, Меҳргон ва Сада мақоми хоса доранд. Асоси сарчашмаи худшиносии миллиро арҷгузорӣ ба истиқлолияти миллӣ ва ваҳдату дӯстӣ, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ, пайгирӣ аз сиёсати давлат ташкил медиҳад. Чунонки, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: «Асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро ғояи таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ ташкил медиҳад. Арзишҳои умумимиллӣ ва умумидавлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳифзи манфиатҳои кишвар бояд аз ҳама гуна манфиатҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва гурӯҳӣ боло бошанд ва пойдевори тарбияи ватандӯстии ҷавононро фаро гиранд. Ҳифзи давлату миллат ва марзу буми кишвар, пеш аз ҳама, ба зиммаи шумо-ҷавонон вогузошта шудааст. Шумо бояд Ватанро обод кунед, дар баробари модари худ дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед».

Барои нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ ва бедории миллӣ бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 680-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ» (1995), 675-солагии шоири оламшумули тоҷику форс Камоли Хуҷандӣ» (1996), 960-солагии Умари Хайём (2000), 1000-солагии Носири Хусрави Қубодиёнӣ» (2003), 80-солагии таъсиси пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе (2001), Соли тамаддуни Ориёӣ (2006), «1150-солагии асосгузори адабиёти классики тоҷику форс, устод Абуабдуллоҳ Рудакӣ» (2008) ҷашн гирифта шуданд, ки аз маърифати баланди хирадмандонаи Пешвои миллат хабар медиҳад. Симпозиуми байналмилалии «Авесто ва тамаддуни ҷаҳонӣ бахшида ба 2700-солагии Авесто» (2001) дар шаҳри Душанбе, ки бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузаронида шуд, соҳиби таърихи қадим будани миллати тоҷикро собит месозад.

Ҳанӯз, соли 1999 аз ҷониби Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлили 1100-солагии таъсисёбии нахустин давлати тоҷикон – Сомониён пешниҳод гардидаву он дар сатҳи баланд ҷашн гирифта шуда буд. Давлати Сомониён аввалин шакли давлатдории тоҷикон аст, ки он дар роҳи ташкили ҳукумати мутамарказы қавӣ, вусъати марзи давлати тоҷикон, раҳоии мамлакат аз фармонравоии хилофати араб, таъмини сулҳу оромӣ, ба тарафи мақсадҳои асосӣ равона карда тавонистани қувваи халқи тоҷик мақоми муҳимми таърихӣ бозидааст. Бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2002 2500-солагии шаҳри бостонии Истаравшан ҷашн гирифта шуд. Моҳи июни ҳамон сол қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи баргузории ҷашни “2700-солагии шаҳри Кӯлоб” ба тасвиб расид. Қарори мазкур аз ҷониби Созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ дастгирӣ ёфт. Чи тавре ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, «Ифтихори ватандорӣ аз донистани таърих, забон ва фарҳанги Ватан сарчашма мегирад». Дигар аз шаҳрҳои қадимаи миллати тоҷик шаҳри Ҳисор, аз мадди таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат дур намонда, бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, таҳти №70 «Дар бораи баргузории ҷашни 3000-солагии Ҳисор» қарор қабул намуд. Қалъаи Ҳисор яке аз ҳашт ёдгории таърихие мебошад, ки ба феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил шудааст. Моҳи октябри соли 2015 3000-солагии шаҳри Ҳисор ҷашн гирифта шуд. Дар ҳақиқат, ҳар як халқ фарзандони барӯманду барҷастае дорад, ки дар рушду инкишофи ҳаёти сиёсиву иҷтимоии миллати худ саҳми бузург мегузоранд. Дар таърихи навини халқи тоҷик Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияте ҳастанд, ки на танҳо дар ташаккулу таҳаввули таърихи давлатдории соҳибистиқлоли тоҷик ва бақои имрӯзу фардои Тоҷикистон, балки барои эҳё намудани падидаҳои неку писандида ва арзишҳои волои фарҳангии ниёгонамон хизматҳои барҷаста кардаанд.

9 декабри соли 2015 дар саҳифаи таърихи миллати тоҷик боз як саҳифаи заррине зам шуд. Иҷлосияи навбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат»-ро қабул намуд. Лозим ба тазаккур аст, ки қабули қонуни мазкур арҷ гузоштан ба шахсияти таърихӣ ва хизматҳои бузурги ӯ дар назди халқу меҳан мебошад. Дар маҷмуъ, хусусиятҳои муҳимми сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инҳоянд: *фароҳам овардани фазои муътадил дар ҷомеа барои рушди ояндаи бемайлони он; ҷонибдории арзишҳои демократии бофарҳанг ва ба ҳувияти миллӣ мувофиқ; гуногунандешӣ, озодии виҷдон, матбуот; таҳаммулгароӣ, эътирофи ҳуқуқи халқиятҳои сокини Тоҷикистон ва расму русуми онҳо; институти бисёрҳизбӣ ва манъи ҳизбҳои хусусияти ифротгароидошта; нигаҳдории усули дунявӣ будани давлат; равобити гуногунвекторӣ бо кишварҳои хориҷӣ, сиёсати дарҳои боз; пойдории ваҳдати миллӣ, якпорчагӣ ва дӯстии халқҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ; рушди босуботи иқтисоди миллӣ, ҳимояи бозори дохилӣ, асъори миллӣ; давра ба давра кам намудани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар; самти афзалиятнок эълон намудани рушди маориф ва наздикшавӣ ба ҷомеаи технологӣ; ҳимояи манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон ва амнияти дохилӣ ва берунии он.*

Имрӯз тоҷикон ба шарофати ҳидоят ва роҳнамоии Сарвари хирадманди хеш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақом ва рисолати худро дар дунёи муосир пайдо намуда, дар ҷодаи ҷаҳонишавӣ гомҳои устувор ниҳода, дарҳои пӯшида ва марзҳои бастаи худро ба истиқболи дӯстони дерин ва ёрони нав боз кардаанд. Ҳамчунин, тоҷикон бо эҳё ва ҳифзи ҳувияти миллӣ ва андӯхтаҳои таърихии худ ҳамқадам ва ҳамрадифи мардуми сайёра гардидаанд. Ҳамакнун, овози тоҷик ва забони тоҷикӣ аз баландтарин минбарҳои ҷаҳонӣ садо медиҳад, иқдомот ва ибтикороти Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираҳои бонуфуз ва муътабари сиёсати ҷаҳонӣ мавриди эътироф ва таҳсин қарор гирифтаанд.

***Фарҳод РОЗИҚОВ –***
***дотсенти ДМТ,***
***Рухшона МУРОДАЛИЕВА –***
***магистранти ДМТ***

***ТАҶЛИЛ***

# АГАР ЗАН ҲАСТ, ДУНЁ БАРДАВОМ АСТ

## *(Намунаи машғулияти тарбиявӣ бахшида ба Рӯзи модарон)*

***Таҷлили Рӯзи модарон дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Зарурати таҷлили ин сана дар муқоиса бештар эҳсос мегардад, чун модар, ба қавле, “сарчашмаи хушкнашавандаи ҳаёт” аст. Намунаи як соати тарбиявӣ доир ба ин мавзуъ пешниҳоди омӯзгорони ҷавон мегардад.***

**Мавзуъ:** Зан – сарчашмаи маърифат.

**Мақсади дарс:** тарбияи шогирдон дар рӯҳияи эҳтиром ба зан-модар, худшиносии миллӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури онҳо ва ҷалби хонандагон ба ватандӯстиву ватанпарварӣ ва моҳияти он.

**Ҷойи баргузорӣ:** синфхонаи №28 бо иштироки хонандагони синфи 11

**Ашёи аёнӣ:** Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парчами миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гулҳои баҳорӣ, гулдузӣ ва зардевориҳо ва дигар расму овезаҳо.




**Равиши дарс:** Сухани муқаддимавӣ (роҳбари синф Зумратов А.Х.). Дарси имрӯзаи мо дар айёме баргузор мегардад, ки ба кишварамон фасли баҳор бо қадамҳои сабзи Наврӯзи фаррухпай фаро мерасад. Шумо хуб медонед, ки Наврӯз рамзи эҳёи табиат, сарчашмаи хуррамӣ, покизагиву зебоӣ ва нишони ҷовидонаи зиндагӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳамаи шумо гулдухтарони зебо, кулли модарон ва занону духтарони иззатманди мактабамонро ба муносибати Рӯзи модар ва айёми истиқболи Наврӯзи Аҷам самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо, пеш аз ҳама, саломативу хушбахтӣ, рӯзгори пурсаодат, хонадони ободу осуда ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

**Ҳамаи хонандагон месароянд:**

*Агар зан нест, мардон нимҷонанд,*
*Агар зан нест, мардон бенишонанд.*
*Агар зан нест, пас ҳусни ҷаҳон нест,*
*Агар зан нест, нақши ҷисму ҷон нест.*
*Агар зан нест, пайғоми дигар нест,*
*Агар зан нест, хушноми дигар нест. (Нурмуҳаммад Ниёзӣ)*

**Пахши суруди «Модар»-и Билол Воҳид тавассути тахтаи электронӣ.**

**Рамзия Зиёзода:** – Тавъам омадани ду ҷашн - Рӯзи Модар ва Наврӯзи хуҷастапай дар кишвари биҳиштосои мо худ рамзи баҳори шукуфони сарзамини аҷдодиамон мебошад, зеро зан – модар худ гул ва баҳори зиндагии башар аст. Дар ин маврид яке аз бузургони гузашта барҳақ фармудааст: “Ҳеҷ гуле атр, ранг ва зебоии модарро надорад”.

**Аминҷон Мӯсоев:** – Сарвари давлат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин маъниро басе хуб таъкид кардаанд: «Танҳо зан ва модари бомаърифат муайянкунанда ва созандаи маърифати миллат аст!». Ниёгони мо низ дар осори гаронбаҳои худ занро ҳамчун олиҳаи ҳусн, соҳибмаърифат ва оқилу хирадманд тасвир намудаанд.

**Мафтуна Камолова:** – Модар дар ҳаёти кас ҳама чиз аст: тасалло дар маъсумӣ, имдодгарӣ дар бадбахтӣ, қувва дар заифӣ ва нур дар дили сиёҳи шаб. Модар чашмаи шафқат, саховат ва муқаддимаи ҳаловату осоиш аст. Дар дунё гармтар аз меҳр, ширинтар аз шаҳду шакар, болотар аз тавоноиву қудрат ва нармтар аз дили модар чизе нест.

**Абубакр Шамсиддинов:** – Аз бузургии зан-модар он чиз шаҳодат медиҳад, ки ҳар сол дар Рӯзи модар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бонувони ҷумҳурӣ вохӯрӣ баргузор менамоянд. Дар рӯзи 8-уми март онҳоро табрик мекунанд. Бо Фармони махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009 8-уми март ҳамчун Рӯзи Модар қайд карда мешавад.

**Муниса Маҳмадалиева:** – Зиҳӣ, Модар, ба чунин қудрату матонат, эҳсону ҷасорат ва меҳру садоқати беканор, ки бузургони олам дар пешат сар фуруд меоранд… Оре, давлати фарзандон модар аст. Зиндагӣ худ шеър аст, ки бо аллаи модар ибтидо гирифта, бо номи он хотима меёбад. Ҳар фарзанде,ки қимати модарро медонад, бо дуояш хушбахту шуҳратёр мегардад.

**Ҳамаи хонандагон месароянд:**

*Агар зан ҳаст, пас гаҳвора ҳам ҳаст,*
*Дар он гаҳвора худ сайёра ҳам ҳаст.*
*Агар зан нест, пурғам зиндагонист,*
*Агар зан ҳаст, дил пур аз ҷавонист.*
*Агар зан нест, дунё ҳам тамом аст,*
*Агар зан ҳаст, дунё бардавом аст. (Нурмуҳаммад Ниёзӣ)*

**Пахши суруди «Алла»-и Мастона Эргашева тавассути тахтаи электронӣ.**

**Муҳаммадҷон Давлатов:** – Модар! Оре, модар аст мунису аниси ҳамешагии мо, ӯ ягона касест, ки моро ба ҳама гуноҳу хатоҳоямон дӯст медораду мепарварад, ҳамеша моро мебахшаду азиз медорад.

**Шабнам Ашӯрова:** – Модар барои мо ҳама чиз аст, ҳам нури басар, ҳам ҷону ҷигар, ҳам маънии рӯзгор, ҳам равнақу барор, ҳам субҳи замон, ҳам ҳусни чаман ва тоҷи сар.

**Иброҳим Иброҳимзода:** – Меҳру муҳаббати беинтиҳои модарон аст, ки ҳар сол ин ҷашн бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардида, мо - фарзандонро водор месозад, ки ба қадру манзалат ва бузургиву фурӯтании модарону бонувон арҷгузорӣ кунем ва қарзи фарзандии худро дар наздашон ба ҷо орем.

**Файзиддин Бобоев:** – Нақши зан дар ҷомеаи ҳуқуқбунёди мо, ҳифзи саломатии модарону хоҳарон, иштироки занон дар бунёди тарзи солими ҳаёт, аз ҷониби давлат дастгирӣ ва пуштибонӣ ёфтани ҳуқуқи умумибашарии зани тоҷик, дар вазифаҳои роҳбарӣ кор ва фаъолият кардани онҳо имрӯзҳо равшан ба чашм мерасад.

**Муҳаммадҷон Сияров:** – Беҳуда нест, ки сатҳи маърифати ҷомеа ва нуфузу эътибори он аз рӯи муносибат ба зан, ба модар муайян карда мешавад, аз рӯи он арзёбӣ мегардад, ки занон то чӣ андоза соҳибмаърифату соҳибкасбанд ва то чӣ андоза дар ҳаёти ҷомеа фаъол мебошанд.

**Қироати таронаи «Ёди Модар» дар иҷрои хонандагон:**

**Мавзуна Шарифова:** – Аё модар! Туро ёд кардам, дар танҳоӣ чашм мепӯшам ва садои хандаҳоят ба гӯшам мерасад. Вақте чашм мекушоям ин садо хомӯш мегардад, зеро ин садо тасаввур аз хотиротам буд. Туро ёд кардам модар, чӣ гуна суханҳое бароят бигӯям, то ту дар наздам ҳозир шавӣ ва туро оғӯш гирам, сарамро болои китфонат гузораму роҳат кунам. Оҳ, модар! Чашмонам аз ёди ту ҳамеша нам ҳастанд. Чӣ қадар вазнин, чӣ қадар мушкил аст дурӣ аз ту, туро ёд кардам.

**Дилноза Ҳошимова:** – Биё, модар, даст бар сарам бигузор, дили мисли мавҷҳои дарё пурталотум гаштаамро ором намо, биё, ки ман бо ту рози дил бигӯям. Эй раҳмати Худованд, ту бузургтарин шахси ҳаётӣ, зеро бо ин ҳама бузургӣ маро пиҳил кардӣ. Эй ҷаннати Парвардигор дар рӯи замин! Ту василаи хушбахтии ҳаёти ман, зеро ту маро бизодӣ, баҳри ман шабҳо дар сари гаҳворам нишаста бехобӣ кашидӣ, ҷӯйи ширатро аз ман дареғ надоштӣ. Туро ёд кардам, модар, ту мисли гул ҳастӣ, ки аз бӯйи хушат ҷаҳон муаттар аст.

**Мадина Назарзода:** – Бисёр занонро медонем, ки ба корнамоии худ ном баровардаанд. Ба мисли Валентина Терешкова – аввалин зани кайҳоннавард, Индира Ганди – раҳбари давлати Ҳиндустон, Беназир Бхутто – собиқ сарвазири Покистон, аз ҷумҳурии мо Зебуниссо Рустамова – чемпиони ҷаҳон оид ба камонварӣ, Гулчеҳра Сулаймонова, Озод Аминзода, Гулрухсор Сафиева ва садҳо шоираи дигарро медонем, ки бо эҷодиёти баланди худ ба дилҳо роҳ ёфтаанд, чароғи хонадонро равшан нигоҳ медоранд, ба хонадон гармӣ ато мекунанд.

**Самариддин Шукуров:** – Зан нигаҳдорандаи чароғи равшани хонадон буда, бо ҳастии худ ҷаҳони тозаеро мекушояд. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақому мартабаи занонро ҳамеша баланд мебардорад. Онҳо дар ҳамаи сохторҳои идоракунии давлат фаъолона иштирок намуда, баробари мардон қадам мезананд, дар ҳамаи корҳо фаъоланд. Ин гуфтаҳо шаҳодати онанд, ки занҳо бо ҳастии худ на танҳо чароғи хонадон, балки тақдирҷунбони дунё низ ҳастанд. Онҳо бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар дунёро меҷунбонанд.

**Комила Ҳошимова:** – Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ занон – модарон ҷонашонро дар кафи даст гирифта, ватанашонро ҳимоя намуданд. Аксари занон дар ҷанг нақши ҳамшираи шафқатро иҷро менамуданд ва қаҳрамониҳои зиёде нишон доданд. Маҷрӯҳонро аз дами марг наҷот доданд, бо лафзи ширини худ дили онҳоро ба зиндагӣ гарм намуда, умеди онҳоро ба фардои нек дубора зинда намуданд.

**Амирҷон Юсуфов:** – Ривоят мекунанд, ки Худованд накҳат аз гул, нӯш аз ангубин, гармӣ аз офтоб, тароват аз борон, шукӯҳ аз осмон, борондагӣ аз абр, равшанӣ аз субҳ, зебоӣ аз баҳору хушилҳомӣ аз андалебро қатра – қатра ҷамъ оварду занро офарид, то ҷаҳонро равшану инсониятро хушбахт гардонад.

**Омина Азимова:** – Пайдост, ки орифону фозилон, косибону олимон парвардаи боғи муаттари дунёи ҳавасҳои модаранд. Аз ин рӯ, донистани қадру манзалати модар вазифаи муқаддаси мост.

**Ҳамаи хонандагон месароянд:**

*Дар ҳавои ҳиммати ҳар зан ҳумои модар аст,*
*Дар сафои сифати ҳар зан санои хоҳар аст.*
*Дар ниҳоди зинати ҳар зан ҷилои зиндагӣ,*
*Дар зиёи дилкаши ҳар зан лиқои дилбар аст. (Нуриддини Садриддин)*

**Азиза Қаюмова:** – Меҳри бепоён ва навозишҳои гарми ӯ фонуси хаёли мост. Канори модар дабистони кӯдакии инсон аст. Шояд ба ҳамин сабаб аст, ки абармардони олам, шоҳон, шоирон ва олимон машҳури сайёра назди модар сари таъзим фуруд овардаанд. Шоири тавонои миллат, шодравон Лоиқ Шералӣ дар радифи ҳикмати аркони сухан модарро ба Замин монанд карда, бо як илҳоми шоирона гуфтааст:

*Ту монанди Замин танҳоӣ, модар,*
*Ту монанди Замин яктоӣ, модар.*

**Шаҳром Ватанзода:** – Модар бузург аст. Бузургии модар дар он аст, ки бузургтарин неъмати дунё - фарзандро ба дунё меорад. Шабу рӯз дар фикри он аст, ки фарзанд бузург, донишманд, ҳунарманд шавад ва барои ҷомеа инсони саҳмгузор гардад.

**Динора Оймаҳмадова:** – Модар фариштаи ишқ аст, зеро бо меҳрубониву навозишҳояш дар дили мо меҳру муҳаббату ишқро ҷо кардааст. Дӯст доштану ҷонфидо буданро аз модар омӯхтаем. Қудрати меҳру муҳаббат ва бахшандагии модарро бо чашми хеш дидаву дар вуҷуди

худ эҳсос намудаем. Агар Худо накарда ранҷе ба ҷонамон асар кунад, хуни дил хӯрдани модарро дида, ба қадри азизони худ расиданро меомӯзем.

**Муҳаммадсаид Нидоев:** – Агар панду дуои модар набуд, дар ин роҳи пурпечутоби зиндагӣ яқинан раҳгум мезадем. Агар олими заминем, агар қаҳрамонем, агар марди майдону Рустами замонем – ҳама аз баракати дасту дуои модар аст.

**Манучеҳр Турдиев:** – Хайру саховати замин аз саховати модарон, назокати дунё аз назокати модарон аст. Барои ин, барои ҳифзу ҳимояи модар тану ҷонро метавон фидо кард ва сари таъзим фуруд овард.

**Қироати шеъри Неъмати Оташ «Эй зан, эй зани тоҷик» дар иҷрои хонандагон.**

*Хубу дилрабо ҳастӣ, эй зан, эй зани тоҷик,*
*Чашмаи сафо ҳастӣ, эй зан, эй зани тоҷик.*
*Аз таҷаллии рӯят нур дар дилам ҷорист,*
*Шамси пурзиё ҳастӣ, эй зан, эй зани тоҷик.*
*Хуштаронаву хушгил, ҳар куҷо ба ҳар маҳфил,*
*Ту тарабфизо ҳастӣ, эй зан, эй зани тоҷик.*

**Умедҷон Азизов:** – Модар! Бароям хуршеди анвору моҳу ахтарӣ, бароям бахту иқболӣ ва ёвару раҳбар низ ва ниҳоят, бароям чашмаи ҳаётӣ. Оре, ҳамаи ин зебоиву меҳрубониҳоят бароям сарчашмаи зиндагӣ, сарчашмаи хушкнашавандаи ҳаёт аст.

**Муниса Анварова:** – Модар, номи ту чунон бузургу муқаддас аст, ки ҳама бо ин ном мефахранду меболанд. Дар оғӯшат тамоми оламро фаромӯш мекунанд. Худро мисли кӯдаки навзод ҳис мекунанд. Мехоҳанд дар оғӯши модар тамоми талхиву ширинии оламро фаромӯш кунанд. Ҳар кас симои меҳрубононаи модарро мебинаду рӯҳаш тоза мешавад ва мехоҳад равшании шоми модар ва сарбаландии ӯ бошад.

**Меҳрдод Солеҳов:** – Беҳтарин садои зиндагӣ тапиши қалби ту аст. Эй офтоби нозанини зиндагӣ, ҳамеша дурахшон бимон. Идат муборак, модарҷон!

**Нуриддин Довудов:** – Аз ту, очаҷонам, бобати тамоми азиятҳои бачагӣ маъзарат мехоҳам. Умедворам, қалбат ҳеҷ гоҳ аз ман гиламанд набошад, ман ҳамеша хушбахт бошам. Зеботарин ва поктарин қалбро дориву ман ҳанӯз натавонистаам заррае аз ранҷҳоеро, ки аз барои ман кашидай, ҷуброн кунам. Дӯстат дорам, то абад! Идат муборак, модарам.

**Хушнуд Шарифов:** – Фариштаҳои осмонӣ дар муқобили хубиҳои ту сари таъзим фуруд хоҳанд овард, зеро ту яке аз онҳоӣ. Рӯзи Модарро бароят аз самими қалб табрик мегӯям.

**Аниса Иззатова:** – Модарам, ту ягона мунису меҳрубонам, эҳсону дастгирам дар парешонҳолию шарикам дар ғаму андуҳ, ту табассуми ҳаётбахши сари гаҳвораю суруди ҷаҳонгири саҳаргоҳам. Ту худ ҷон ба каф гирифта, маро ба дунё овардӣ, дар сари гаҳвораам бо хоби ширин даст ба гиребон шудӣ, бо чашмони хастаат нигоҳубинам кардию бо дили афсурдаат ҳимоям.

**Ансорӣ Камолзода:** – Он ҳама қасидаву достонҳое, ки дар васфи мӯйи мушкину лабони чун ангубини зан суруда шудаанд, ба шаҳди як сухани ширин баробар намешаванд. Наққошони чирадасти дунё тавони инъикоси кони ҳусну малоҳати туро надоранд. Ту бузургӣ, модар ва бузургони ҷаҳон наздат сари таъзим фуруд меоранд, зеро ту ягона муттакои бовафоӣ.

**Пахши суруди «Иди Занон, Иди шумо, модарон»-и Ш.Ниёзӣ тавассути тахтаи электронӣ.**

***Азизбек ЗУМРАТОВ –***
***омӯзгори химияи литсейи №3***
***барои хонандагони болаёқати***
***шаҳри Душанбе***



***РӮЗИ МАТБУОТ***

# ҲАМРАЪЙӢ – ҲАМБАСТАГӢ – ПОЯНДАГӢ

***Рӯзи матбуоти тоҷик ҳамасола дар кишвар 11 март таҷлил мегардад. Ин рӯз ба хотири нашри нахустини "Бухорои шариф", ки аввалин рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ буда, маҳз бо кӯшишу талоши маорифпарварони Бухоро 11 марти соли 1912 нашр гардид, ҷашн гирифта мешавад. Рӯзномаи "Бухорои Шариф" минбари маорифпарварони тоҷик буд, ки хонандагони худро аз воқеаҳои ҷаҳон, масъалаҳои гуногуни адабӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ ва ғайра огоҳ мекард. Ба ибораи устод Садриддин Айнӣ: "Бухорои Шариф" дар торикистони таърих чароғе буд, ки мардумро бо рӯшноияш ба роҳи саводу маърифат ва огаҳию худшиносӣ бурд". Муҳаққиқон таъкид бар ин доранд, ки ин нашрия барои вориди майдони матбуот гардидан ва фаъолият намудани нашрияҳои тоҷикии "Шуълаи инқилоб", "Овози тоҷик" ва дигар рӯзномаву маҷаллаҳо замина гузошт. Аммо худи "Бухорои шариф" як соли пурра ҳам фаъолият накард ва 2 январи соли 1913 аз фаъолият боздошта шуд. Соли равон ба таъсиси рӯзномаи мазкур 110 сол пур шуд. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 Парлумони Тоҷикистон 11-уми мартро расман Рӯзи матбуоти тоҷик эълон кард, ки аз ҷониби намояндагони ВАО ҳамасола таҷлил мегардад.***



11 марти соли равон бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон бахшида ба 110 - солагии Рӯзи матбуоти тоҷик барномаи фарҳангӣ доир гардид, ки дар он мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Шуҳрат Азиззода, вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Давлатзода, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода, муовини раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Хайринисо Юсуфӣ, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зинатулло Исмоилзода, намояндагони вазорату идораҳои марбута, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва доираи васеи рӯзноманигорон иштирок доштанд.

Қабл аз оғози чорабинӣ иштирокчиён аз намоиши китобҳои тозанашри муассисаҳои нашриявии Вазорати фарҳанг дидан намуданд. Чорабинӣ дар толори Осорхонаи миллӣ бо намоиши суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути видеопроектор оғоз гардид.

Шуҳрат Азиззода зимни суханронии табрикотии худ аҳли қаламро ба муносибати Рӯзи матбуоти тоҷик шодбош гуфта, доир ба пешрафту дастовардҳои матбуоти тоҷик дар замони Истиқлол ибрози андеша намуд. Номбурда доир ба заминаҳои ҳуқуқиву воқеии фаъолияти матбуот, санадҳои меъёрии дахлдор, рисолати намояндагони ВАО ва фаъолияти онҳо ҳарф зад.

Сипас, вазири фарҳанги ҷумҳурӣ Зулфия Давлатзода таъкид намуд: "Имрӯз дар кишвари соҳибистиқлоли мо ҳиссаи матбуоти даврии давлатӣ 25% ва ҳиссаи матбуоти даврии мустақил 75%-ро ташкил медиҳад. Яъне, ин воқеият баёнгари таъмини озодии баён, ҳуқуқи озодонаи ҷустуҷӯ, дастрас ва паҳн намудани ахбор ва изҳори ақида дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи матбуоти Тоҷикистон бо тақозои воқеияти нави таърихӣ ташаккулу такомул ёфта, рушду нумӯъ кард. Муҳимтарин дастоварди даврони Истиқлол, муҳайё шудани заминаҳои ҳуқуқӣ ва воқеии фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар мамлакат мебошад".

Хайринисо Юсуфӣ дар паёми шодбошии худ ба нақши намояндагони матбуот дар 30 соли Истиқлол баҳои баланд дода, дар ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд матбуотро аз воситаҳои таъсиррасон ба афкори умум, саҳми онро дар раванди демократикунонӣ ва ташаккули афкори ҷомеа хеле муҳим арзёбӣ намуд.

Ҳуринисо Ализода, раиси Шӯрои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон дар мавзуи "Чаро меъёрҳои ахлоқи касбӣ ҳоло муҳимтар шудаанд?" маъруза намуда, матбуоти имрӯзиро матбуоти миллӣ унвон кард.

Роҳбари ташкилоти ҷамъиятии "Хома" Шаҳло Акобирова доир ба "Ояндаи журналистика: меъёрҳои кухна ва малакаҳои нав" суханронӣ намуд.

Дар фарҷоми чорабинӣ тақдими мукофотҳои пулӣ, ҷоизаву унвонҳои таъсиснамудаи вазорату идораҳо ба ғолибони озмунҳо ва собиқадорони соҳа дар фазои тантанавӣ сурат гирифт. Вазорати фарҳанг заҳмати рӯзноманигоронро қадрдонӣ намуда, ҳар сол дар рӯзи иди касбиашон онҳоро бо мукофотҳои соҳавӣ сарфароз мегардонад. Имсол низ як зумра рӯзноманигорон бо унвони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» ва ифтихорномаҳо қадрдонӣ гардиданд. Инчунин, Вазорати фарҳанг собиқадорони соҳа ва фаъолони расонаҳоро бо мукофотпулӣ қадрдонӣ намуд. Сипас, аз тарафи Ҳизби Халқии Демократи Тоҷикистон ҷоизаҳо ба рӯзноманигорон тақдим карда шуданд. Вазорати маориф ва илми кишвар фаъолони соҳаро бо нишони "Аълочии ифтихории маориф ва илми Тоҷикистон", Сипоснома ва Ифтихорномаи вазорат сарфароз намуд. Инчунин, мукофотҳои пулӣ ба донишҷӯёни ятими факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҷониби сармуҳаррири рӯзномаи "Ҷумҳурият" тақдим шуд.

Ҳамзамон, ғолибони ҷоизаҳои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон қадршиносӣ гардиданд. Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зинатулло Исмоилзода иттилоъ дод, ки барои дарёфти Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи устод Абулқосим Лоҳутӣ барои соли 2021 сиву ду довталаб маводи худро пешниҳод намуданд. Аъзои Кумитаи ҷоизаҳои ИЖТ аз байни онҳо Саида Набизода, Муҳаммадӣ Муқимов (Ҷовид Муқим), Шоҳона Одиназода, Нематулло Мирсаидов, Саидмурод Суғдмеҳр, Қурбоналӣ Раҳмонзода, Шотолиб Шоҳқосимов, Ҷумъахон Сайдалиев, Аҳлиддини Тоҳир ва Саидмурод Раҳимовро ба ин Ҷоиза арзанда эълон карда, ба ғолибон шаҳодатномаи Ҷоиза, нишони Ҷоиза ва маблағи пулӣ супорида шуд. Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Асадулло Саъдуллоев – «Нашрияи муваффақи маҳаллӣ» дар соли 2021 ба нашрияи «Хатлон» супорида шуд.

Бо мақсади тақвият бахшидани ҳисси ватандӯстӣ, ҷалби таваҷҷуҳ ва қадршиносӣ аз заҳмати ҳамкасбон дар муборизаҳои иттилоотӣ, бо пешниҳоди шифоҳии масъулони Вазорати фарҳанг, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Шӯрои ВАО ва Ташкилоти ҷамъиятии "Хома" ба чанд нафар фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ низ Сипоснома ва мукофотҳои пулӣ тақдим гардид.

Чорабинии идона бахшида ба рӯзи матбуоти тоҷик бо тамошои намоишгоҳи "Тоҷикистон-кишвари дарёҳои тиллоӣ" дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон хотима ёфт.



***Санҷар АМРИЕВ –***
***рӯзноманигор***

*Дафтару шеъру қалам пайванди зоти тоҷик аст,*
*Шаҳкитоби нангу номус илтифоти тоҷик аст.*
*Шаҳсутуни ғояи милливу боми эътимод*
*Дар дилу дар дидаи мо* **матбуоти тоҷик** *аст!*

***Давлат САФАР***

***ВАСФИ БАҲОР***

# НАВРӮЗИ ВАҲДАТ

***Барои миллати куҳанбунёди тоҷик пас аз суқути давлати Сомониён қариб ҳазор сол лозим шуд, ки дар порае аз сарзамини таърихии аҷдодиаш давлати худро бунёд намояд ва ба оламиён аз истиқлоли деринтизори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиаш паём фиристад.***

***Эмомалӣ РАҲМОН***

Ҷангу муқовиматҳои дохилӣ идома доштанду мардуми азиятдида дар талабу ҷустуҷӯи пораи нон худро ба ҳар кӯю дар мезад. Садои нолаю фиғон аз хонаҳое, ки дар ин даргириҳои комилан бемаънӣ шахси наздиктарини худ, ба масал, фарзанд ё падарашонро аз даст дода буданд, ба фалак дакка мехӯрд.




Ҳар рӯз, шуруъ аз субҳ хабару овозаҳои ваҳмовару даҳшатангез дар кӯчаю маҳаллаҳо ва шаҳру рустоҳо густариш меёфтанд. Муҳите ба зуҳур омада буд хатарзою навмедкунанда. Ҳама, аз навраси мактабхону донишҷӯ то пири солхӯрда ва пиразанон, дар баҳри хаёлҳои бесарунӯги ғамзо ғарқ гардида, аз худ мепурсиданд, ки ояндаи кишвари замоне мардумаш хирадманду фарзона ва меҳмоннавоз чӣ мешуда бошад?

Вазъият рӯз ба рӯз сангинтару мураккабтар гардида, талаю тороҷи хонаҳои одамон ва таъқибу қасосгирии якдигарӣ ба авҷи аълояш мерасид. Сокинони деҳаҳои наздисарҳадӣ дар вилояти онвақтаи Қӯрғонтеппа аз тарс ва бераҳмиҳои гӯшношуниди ярокдорон роҳи наҷоту растагориро дар фирор аз зодгоҳи хеш донистанд. Ҳамин тариқ, мардуми зиёде хонаю дар, молу мулк ва чорвои худро партофта, фарзандонашонро ҳамроҳ гирифта, рӯ ба ғурбат ниҳоданд. Шоҳидон имрӯз бадард нақл мекунанд, ки ҳангоми убури дарё бисёр одамон, аз ҷумла, пирону кӯдакон ба мавҷҳои пурситезу хурӯшон дучор гардида, бо чаппа шудани қаиқу амадҳо ғарқ гардиданд. Дар он соҳил, дар сарзамини Афғонистон хаймаҳои фирориёни тоҷик пайдо шуданд. Зиндагии занону кӯдакон ва дар маҷмӯъ, мӯйсафедону ҷавонон ба сахтӣ ва азобҳои гӯшношунид мегузашт. Аз гуруснагӣ ва сардиҳои тоқатрабои фасли зимистон одамон ба бемориҳои гуногуни сироятӣ гирифтор шуда, ҷон ба ҷаббор месупориданд. Бештар кӯдакону тифлон бо марг рӯ ба рӯ гардида, тарки олам мегуфтанд. Модари тоҷик ашк дар бари рухсор, тифли гурусна дар оғӯш, бо дили хунбор чашми ҳасрат аз он марз ба соҳили азизу ошно хоки Тоҷикистони ба ҷон баробар медӯхт. Ва ҳазорон алам дар дил аз худ мепурсид, ки оё рӯзе мерасида бошад, ки дубора ба сарзамини ёду хотираҳои ширин, зодгоҳи азизаш, он ҷое, ки хуни нофи фарзандонаш рехтааст, қадам мегузорад? Оё Худованд ӯву фарзандонаш ва ҷумла фирориёни ғурбатзадаро ба он рӯзҳои фараҳбахш мушарраф мегардонда бошад? Ва Худованд оҳи мардуми ҷафокашидаро гӯё шуниду ҷавонмарди матинированию ватандӯст Эмомалӣ Раҳмон инони ҳукумату давлатдориро ба даст гирифт.

Вале то ин дам…

Одамон тамоми хушиҳою зебоиҳои зиндагиро аз ёд бароварда, фикру хаёлашон дар меҳвари як орзуву ҳадаф мечархид: луқмаи нон ёфтану зинда мондан. Зимистони қаҳратунро пушти сар

кардану ба баҳори сабзу шукуфо расидан. Аммо ҳеҷ нафаре дамидани сабзаҳои дашту саҳро, пудинаву себаргаҳои лаби ҷӯ, шукуфтану рақсидани гулҳои лолаву бойчечак, наргису савсан, садбаргу бунафшаро пай намебурд. Баромадани тирукамони ҳафтрангро пас аз боридани боронҳои найсон намедиданд, чун чашмашонро пардаи тирагуни ғами бепоён фаро гирифта буд. Дигар Наврӯзи фархундапайю хуҷистафол аз хотирҳо фаромӯш шуда, одамон субҳи худро бо оҳу нола ба шом мерасонданд. Дурахши офтоб, хурӯши оби рӯдҳо, парвози селаи мурғони ҳаво, сабз гардидани ниҳолону дарахтон, аз гул ба гуле нишастану шаҳд чидани орую шапалакҳо ва навои чашмасорону таронаи обшорон аслан барои мардум бетафовут ва бегона ҷилва мекарданд. Атри гулҳо кайҳо аз димоғҳо рафта буд. Садои турнаҳоро овози сарду дилрешкунандаи тири камонҳо пахш карда, андешаю хаёлҳои ништангез ба мӯяву навҳаи андуҳзо мубаддал гардида буд.

Дар ҳамин ҳол…

Фарзанди баруманди диёр, инсони хоксору муҳиб ва мушфиқ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон камари ҳимматро сахт баста, ба сарвақти мардуми азалияткашидаи тоҷик расид. Гурӯҳҳои ҷангҷӯю муқовиматситезро сари як пиёла чой хонда, аввалқадам барои эҳёи Тоҷикистони озод, фазои боамну рифоҳ ва зиндагии саодатмандонаи мардум саъю талоши ҷиддиро пеш гирифт. Муҳимтарин вазифа, ки масъулияту рисолати виҷдонию имониро талаб мекард, ба Ватан баргардонидани занону мардон ва кӯдакону мӯйсафедони фирорӣ махсуб меёфт. Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин қарзи фарзандиро дар назди таърих сарафрозона иҷро кард. Баъдан баҳри рушду пешрафти мамлакати ҷангзада неруҳои мухолифинро ба музокира ва суҳбат баҳри сулҳу субот ва оромию тинҷии кишвар даъват намуд Сарвари кишвар. Баъд аз гуфтушунидҳои бешумор, оқибат 27 июни соли 1997 Созишномаи сулҳу истиқрор ва оштии миллӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди неруҳои мухолифин ба тасвиб расид, ки дар таърихи кишвар барои минбаъд бо номи Рӯзи Ваҳдат машҳур гардид.

Инак, аз он рӯзи фараҳфизою суруромез 25 сол сипарӣ мегардад. 25 соли талошҳову заҳматҳо, бунёдкориҳо, созандагӣ ва дастоварду музаффариятҳо, ки он ҳама маҳз дар заминаи сиёсати хирадмандонаи фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба анҷом расонида мешаванд. Тӯли ин солҳо дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ пешравиҳои тасаввурнопазир ба амал омаданд.

Танҳо дар соҳаи маориф дар тӯли ин солҳо зиёда аз 2000 муассисаи таълимӣ сохта ба истифода дода шуд. Дар бораи дигар комёбиҳо метавон соатҳои тӯлонӣ ҳарф зад, ки он ҳама ба ҳар як сокини мамлакат маълум аст.

…Боз баҳор меояд. Акнун мардуми шарифу сарбаланд ва заҳматкаши тоҷик худ ба пешвози ҷашни фархундаи Наврӯз гомҳои устувор мегузорад. Олам сабз, дилҳо пурнуру зиё, шодию фараҳ фаро гирифта ҳамагонро.

Дар зери офтоби ваҳдат, дар фазои сулҳу озодӣ ба истиқболи Наврӯз мешитобанд мардум.

Мешитобанду мегӯянд:

- Зиҳӣ Ваҳдат, зиҳӣ Сулҳу Амонӣ!!!
- Зиҳӣ Наврӯзи хуҷастапай!
- Зиҳӣ Наврӯзи Ваҳдат дар сарзамини шукуфону сарсабзи Тоҷикистон!

***Бобобек РАҶАБОВ –***
***омӯзгори мактаби №51,***
***ноҳияи Рӯдакӣ***

***Олам ҳама хандон шуд, Наврӯз муборак бод!***
***Ҷон дар бағали ҷон шуд, Наврӯз муборак бод!***
***Ёре бари ёр омад, ду кабк қатор омад,***
***Андуҳ гурезон шуд, Наврӯз муборак бод!***

***Ҳақназар ҒОИБ***

***ДОВТАЛАБ – 2022***

# БУРДУ БОХТИ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ

**(Баъзе таҳлилҳо оид ба ИМД-2021)**

***Ҳадафи асосии низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ИМД), ба роҳ мондани қабули мутамарказу шаффоф ва одилонаи донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.***

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 1-уми сентябри соли 2014, соли аввали ҷорӣ гардидани низоми ИМД, дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи дониш баён дошта буданд, ки “...вазифаи Маркази миллии тестӣ танҳо амалӣ гардонидани низоми ягонаи қабули имтиҳонҳо ба мактабҳои олӣ нест. Ин сохтори навтаъсис вазифадор аст, ки баъди анҷоми қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои омӯзиш ва мониторинги сифати таълими фанҳои гуногун дар шаҳру ноҳияҳо, мактабҳои алоҳида ва умуман, дар ҳар як муассисаи таҳсилоти умумӣ таҳлилҳо гузаронад ва хулосаҳои худро барои беҳтар намудани сифати таълиму тадрис ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намояд”.

Мониторингу таҳлилҳо, аз ҷумла, вобаста ба иштироки довталабон дар ИМД ва сатҳи комёбию дастовардҳояшон аз имтиҳонҳо барои муайян намудани сифати таълиму тадрис дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар асоси он андешидани чораҳои дахлдор бо мақсади беҳбудӣ бахшидани кор дар ин самт бесамар нахоҳад буд. Яъне, таъсири бозгаштӣ (feedback)-и натиҷаҳои ИМД низ ба зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омили беҳбудии сифати таълим дар муассисаҳо буда метавонад. Мо ин ҷо баъзе таҳлилҳоро аз иштироки довталабон дар ИМД-2021 дар муқоисаи дастовардҳои духтарон ва писарон тибқи натиҷаҳои ин имтиҳонҳо меоварем.



Мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бақайдгирии довталабон барои иштирок дар ИМД-2021 дар ду марҳала – асосӣ ва иловагӣ ба роҳ монда шуд. Шумораи умумии довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбии дар ҳар ду марҳалаи бақайдгирӣ (асосӣ ва иловагӣ) барои иштирок дар ИМД-2021 номнависшуда 91531 нафарро ташкил дод Ин шумора нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2020-ум 8867 нафар (8,83 %) ва нисбат ба соли 2019-ум 3243 нафар (3,42 %) кам аст.

Яке аз сабабҳои кам шудани шумораи довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), бо эҳтимоли зиёд, кам будани хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум) дар соли 2021-ум нисбат ба соли 2020-ум аст. Ин тафовут 6314 нафар (5,10 %)-ро ташкил медиҳад. Шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соли 2021-ум 117388 нафар ва дар соли 2020-ум 123702 нафар буд. Инчунин, сабаби дигари коҳиши шумораи довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), кушода шудани роҳҳо пас аз пандемияи COVID-19 ва пайдо шудани имкони рафтан ба хориҷи кишвар барои таҳсил аст. Зеро дар соли 2020-ум, бинобар хуруҷи пандемияи COVID-19,

шаҳрвандони ҷумҳурӣ натавонистанд, ки барои таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии хориҷӣ аз ҷумҳурӣ берун раванд.

Аз шумораи умумии довталабоне, ки соли 2021-ум дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ номнавис шудаанд, 41046 нафарашон (44,84 %) духтарон ва 50485 нафарашон (55,16 %) писаронанд (ниг. ба расми 1). Ҳиссаи духтарони азқайдгузашта дар соли 2021-ум нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2020-ум 1,65 % зиёд ва нисбат ба соли 2019-ум 0,41 % кам аст.




**Расми 1.** *Шумораи умумии довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбии барои иштирок дар ИМД бақайдгирифта дар солҳои 2018-2021*

Аз шумораи умумии довталабони азқайдгузаштаи дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтдоӣ ва миёнаи касбӣ, соли 2021-ум дар имтиҳонҳо 81712 нафар иштирок карданд, ки ин аз шумораи умумии довталабон 89,27 %-ро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи иштироки довталабони мазкур дар имтиҳонҳои соли 2021-ум нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи солҳои 2015-2020-ум пасттар аст. Аз ҷумла, нишондиҳандаи иштироки довталабони мазкур дар имтиҳонҳои соли 2021-ум нисбат ба нишондиҳандаи соли 2020-ум, ки дар муқоиса бо ҳамаи солҳои баргузории ИМД баландтарин мебошад, 5,69 % паст гардидааст.

Таҳлили ҳолати иштироки довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар имтиҳонҳо аз рӯйи ҷинс нишон медиҳад, ки дар ИМД-2021, чун дар солҳои пеш (ба истиснои соли 2020-ум), духтарон нисбат ба писарон дар имтиҳонҳо иштироки фаъолтар доштанд. Аз ҷумла, аз шумораи умумии духтарон 92,54 % ва аз шумораи умумии писарон 86,61 %-ашон дар соли 2021-ум дар имтиҳонҳо иштирок кардаанд.

Аз шумораи умумии довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум), ки дар ИМД-2021 12246 нафарро ташкил медиҳад, дар имтиҳонҳо 11436 нафарашон иштирок карданд, ки ин аз шумораи умумии довталабон 93,39 %-ро дарбар мегирад. Нишондиҳандаи иштироки довталабони мазкур дар имтиҳонҳои соли 2021-ум нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи солҳои 2019-2020-ум, мувофиқан 1,24 % ва 2,14 % пасттар аст. Новобаста аз ин, нишондиҳандаи иштироки довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум), нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 6,25 % бештар аст.

Аз шумораи умумии духтарони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) дар соли 2021-ум дар имтиҳонҳо 94,34 %-ашон ва аз шумораи умумии писарони дорои чунин таҳсилот 91,18 %-ашон иштирок карданд. Тавре аз ин омор бармеояд, дар ин зинаи таҳсилот низ духтарон нисбат ба писарон дар имтиҳонҳо иштироки фаъолтар доштанд. Лозим ба зикр аст, ки дар солҳои 2019-2020-ум низ духтарони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) нисбат ба писарони дорои чунин таҳсилот дар имтиҳонҳо фаъолтар ширкат кардаанд.

Шумораи довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки соли 2021-ум холҳои гузаришро аз ҳамаи субтестҳои дахлдори қисми А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ), инчунин, аз қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ё маҳорати махсус) ва Г (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ) соҳиб гардида, ба озмуни тақсимот роҳ ёфтаанд, ҳамагӣ 75492 нафарро ташкил дод, ки ин ба 92,39 %-и шумораи довталабони дар имтиҳонҳо иштироккарда (81712 нафар) баробар аст. Ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум ба 86,84 %, соли 2019-ум ба 87,13 %, соли 2018-ум ба 79,26 % ва соли 2017-ум ба 76,19 % баробар буд. Нишондиҳандаи мазкур аз холҳои гузариши фаннии ҳар сол муқарраршаванда, ки гуногунанд, вобастагӣ дорад.,

Бахусус, бояд инро ба назар гирифт, ки холҳои гузариши фаннӣ аз баъзе субтестҳо дар соли 2021-ум пасттар гардид.

Дар соли 2021-ум дар ҷумҳурӣ аз шумораи умумии духтарони дар имтиҳонҳо иштироккарда, ҳамагӣ 35208 нафар (92,69 %)-ашон ва аз шумораи умумии писарони дар имтиҳонҳо иштироккарда 40284 нафар (92,13 %)-ашон аз ҳамаи субтестҳои дахлдори қисми қисми А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ), инчунин, қисми В (аз имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус) ва қисми Г (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ) соҳиб гардида, ба озмуни тақсимот роҳ ёфтаанд. Агар ҳиссаи умумии духтарони ба озмуни тақсимот роҳёфта дар ИМД-и солҳои 2016-2020 нисбат ба ҳиссаи умумии писарони ба озмуни тақсимот роҳёфта кам бошад, соли 2021-ум ҳолати баръаксро мушоҳида кардан мумкин аст. Яъне, дар ИМД-2021 ҳиссаи умумии духтарони ба озмуни тақсимот роҳёфта нисбат ба ҳиссаи умумии писарони ба озмуни тақсимот роҳёфта каме (0,56 %) зиёдтар аст.

Шумораи довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум), ки соли 2021-ум холҳои гузаришро аз ҳамаи субтестҳои дахлдори қисми Б (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ) ва аз қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус) соҳиб гардида, ба озмуни тақсимот роҳ ёфтанд, ҳамагӣ 6237 нафарро ташкил дод, ки ин ба 54,54 %-и шумораи довталабони дар имтиҳонҳо иштироккарда баробар аст. Ин нишондиҳанда дар соли 2020-ум ба 69,41 % ва дар соли 2019-ум ба 73,88 % баробар буд. Тавре гуфтем, нишондиҳандаи мазкур аз холҳои гузариши фаннии ҳар сол муқарраршаванда, ки гуногунанд, вобастагӣ дорад.

Нишондиҳандаи ба озмуни тақсимот роҳёбии духтарони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум) дар соли 2021-ум нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи писарон 5,66 % пасттар аст. Лозим ба зикр аст, ки дар солҳои 2019-2020-ум низ вазъ чунин буд.

Мувофиқи натиҷаҳои 2 озмуни тақсимот, соли 2021-ум аз шумораи умумии довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбии ба озмуни тақсимот роҳёфта, ҳамагӣ 64937 нафарашон (бе кам кардани шумораи довталабони комёби барои номнависӣ ба муассисаҳои таълимӣ ҳозирнашуда) сазовори номи донишҷӯӣ шуданд, ки ин ҳамагӣ 86,02 %-ро аз шумораи умумии довталабони ба озмуни тақсимот роҳёфта ташкил медиҳад ва он нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи ИМД-и соли 2020-ум 1,44 % бештар аст. Бояд таъкид кард, ки зиёд гардидани ҳиссаи довталабони дар озмун комёбшуда дар соли 2021-ум нисбат ба соли 2020-ум маънои баланд будани натиҷаҳои бадастовардаи довталабонро надорад. Сабаби ҳолати мазкур аз нақшаи қабули донишҷӯён кам будани шумораи довталабони ба озмун роҳёфта, яъне паст будани озмун аз рӯйи қисми зиёди ихтисосҳо аст.

Тибқи таҳлили омории шумораи довталабони дар озмуни тақсимот комёбшуда, аз рӯйи ҷинс соли 2021-ум дар ҷумҳурӣ аз шумораи умумии духтарони ба озмуни тақсимот роҳёфта ҳамагӣ 29612 нафар (84,11 %)-ашон ва аз шумораи умумии писарони дар имтиҳонҳо иштироккарда 35325 нафар (87,69 %)-ашон дар озмуни тақсимот комёб гардидаанд. Ҳиссаи умумии духтарони дар озмуни тақсимот комёбшуда дар ИМД-и солҳои 2015-2020 низ, ба истисноi соли 2018-ум, нисбат ба ҳиссаи умумии писарони дар озмуни тақсимот комёбшуда кам буд. Ҳамин тариқ, соли 2021-ум ҳиссаи духтарони дар озмуни тақсимот комёбгардида аз ҳиссаи писарони дар озмуни тақсимот комёбгардида камтар аст ва фарқи ҳиссаи духтарони дар озмуни тақсимот комёбгардида аз ҳиссаи писарон 3,58 %-ро ташкил медиҳад.

Аз шумораи умумии довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум)-и ба озмуни тақсимот роҳёфта, тибқи натиҷаҳои 2 озмуни тақсимоти соли 2021-ум, ҳамагӣ 4873 нафарашон сазовори номи донишҷӯӣ шуданд, ки ин ҳамагӣ 78,13 %-ро аз шумораи умумии довталабони ба озмуни тақсимот роҳёфта ташкил медиҳад. Ин нишондод нисбат ба солҳои 2019-2020-ум мувофиқан 1,85 % ва 1,01 % бештар аст.

Соли 2021-ум низ, чун дар солҳои 2019-2020-ум, ҳиссаи духтарони дар озмуни тақсимот комёбгардида аз ҳиссаи писарони дар озмуни тақсимот комёбгардида камтар аст ва фарқи ҳиссаи духтарони дар озмуни тақсимот комёбгардида аз ҳиссаи писарон 14,34 %-ро ташкил медиҳад. Чунонки аз таҳлили нишондиҳандаҳои комёбшавии духтарон ва писарони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯйи минтақаҳо бармеояд, ҳиссаи чунин духтарони дар озмуни тақсимот комёбгардида аз ҳиссаи писарони дар озмуни тақсимот

комёбгардида камтар аст. Яъне, новобаста аз зинаи таҳсилот, нишондиҳандаи комёбшавии духтарон аз чунин нишондиҳандаи писарон пасттар аст.

Лозим ба таъкид аст, ки соли 2021-ум, тибқи натиҷаҳои ИМД якчанд маълумоти оморӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои гуногун омода гардид, ки Марказ онҳоро ба ҳамаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо якҷо бо раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ дастрас гардонида, омӯзишу баррасӣ ва истифодаашонро барои баланд бардоштани сифати таълим ва фаъолтар гардонидани иштироки довталабон дар ИМД тавсия дод.

Вобаста ба ин, шахсони масъулро зарур аст, ки бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз маълумоти омории таҳлилие, ки Марказ дар доираи ИМД ҳамасола омода менамояд, истифода карда, барои баланд бардоштани сифати таълим ва фаъолтар гардонидани иштироки довталабон чораҳо андешанд.



***Сабзалӣ ҶАЪФАРЗОДА –***
***директори Маркази миллии тестии***
***назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

## ФАРИШТАИ ҲАЁТ

Як сол пеш, маҳз дар ҳамин айём илҳоми ҳама баробари садои шеъри Озар дар сифоти модар ба ҷӯш омад. Бубинем, ки иддаои шоирон баҳри фаришта будан ё набудани модар то куҷост.

Озар мегӯяд:

*Модар фаришта буд, фақат болу пар надошт,*
*Шояд, ки дошт болу пар, аммо хабар надошт.*
*... Модар фаришта буд, дақиқан фаришта буд,*
*Ҳатто ба дӯш болу паре ҳам агар надошт.*

Ин шеъри Озар ба гимн табдил ёфт, гимни мардум дар васфи модар. Илҳоми Ниҳонӣ то ҷое сар зад, ки фикри дуюми Озарро дар бораи “болу пар надоштанаш” инкор мекунад. Чӣ тасвире:

*Модар фаришта буд, кӣ гуфто, ки пар надошт,*
*Фарзанд буд болу параш, худ хабар надошт.*

Даъвои шоириву мунаққидӣ надорам, аммо ин ҳам гапи андак нест. Мухаммасе, ки Мафтун бар ғазали Озар офарид, аслан аз Озар ҷонибдорӣ мекунад, бо тавзеҳе, ки бо набудани модар “ҷаҳон зебу фар надорад”:

*Модар агар набуд, ҷаҳон зебу фар надошт,*
*Ин шоми зиндагонии мо як саҳар надошт,*
*Нахли умеди мо самару шоху бар надошт.*
*“Модар фаришта буд, фақат болу пар надошт,*
*Шояд, ки дошт болу пар, аммо хабар надошт.”*

Наргиси Муродалӣ ба бузургии модар аз фариштаву ҳур бартарӣ додааст ва қотеонаву баҷуръатона назари ҳамқаламони худро инкор мекунад:

*Модар на фаришта аст, на ҳур аст,*
*Андар назарам зи ҳарду зӯр аст...*

Озарахш гӯё дар тақвияти таъкиди Наргис бошад, ки мегӯяд:

*Модар фариштатар зи тамоми фариштаҳост,*
*Номаш нишотбахши каломи фариштаҳост.*

Мо чӣ гӯем? Модар воқеан ва дақиқан фаришта буд ва ҳаст!

***Саидаи ФАЗЛ***

*МИНБАРИ МУТАХАССИС*

# НАҚШИ ХАДАМОТИ МЕТОДӢ ДАР РУШДИ КАСБИЯТИ ОМӮЗГОР

***Ҳангоми банақшагирии кори коллективи педагогӣ дар соли таҳсили нав, рушди фаъолияти ҳамаи соҳаҳои таълиму тарбия мавқеи хадамоти методӣ, бахусус, фаъолияти шӯро ва иттиҳодияҳои методӣ ба инобат гирифта мешавад. Мутасаддиёни хадамоти методии муассисаҳои таълимӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба кори инноватсионӣ-методӣ ба тартиб доварда, вазифаҳои фаъолияти хадамоти методиро дар соли ҷорӣ амалӣ мегардонанд.***

Дар тартиб додан ва тасдиқ намудани нақшаи кори методӣ, баровардани анкета ё пурсишномаи методӣ тавсияҳо пешниҳод карда, ба омӯзгорон дар бораи навигариҳои адабиёти педагогӣ маълумот дода, дар тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони нававвар саҳм мегиранд. Аъзои хадамоти методӣ ба омӯзгорони навкору ҷавон маслиҳати методӣ медиҳанд, корҳои ҳаррӯзаи методии инфиродӣ мебаранд, дар бораи гузаронидани дарси ҳозиразамон ба онҳо кумак мерасонанд. Натиҷаи ҷаласаи иттиҳодияи методиро ба маълумоти коллективи педагогӣ мерасонанд. Агар фаъолияти иттиҳодияи методӣ дар асоси талаботи зер ба роҳ монда шавад, натиҷаи хуб медиҳад:



1. Омӯзишу таҳлили ҳолати таълим ва сатҳи сифати дониш, маҳорат ва малака, дараҷаи илмӣ, тарбияи ахлоқӣ ва меҳнатӣ (иштирок дар дарсҳо ва таҳлили ҳадафмандонаи онҳо, чорабиниҳои беруназсинфӣ, омӯзиши иҷрои барномаҳои таълимӣ, истифодаи имкониятҳои тарбиявии фанҳои таълимӣ, гузаронидани корҳои назоратӣ ва таҳлили онҳо, тафтиши дафтарҳои хонандагон ва ғайра); 2. Омӯзиши раванди кори омӯзгор - сифати дарсҳо, иҷрои талабот ба дарси ҳозиразамон, шиносоӣ ҷиҳати банақшагирии самараноки методҳои таълим, ки омӯзгор истифода мебарад; 3. Ҷорӣ намудани методҳои пешқадами таълим ва тарбия; 4. Омӯзишу паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони ноҳия (шаҳр), ҷумҳурӣ ва эҷодкорона истифода бурдани он дар раванди кори худ; 5. Кор карда баромадани масъалаҳои душвори таълиму тадрис, иҷрои барномаҳои таълимӣ ва дар ин самт расондани ёрии амалӣ ба омӯзгорону хонандагон; 6. Бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ кор карда баромадани рушди малакаҳои инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ, луғатомӯзӣ, забондонии онҳо; 7.Усулҳои истифодаи воситаҳои таҷҳизоти муосири техникӣ ва ташкили корҳои беруназсинфӣ; 8.Иштирок дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ, дарсҳои кушод бо мақсади табодули таҷрибаи корӣ; 9. Назорат ва расондани ёрии амалӣ ба омӯзгорон оид ба худомӯзии онҳо, (ҳисоботи омӯзгорон бо пешниҳоди рефератҳо, шарҳи баъзе мақолаҳои методии нашриёҳои соҳавӣ, шиносоии онҳо бо мактубҳои тавсиявӣ-методӣ); 10. Бо маводи зарурӣ таъмин намудани гӯшаҳои кабинети методӣ.

Дар ҳар як ҷаласаи навбатии иттиҳодияи методӣ тавсияҳое, ки барои амалӣ гардидани нақшаи тасдиқшуда ба омӯзгор супорида шуда буданд, дида баромада мешаванд. Чунончи, дар ҷаласаи якум масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд:

1. Вазъи таълиму тарбия ва сифати дониш, маҳорату малакаи хонандагон аз фанҳои таълимӣ дар соли таҳсили гузашта ва вазифаҳои иттиҳодияи методӣ дар соли таҳсили ҷадид; 2. Ҷамъбасти кори иттиҳодияҳои методӣ бо назардошти ҳалли мушкилоти умумимактабӣ; 3. Шинос намудан бо мактубҳои дастурӣ-методӣ; 4. Омӯзиш ва таҳлили нақшаи кори иттиҳодияҳои методӣ оид ба худомӯзии омӯзгорон.

Роҳбарияти муассисаи таълимӣ дар якҷоягӣ бо созмонҳои ҷамъиятӣ баҳри таъсиси иттиҳодияи методии беҳтарин, гӯшаҳои методии ба талаботи замон ҷавобгӯй бояд диққати

махсус диҳанд, ҳамаи ҳуҷҷату барномаҳо, адабиёти зарурӣ ва дигар имкониятҳои заруриро барои омӯзгорон таъмин намоянд, аз ҷумла: барномаҳои таълимӣ, мактубҳои дастурӣ-методӣ, тавсияҳои методӣ барои фанҳо, маҷаллаҳои методӣ, рӯйхати адабиёт оид ба назария ва методикаи фанҳои таълимӣ, рӯйхати асбобҳои аёнӣ, феҳристи филмҳо, китобҳо ва мақолаҳои дар маҷаллаҳо чопшуда ва дигар масъалаҳои ҳалталаби мушкилоти раванди таълиму тарбия; маҷмуи супоришҳо барои корҳои мустақилонаи назоратӣ ва санҷишҳои маъмурӣ, маводи дидактикӣ; гӯша-овезаҳои асбобҳои аёнии омӯзгорон ва хонандагонро тайёр карда, корҳои беҳтарини эҷодии омӯзгорону хонандагон, намунаи дафтарҳои беҳтарин ва рӯзномаҳои шогирдон; навори дарсҳои беҳтарин, диску фитта, маърӯзаю лексияҳо; намунаи нақшаҳои тақвимӣ ва дарсӣ, беҳтарин нақшаи кори роҳбари синф ва мураббӣ; маводи ҷамъбастӣ аз таҷрибаи пешқадами омӯзгорон, роҳбарони синфҳо ва мураббиёни беҳтарин (дастуру мақолаҳо, албом, ҷузвдон, гӯшаю буклет, овезаҳо ва ғайра); мавод аз натиҷаи кори омӯзгорони муассисаи таълимӣ бо падару модарон ва аҳли ҷомеа (баромаду маърӯзаҳо ва лексияҳо барои падару модарон, протоколҳои ҷаласаи волидайн); маърӯзаҳои омӯзгорон дар иттиҳодияҳои методӣ, Шӯрои методӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ, хонишҳои педагогӣ, маводи омӯзишӣ, таҷрибаи пешқадами педагогӣ аз натиҷаи кори эҷодии омӯзгорони навовару эҷодкор.

Иштирок ва таҳлили дарсҳо, назорати машғулиятҳои беруназсинфӣ, кумаки методӣ ба омӯзгорон аз шаклҳои асосии кори шӯро ва иттиҳодияи методӣ ба ҳисоб меравад. Яъне маъмурият, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд пайваста дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфии якдигар иштирок карда, аз он хулосаи даркорӣ бароранд ва тавсияҳои зарурии методӣ диҳанд. Ҷамъбасти саривақтии корҳои методӣ, дар давоми соли таҳсил ё дар ду сол як маротиба гузарондани хонишҳои педагогии мактабӣ ё конференсияи илмӣ-амалӣ самти асосии фаъолияти раиси Шӯрои методӣ мебошад. Дар онҳо маърӯзаҳо ва иттилои муҳиме, ки омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, мураббиён тайёр кардаанд, шунида мешаванду тавсияҳо оид ба такмилу рушди раванди таълиму тарбия, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ тавсияю дастурҳо дода мешаванд. Ҳангоми хонишҳои педагогӣ ва конференсияҳои илмӣ -амалӣ ҳатман намоиши дастовардҳои муассиса ва омӯзгорони алоҳидаро ташкил кардан зарур аст. Махсусан, маъмурияти муассиса, роҳбарони иттиҳодияи методӣ ва мутахассисони ҷавон, ки нав ба фаъолияти педагогӣ сар кардаанд, бояд диққати ҷиддӣ зоҳир намояд. Зарур аст, ки ҷиҳати босифат гузаронидани давраи коромӯзии мутахассиси ҷавон, дар рушди маҳорати касбӣ, малака ва маҳорати педагогӣ ба онҳо кумаки холисона расонанд. Маъмурияти муассисаи таълимӣ ба мутахассисони ҷавон ва омӯзгороне, ки тавсия гирифтаанд, ёрии инфиродӣ расонда, метавонад онҳоро бо фармоиши худ ба ҳайси коромӯз ба омӯзгорони пуртаҷриба вобаста намояд. Ин самти кор дар намуди иштирок дар дарсҳои якдигар ва таҳлили судманди он, банақшагирии якҷояи дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ, истифодаи муносибати босалоҳият ба дарс, ба роҳ мондани усули ҳамкорӣ (интерактивӣ), ташкили кори гурӯҳӣ, кор карда баромадани нақшаи худомӯзӣ ва ғайра амалӣ мегардад.

Қисми ҷудонашавандаи кори методӣ дар муассисаи таълимӣ, дарёфт, омӯзиш, ҷамъбаст, паҳн кардан ва дар амал татбиқ намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, ҷаласаи иттиҳодияҳои методӣ дар ду моҳ як маротиба гузаронида мешавад. Роҳбарии умумӣ ба фаъолияти иттиҳодияҳои методӣ ва Шӯрои методӣ ба зиммаи директори муассиса гузошта мешавад. Сарвари мактаб бояд дар самти баланд бардоштани дараҷаи илмӣ-методӣ ва баланд бардоштани савияи касбии кадрҳои педагогӣ шароити мусоид фароҳам оварад. Ташкили корҳои методӣ ба зиммаи муовини директор оид ба корҳои таълим гузошта шудааст. Вай масъули бевоситаи банақшагирии корҳои методӣ буда, вазифаҳои роҳбарони иттиҳодияи методиро муайян ва нақшаи кори онҳоро меомӯзад, барои беҳтар таҳия намудани нақшаҳои корияшон тавсияҳо медиҳад, иҷрои нақшаро зери назорат мегирад, дар ҷаласаи онҳо иштирок карда, маслиҳату тавсияҳо медиҳад, фаъолияти иттиҳодияи методиро ба танзим медарорад.

Хуллас, хадамоти методӣ дар рушди маҳорати касбии омӯзгор ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълим нақши муҳим дорад.

***М. БУРҲОНОВ,***
***Б. ҲАЙДАРОВ –***
***мутахассисони Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ***

# ШАКЛИ МУАЙЯНӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Артикл калимаи фаронсавӣ буда, маънояш “ҳисса” ё “қисм” мебошад. Артиклҳо ба ҳамаи забонҳо хос нестанд. Онҳо хоси забонҳои арабӣ, романӣ ва англисӣ мебошанд. Артиклҳо муносибати байни аъзои ҷумларо ифода намуда, шаклҳои синтаксисии забонро ташкил намедиҳанд ва ҳиссаи ёрирасони забон мебошанд. Артикл категория ё нишондиҳандаи исм буда, пеш аз он ва сифат меояд.***

**Артикл вазифаҳои гуногуни грамматикӣ дорад, аз ҷумла:**

а) Он ифодаи грамматикии калимаи мустақилмаъно – аломати исм аст. Илова гардидани артикл ба калимаю шаклҳои ғайриисмӣ онҳоро ба исм мубаддал мегардонад. Дар ин сурат тағйирот ба вуҷуд меояд, яъне ин ё он калима таркиби морфологии худро тағйир надода, ба категорияи дигар мегузарад. Масалан, дар забони англисӣ: play – бозӣ кун, the play – бозӣ. Дар забони тоҷикӣ низ ҳамин ҳолат ба назар мерасад: рақсидан – рақс, хандидан – ханда. Аммо, азбаски дар забони русӣ артикл вуҷуд надорад, ин гуна субстантиватсияи (калимаи лотинӣ буда, маънояш “исмшавӣ” аст) феъл рӯй дода наметавонад. Дар ин сурат забони русӣ ба типи морфологии калимасозӣ рӯй меоварад: обедать – обед, играть – игра.

б) Артикл категорияи грамматикии муайянӣ ва номуайянии калимаро фарқ мекунонад.

**Дар забони англисӣ ду намуди артикл вуҷуд дорад:**

1. Артикли номуайянӣ – indefinite article – “a, an”
2. Артикли муайянӣ – definite article – “the”




Артикли номуайянӣ ду шакл дорад: “a” ва “an”. Ин артикл муайянкунандаи исм мебошад. Он дар шумораи танҳо пеш аз исми шумоapprox шумаридашавандае, ки предметро номбар мекунад ва онро чун намояндаи гурӯҳи ҳамон предмет тасниф мекунад, аммо онро дақиқ нишон намедиҳад, истифода мешавад. Агар исми шумаридашаванда дар шумораи танҳо бо ҳамсадо сар шавад, пеш аз он артикли номуайянии “a [ə]” ва агар исми шумаридашаванда дар шакли танҳо бо садонок сар шавад, пеш аз он артикли номуайянии “an [ən]” гузошта мешавад. Мисол: a notebook, an office, a classroom, an hour, a book, an umbrella, a student, an offer.

Умуман, маънои артикли номуайяниро чун “ягон, кадоме; як; яке аз онҳо; кадоме ки набошад; кадоме набошад” фаҳмидан мумкин аст. Аз ин сабаб, ин артикл танҳо бо исми шаклаш танҳо корбаст мешавад: a bag, a tent, a plan, an ant, an apple, an orange, an economist…

Артикли муайянии “the” ду хел талаффуз карда мешавад. Пеш аз калимаҳое, ки бо ҳарфҳои ҳамсадо оғоз мешаванд, чун “the [ðə]” ва пеш аз калимаҳое, ки бо садонок сар мешаванд, ҳамчун “the [ði]”: the company, the book, the hour, the map, the pencil... The onion, the orange, the yard, the author, the office…

Артикли муайянии “the” пеш аз исмҳои шумаридашаванда ва шумориданашаванда дар шумораи танҳо ва ҷамъ кор фармуда шуда, он исмро (предметро) аз дигар предметҳои ҳамҷинсаш ҷудо мекунад:

Give me the bag. Ҷувздонро ба ман диҳед.

Open the door. Дарро кушо.

Take the pan. Ручкаро гир. (Ҳамон ручкаро гир.)

Пайдоиши артикли муайянии “the” аслан аз ишораҷонишини (он, ҳамон) мебошад ва он дар бисёр ҳолат ҳамин маъноро мегирад:

The book you give me was very interesting. – Ҳамон китобе, ки шумо ба ман дода будед, хеле шавқовар буд.

The boy helped us was my friend. – Ҳамон писаре, ки ба мо ёрӣ дода буд, дӯсти ман буд.

Артикли муайянӣ вақте истифода мешавад, ки предмет ҳам ба гӯянда ва ҳам ба шунаванда маълум бошад:

This is a car. The car is black. – Ин мошин аст. Мошин сиёҳ аст.

This is a book. The book is green. – Ин китоб аст. Китоб сабз аст.

Дар ҷумлаи аввал мо бо истифодаи артикли номуайянӣ предметро муаррифӣ кардем, дар ҷумлаи дуюм бошад, вақте ашё муайян шуд аз артикли муайянӣ истифода намудем. Дар забони англисӣ қоидаҳои махсуси артикли муайянии “the” мавҷуд аст, ки инҳоянд:

**1. Пеш аз номҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла рӯд, дарё, халиҷ, ҷазира, баҳр ва уқёнус истифода мешавад:** the Black Sea - баҳри Сиёҳ, the Baltic Sea - баҳри Балтик, the Thames - Темза, the Volga - Волга, the Sahara - Саҳрои Кабир (биёбон), the Urals - Урал, the Azores - ҷазираҳои Азор, the Crimea - Қрим, the United States - Иёлоти Муттаҳида, the Euphrates - Фурот (номи дарё дар Туркия), the Mediterranean Sea - баҳри Миёназамин, the Atlantic Ocean - Уқёнуси Атлантика, the Pacific Ocean - Уқёнуси Ором, the Alps - Алп, the Oxford Road - роҳи Оксфорд, the Argentine - Аргентина.

**2. Пеш аз номҳои рӯзномаву маҷаллаҳои англисӣ, осорхона, театр, кинотеатр, меҳмонхона ва киштӣ кор фармуда мешавад:** the Times - (рӯзномаи) Таймс, the Sun - (рӯзномаи) Сан, the Guardian - (рӯзномаи) Гардиан, the British Museum - осорхонаи Британия, the National Gallery - галереяи миллӣ, the Lohuty (Theatre) - театри Лоҳутӣ, the Savoy (Hotel) - меҳмонхонаи Савой, the Titanic - киштии “Титаник”.

Аммо: South Africa - Африқои Ҷанубӣ, North America - Амрикои Шимолӣ артикли муайянии “the” намегиранд.

**3. Пеш аз шумораҳои тартибӣ доимо артикли муайянии “the” кор фармуда мешавад:**

Today is the first of September. – Имрӯз якуми сентябр аст.

Today is the eighth of January. – Имрӯз ҳаштуми январ аст.

The first lesson – дарси якум.

The six year – соли шашум.

**4. Агар “the” пеш аз шумораи миқдорӣ ояд, асосан он чунин маъно мегирад:** the two – ҳарду, the three – ҳар сеяш.

**5. Чор қутби дунё ҳамеша бо артикли “the” меояд:** the North – шимол, the South – ҷануб, the West – ғарб, the East – шарқ.

**6. Калимае, ки аз рӯи мавҷудият ягона бошад, бо артикли муайянии “the” кор фармуда мешавад:** the Sun – офтоб, the Moon – моҳтоб, the Earth – замин, the sky – осмон.

**7. Артикли муайянии “the” пеш аз фамилия (насаб)-и одамон барои ифодаи аҳли хонавода истифода мешавад ва исм дар навбати худ, ки номи хонаводаро ифода мекунад, дар шумораи ҷамъ меояд:** The Rajabovs - Раҷабовҳо (яъне Раҷабов бо оилааш), The Lavrovs - Лавровҳо (оилаи Лавровҳо), The Browns - Браунҳо (оилаи Браунҳо).

**8. Номи исмҳои моддӣ (ашё) бо артикли муайянӣ ҳангоме истифода мешавад, ки сухан оид ба шумораи муайяни ашёҳои додашуда равад, асосан ҳангоми аз мазмуни ҷумла муайян аст ва гӯянда шумораи ҳамаи ашёҳоро дар назар дорад, ки он ҷо мавҷуданд:** Will you pass me the salt, please? - Хоҳиш мекунам, ба ман намакро диҳед.

**Муқоиса кунед:**

1) Snow is white. – Барф сафед аст (барф умуман ҳамчун характеристикаи сифатӣ додашуда аст). 1) Milk is good for babies. Шир барои кӯдакони хурд муфид аст (умуман шир).

2) The snow is dirty. Барф ифлос аст (шумораи маҳдуди барф ашё ҳамин рангро дорад). 2) The milk is hot. Шир гарм аст (миқдори муайяни шири додашуда).

**9. Пеш аз сифатҳои дараҷаи олӣ:** the best friend – рафиқи беҳтарин, the most interesting film – филми шавқовартарин.

**Артикл дар мавридҳои зерин гузошта намешавад:**

**1. Пеш аз исмҳои шуморидашаванда дар шумораи ҷамъ:** cats – гурбаҳо, dogs – сагҳо.

**2. Пеш аз исмҳои шуморидaнашаванда (дар маънои умумии истилоҳ):**

I do not eat bread. Do you eat bread? Ман нон намехӯрам. Ту нон мехӯрӣ?

**Аммо:** The bread is good. (Ин) нон бомазза аст.

**3. Исмҳои хос одатан бе артикл истифода мешаванд. Артикл дар мавриди зерин истифода намешавад:**

**а) бо номи мамлакатҳо ва қитъаҳо:** Europe - Аврупо, Asia – Осиё, Central Asia - Осиёи Миёна, Siberia – Сибир, Japan – Ҷопон.

**б) бо номи шаҳрҳо:** Dushanbe – Душанбе, Moscow – Маскав, London – Лондон, Washington – Вашингтон. Аммо артикли муайянӣ бо номи пойтахти Голандия (Ҳоланд) –Гаага - the Hague истифода мешавад.

**в) бо номи кӯча ва майдонҳо:** Kirov street - кӯчаи Киров, Mayakovsky square - майдони Маяковский.

**г) бо ном ва фамилияҳо (насаб):** Abraham – Иброҳим, Ann – Анна, Bob – Боб, Mary – Мерӣ, Petrov – Петров.

**4. Пеш аз мурочиат (хитоб):** Mr. – ҷаноб, Mrs. – бону, Miss – хонум, Madam – хонум, Sir – ҷаноб, uncle – амак, тағо, aunt –амма, хола, mum брит., mom амер. –модар, Father –падар, Dad/Daddy – падар.

**5. Пеш аз рӯзҳои ҳафта, моҳҳо, фаслҳои сол, идҳо:** Days – Рӯзҳо, Monday – душанбе, Wednesday – чоршанбе, Friday – ҷумъа, Months – Моҳҳо, January – январ, March – март, September – сентябр, Seasons – Фаслҳои сол, spring – баҳор, winter – зимистон, autumn, брит., fall амер. – тирамоҳ, summer – тобистон, Holidays – идҳо, Christmas – мавлуди Исо, Easter – Пасха (иди динии яҳудиён ва насрониён).

**6. Пеш аз номгӯи хӯрок:** breakfast – наҳорӣ (субҳона), lunch – наҳории (субҳонаи) дуюм, ланч, dinner – хӯроки нисфирӯзӣ, supper – хӯроки бегоҳирӯзӣ.

**7. Бо исмҳои маънои мафҳумдошта кор фармуда намешавад:** Knowledge is power – дониш қувва аст.

**8. Номҳои исмҳои ашё (моддиёт) ҳангоми онҳо миқдори муайяни ин ё он предметро ифода накарда, танҳо ягон ашёро номбар мекунанд, бе артикл истифода мешаванд. Дар ин ҳолат баён аз рӯи маъно хусусияти умумиро мегирад:** I like milk – ман ширро дӯст медорам (номи предмете, ки ҳамин хел ном дорад).

**9. Исмҳое, ки номи илм ва фанҳои дарсиро (таълим) ифода мекунанд, бе артикл истифода мешаванд:** At the Institute we take Literature, Philosophy, History and Geography – мо дар донишкада адабиёт, фалсафа, таърих ва ҷуғрофияро меомӯзем. Ин исмҳо бе артикл истифода мешаванд, агар сифат пеш аз онҳо ба вазифаи муайянкунанда омада бошад: We take English Literature – мо адабиёти англисиро меомӯзем. He loves Russian Literature – вай адабиёти русро дӯст медорад.

Умуман, артиклҳо тарҷума намешаванд. Онҳоро дар вақти тарҷума аз рӯи вазифаашон дар ҷумла муайян мекунанд. Масалан, дар забони тоҷикӣ артикли “the [ðə]” бештар ба пасоянди “ро” муродиф аст: Read the text, please – лутфан, матнро хонед. Open the book, please – лутфан, китобро кушоед.

**Дар забони англисӣ як қатор ибораҳои дигар ҳастанд, ки дар исм ҳамеша бо артикли муайянӣ меоянд:** it is out of the question – ин аз мавзӯ берун аст, to take the trouble to do smth – ташвиш (заҳмат) кашидан, in the original –дар асл, to play the piano – пианино навохтан, on the

whole – куллан, умуман, the other day – дар рӯзҳои охир, on the one hand – аз як тараф, on the other hand – аз тарафи дигар, to tell the truth – росташро гуфтан, to tell you the truth – росташро гӯям.

**Дар як қатор ибораҳои дигар дар забони англисӣ исмҳо умуман бе артикл истифода мешаванд:** out of doors – дар кӯча, дар берун, to take to heart –ба дил гирифтан, to take offence – ранҷидан, to give permission –иҷозат додан, at present – ҳозир, худи ҳозир, from morning till night – аз субҳ то шом, from beginning to end – аз аввал то охир, by chance – ногаҳонӣ, for hours – соатҳо, at sunrise – ҳангоми тулӯи офтоб, at sunset – ҳангоми ғуруби офтоб, at work – дар кор, for ages – хело вақт боз, муддати дуру дароз.

**Эзоҳ:** Артикл хоси исм аст ва он нишондиҳандаи исм ба шумор меравад: to play – бозӣ кардан, the play – бозӣ.

Артиклҳои муайянӣ ва номуайянии забони англисӣ дар бисёр маврид ба забони тоҷикӣ чунин маъно мегиранд: a book – китобе, the book –китобро.

Дар забони тоҷикӣ ҳам категорияи муайянӣ ва номуайянӣ ба воситаи калимаю ҳиссаҳои ҷудогона ифода мегарданд, ба монанди: як, яке, ягон ва суффикси номуайянии "–е" ва ишораҷонишини ин, он, ҳамин, ҳамон.

Дар забони русӣ, ки артикл вуҷуд надорад, ин гуна маънои грамматикӣ бо калимаи ёридиҳандаи як – один ва ба воситаи интонатсия ифода меёбад.

Артиклҳо дар шумораи ҷамъ ва танҳо фарқ мекунанд. Масалан, дар забони англисӣ артикли номуайянии "a (an)" танҳо бо исмҳои шумораи танҳо истифода бурда мешаванд. Дар шумораи ҷамъ артикл партофта шуда, ба исм суффикси "–s, –es" ҳамроҳ карда мешавад. Мисол: a pan – pens, a book –books, a fox –foxes, a bus –buses.

Артикли муайянии "the" бошад, бо исмҳои шакли ҷамъ ва танҳо низ истифода мешавад: The pen is red. The pens are red.

**Адабиёт:**


1. Мамадназаров А., Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. –Душанбе: "ЭР-граф", 2015. -1016 саҳ.
2. Ғафурова М. Ҷ., Астанова Х. А. English reader. –Душанбе -2011, 130 саҳ.
3. Каушанская В. Л., Ковнер Р. Л., Кожевникова А. Grammar of the English language. – Москва: "Айрис-пресс", 2010.
4. Олимшо Иқболов, Грамматикаи забони англисӣ. –Душанбе -2010, 120 саҳ.
5. Туйғунов Н., Сангинов Ф, Грамматикаи забони англисӣ (маводи таълимӣ). –Душанбе -2010, 184 саҳ. 6. Ф. Сангинов, "Test your English grammar + English grammar in tables". –Душанбе - 2010, 112 саҳ.





***Бахтовар САФАРОВ –***
***магистранти курси 2-юми***
***факултети журналистикаи ДМТ***


***Рӯҳи инсон ҳамеша эҳсоси ташнагӣ мекунад, ба ҳама чизҳое, ки ормониянд ва яке аз онҳо шеър аст... Дар маҷмуъ, адабиёт зодаи тамаддун аст, аммо шеъри таркиби он адабиёт аз олами ормону идеал сарчашма мегирад.***

***Ҳадафи ниҳоии шоир аз сароиши шеъраш бояд ҳамин бошад, ки дар зеҳни мардум (албатта, на ҳама, бавижа ононе, ки ба маърифати асари бадеъ имкону неру доранд) ҳамчун сарчашмаи кулли зебоиҳо фаҳму дарк шавад, эҳтиёҷоти маънавии шунаванда ва ё хонандаи шеър қонеъ шавад...***

***Ҳафиз РАҲМОН***

# БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ВА МЕТОДИКАИ ГУЗАРОНИДАНИ ОНҲО

***Дар гурӯҳҳои синнусолии муассисаи томактабӣ бозиҳои қоиданок чун воситаи алоқамандкунии омӯзиш ва бозӣ ба ҳисоб мераванд. Бозиҳои қоиданок ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: бозиҳои дидактикӣ ва серҳаракат. Бозиҳои дидактикӣ бозиҳои омӯзишӣ мебошанд. Ҳадафи асосии онҳо ташаккул додани азхудкунӣ ва мустаҳкамкунии тасаввурот, маҳорат, малака ва қобилияти зеҳнист.***

Бозиҳои дидактикиро чун воситаи тарбия ва таълим васеъ истифода мебаранд, зеро онҳо ҷараёни омӯзишро хеле осон ва мақсаднок месозанд. Бозиҳои дидактикӣ аз ҷиҳати мазмун ва талаботи барномаҳои таълимии томактабӣ қисмҳои зайлро дар бар мегиранд: ба кӯдакон додани *тасаввурот оид ба ашё, сифату хосият ва тайиноти онҳо; тасаввурот дар бораи хелҳои меҳнат, касбҳои гуногун ва нақши ин касбҳо дар ҳаёти одамон; тасаввурот доир ба фаслҳои сол, ҳодисаҳо ва ашёи табиат; тасаввурот оид ба фазо.*

Ҳар як бозии дидактикӣ мақсад, *қоида* ва *амалҳои* хоси худро дорост. Азхудкунии қоидаҳои бозӣ ва риояи онҳо ҳангоми бозӣ ба ташаккул додани мустақилиятнокӣ, худназораткунӣ ва робитаи байниҳамдигарии кӯдакон мусоидат мекунад. Дар раванди педагогӣ бозиҳои дидактикӣ асосан дар ду маврид истифода мешаванд: ҳамчун *метод ва усули омӯзиш* дар машғулиятҳои таълимии шиносоӣ бо муҳит ва табиат, тасаввуроти одитарини математикӣ, инкишофи нутқ, мусиқӣ ва муайяну мустаҳкам кардани донишҳои кӯдакон; ҳамчун *фаъолияти мустақили* кӯдакон ба шумор меравад.



Ҳамин тариқ, мазмуни бозиҳо ва қоидаҳои он ба вазифаҳои мушаххаси барномаи таълимию талаботи ин ё он фаъолияти омӯзишӣ алоқаманданд. Нақши мураббӣ дар интихоб ва гузаронидани бозиҳои дидактикӣ хеле муҳим аст. Бозиҳои мазкур ҳамчун фаъолияти мустақили кӯдакон одатан берун аз машғулиятҳои таълимӣ ташкил карда мешаванд. Дар ҳар ду ҳолат мураббӣ ба равиши бозиҳои номбурда роҳбарӣ ва назорат мекунад. Агар мураббӣ дар машғулиятҳо тарзи бозӣ карданро ёд диҳад, бо қоидаҳо ва амалҳои бозӣ шинос кунад, дар пайи мустақилона бозӣ кардани кӯдакон бошад, иштирокчии бевоситаи бозӣ мегардад ва рафтору муносибати байниҳамдигарии кӯдаконро назорат ва арзёбӣ менамояд. Идоракунии бозиҳои дидактикӣ се марҳиларо дар бар мегирад: *омода намудан, ташкил ва доир намудани бозиҳо, таҳлили натиҷаҳои он*. Дар омода намудани бозӣ чиҳоро бояд ба эътибор гирифт? Интихоби бозиҳо бо назардошти ҳадафҳои тарбия ва таълим мувофиқи синну сол, вақти гузаронидани онҳо тибқи речаи рӯз (дар ҷараёни машғулиятҳо ё берун аз онҳо), ҷойи доиршавӣ (дар гурӯҳ, дар майдончаи бозӣ, ҳангоми сайругашт...); муайян кардани шумораи иштирокчиён (як гурӯҳ, зергурӯҳ ё як кӯдак). Инчунин, дар марҳилаи якум интихоби маводи дидактикӣ (аёният, бозичаҳо, расму тасвирҳо, маводи табиӣ) муҳим мебошад. Мураббӣ бояд рафти бозиро пешакӣ омӯзад, қоидаю усулҳои гузаронидани бозиҳоро хеле хуб донад. Бозӣ он вақт самараи хуб дода

метавонад, ки агар кӯдакон низ ҳаматарафа ба он омода бошанд, яъне оид ба ашё, ҳодисаҳои гирду атрофе, ки ба ҳалли вазифаҳои бозӣ равона шудаанд, тасаввурот дошта бошанд. Ҳар як бозии дидактикӣ ҳатман аз қоидаҳои бозӣ ва амалҳои бозӣ иборат аст. Агар ягонтои инҳо ба ҳисоб гирифта нашавад, он ба як машқи одӣ мубаддал шуда мемонад. Пас, саволе ба миён меояд, ки дар зери мафҳуми “Амалҳои бозӣ” чиро мефаҳмем?

*Амалҳои бозӣ* амалҳое мебошанд, ки кӯдакон онҳоро дар ҷараёни бозӣ истифода мебаранд. Амалҳои бозӣ *гуногун* мешаванд: дар *гурӯҳҳои хурд,* агар он дар ивазкунӣ, аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдан, муқоиса ва интихоби ашё аз рӯйи ранг ва ҳаҷм, ғундоштани тасвиру расмҳо ифода ёбад, дар гурӯҳҳои калон робитаи байни кӯдакон муташаккил ва қавитар мегардад. Ҳамзамон, дар бозиҳои дидактикӣ мавқеи калонро бозичаҳои мардумӣ ишғол мекунанд, ки ҳар яки онҳо бо равшании ранг, ороиши хоси миллӣ, шавқу завқи кӯдаконро ба бозӣ дучанд менамоянд. Ин бозичаҳо ҳадяи беҳтарини аҷдодонамон ба насли наврас мебошад, ки то ин дам нигоҳ дошта шудааст: лухтакҳои бофта, гаҳворачаҳо, ҳайкалчаҳои чӯбини ҳайвонҳои хонагию ваҳшӣ, тӯбчаҳои латтагӣ, бодпаракҳо ва ҳоказо. Дар бозиҳои дидактикӣ расму тасвирҳои мазмундорро васеъ истифода мебаранд: ҷойи зисти одамон, меҳнати онҳо дар хона, корхона, замин, ашёи гуногун, либос, меваю сабзавот. Ҳаҷми расмҳо тахминан 15-20 см бояд бошад. Ғайр аз ин, мураббияҳо бозиҳои дидактикии шифоҳӣ доир мекунанд, ки дар онҳо ягон мавод ё бозича истифода бурда намешавад ва аслан, барои гурӯҳҳои калон ва омодагӣ ба мактаб пешбинӣ карда шудаанд: байтҳои навозишию дӯстдорӣ, номбар намудани аломати фаслҳои сол, амалҳои иҷрошудаи шабонарӯзӣ ва ғайра. Бозиҳои дидактикӣ ҳам берун аз машғулиятҳо ва ҳам чун шакли омӯзишӣ дар машғулиятҳои таълимӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Омодагӣ ба бозиҳо аз мураббиён маҳорати баланди касбиро талаб менамояд, зеро мураббӣ баъзе ҳадафҳои омӯзишро иҷро карда, вазифадор аст, ки бозиҳои мазкури шавқоварро нигоҳ дорад ва такмил диҳад.

Мураббиён ҳангоми ба нақша гирифтани кор бо кӯдакон, бозиҳои дидактикиро ҳам барои машғулиятҳо мувофиқ ва ҳам барои вақти пешбинишудаи бозиҳои тарбиятгирандагон (берун аз фаъолиятҳои омӯзишӣ) ба танзим медарорад. Дар анҷоми ҳар як бозии дидактикӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудан мумкин аст, ба монанди ёфтани ҷавоби чистонҳо ва ҷавоби саволҳо оид ба ашёю бозичаҳо. Иҷрои супоришҳои омӯзишӣ маҳз муваффақияти кӯдакро нишон медиҳад. Баҳодиҳӣ ва ҷамъбасти бозӣ лаҳзаи муҳимтаринест дар идоракунии он. Мураббӣ кӯдаконеро, ки шартҳои бозиро дуруст иҷро карда, ба дигарон кӯмак расонданд ва фаъол будаанд, қайд менамояд. Таҳлилу арзёбӣ бояд ба беҳтар намудани сифат ва таъсирнокии бозиҳо равона карда шавад. Ғайр аз ин, таҳлили ҳаматарафаи раванди иҷрои бозӣ имконият медиҳад, ки мураббӣ минбаъд метавонад бо назардошти хусусиятҳои фардии кӯдакон, бозиҳоро дуруст ва мақсаднок ба роҳ монад. Акнун *хусусиятҳои идоракунии* бозиҳои дидактикиро дар гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ дида мебароем.

***Гурӯҳи хурд /3-4-сола/***

Мураббӣ бояд ба ҳисоб гирад, ки ҳаёти кӯдакони синни 3-4-сола аллакай рангинтару ҷолибтар мешавад, амалиёт дар бозию рафторҳо, дар муносибат бо дигарон мунтазам мураккабтару шавқовартар мегарданд. Аммо диққати кӯдакони ин син ҳоло он қадар устувор нест, яъне онҳо метавонанд, аз як фаъолият ба фаъолияти дигар дода шаванд. Аз ин рӯ, дар иҷрои бозиҳои дидактикӣ барои кӯдакони хурд баъзе мушкил пайдо мешавад. Истифодаи бозичаҳои диққатҷалбкунанда, усулҳои мухталифи гузаронидани бозӣ метавонанд, кӯдаконро барои иҷрои ҳадафҳои бозӣ ҳавасманд кунанд. Инчунин, бозиҳо метавонанд барои кӯдакон шавқовар гарданд, агар ба мазмуни онҳо ягон унсури нави душвортар ворид карда шавад, ки он қобилияти зеҳнии онҳоро ташаккул медиҳад. Ба тарбиягирандагони соли чоруми ҳаёт дарки ҳиссиётии гирду атроф хос буда, хоҳиши ламс кардани ашё, мушоҳидаи ҳаматарафаи ин ашё ва ҳатто маззаи онҳоро чашидан мушоҳида карда мешавад. Мураббӣ қоидаҳои бозиро дар ҷараёни бозӣ фаҳмонда медиҳад. Бозӣ он вақт самараи дилхоҳ медиҳад, ки агар мураббӣ кӯдаконро бо ашёи интихобшуда, тасвири расмҳо ва дигар маводи зарурии бозӣ пешакӣ шинос намояд. Аз ин лиҳоз,

мураббӣ бояд маводи дидактикиеро интихоб намояд, ки ҳар як кӯдак онро шиносад, таҳқиқ кунад ва бо он фаъолона амалу бозӣ карда тавонад.

Дар анҷоми бозӣ мураббӣ бояд танҳо ҷиҳатҳои мусбии амали кӯдаконро қайд кунад: дӯстона бозӣ карданд, аҳлона бозичаҳою ашёро ғундоштанд ва ҳоказо. Ин тарзи кор имконият медиҳад, ки кӯдакон ҳавасманд шаванд ва боз хоҳиши дар бозиҳо иштирок карданро изҳор намоянд.

***Гурӯҳи миёна /4-5-сола/***

Ба кӯдакони синни 4-5- сола, пеш аз ҳама, устуворшавии диққат, бахотиргирии ихтиёрӣ, мукаммал гардонидани қобилияти дарккунии биноӣ, шунавоӣ ва ламскунӣ хос аст. Кӯдакон аллакай шаклу ҳаҷми мураккаби ашёро фарқ карда метавонанд. Захираи луғавӣ ғанӣ ва инкишофи тафаккури онҳо мушоҳида мегардад. Кӯдакон ашёро аз рӯйи ранг, сифат ва таъйинот метавонанд гурӯҳбандӣ кунанд. Мураббӣ ҳамаи хусусиятҳои мазкури синнии кӯдаконро ба эътибор гирифта, маводи бозиҳои дидактикии мувофиқро интихоб менамояд: зочаҳо, лото, саққочаҳо, расмҳои бурида, бозичаҳо ва ғайра. Нақши мураббӣ дар ин гурӯҳи синнусолӣ тағйирёбанда аст, яъне баъзан иштирокчии бозӣ мешаваду баъзан гузаронидани бозиро ба ихтиёри худи кӯдакон мегузорад. Масалан, пеш аз доир намудани бозии дидактикии “Ашёи аз ҳамин мавод сохтагиро ёбед!” мураббӣ бо тарбиягирандагон ашёи аз чӯб, металл, пластмасс ва резин тайёршударо аз назар мегузаронанд. Дар оғози бозӣ мураббӣ қоидаро фаҳмонда, таъкид мекунад, ки ашё дар хонаи гурӯҳ ҷой дода шудааст ва ҳар нафаре, ки мeёбад, хосияти ашёро номбар мекунад ва ашёро ба ҷойи мувофиқи омодашуда мегузорад, яъне ашёи чӯбинро ба даруни қуттии чӯбин, ашёи резиниро ба даруни сарпӯши резинӣ... ва ҳоказо. Ҳамин тариқ, мураббӣ тасаввуроти кӯдаконро оид ба қоидаҳои бозӣ мустаҳкам мекунад.

Дар гурӯҳи миёна бо мақсади инкишофи нутқи кӯдакон, рушд бахшидани қобилияти зеҳнии онҳо тавассути тасаввурот бисёртар бозиҳои шифоҳии дидактикӣ доир карда мешаванд. Дар соли панҷум ин намуди бозиҳо устувории диққати кӯдаконро таъмин менамоянд. Мураббӣ барои ташаккул додани қобилиятҳои сенсории кӯдакон, инкишофи эҳсосу дарк ва маърифати психологии онҳо, ба монанди нутқ, идрок, тафаккур, хотир, ирода, намудҳои гуногуни бозиҳоро истифода мебарад.

***Гурӯҳи калон /5-6- сола/***

Сатҳи инкишофи зеҳнии кӯдакони гурӯҳи калони томактабӣ ба тасаввуроти аёнӣ- ҳиссиётӣ асос ёфта, фаҳмиши одии кӯдаконро на танҳо оид ба гирду атроф, балки доир ба ҳикояҳо, шеърҳои шунидаашон ва худи мафҳуми китоб пайдо мекунад. Дар ин синну сол ба кӯдак кунҷкобӣ, мушоҳидаи амалҳо ва ҳавасмандӣ ба тамоми рӯйдодҳо хос аст. Бо баробари васеъ гаштани ҳаҷми донишу фаҳмиши кӯдак, дар фаъолияти фикрии ӯ низ тайғирот рӯй медиҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми интихоби бозиҳо ба дараҷаи мураккаб будани мазмуни қоидаҳо ва амалҳо эътибори махсус дода мешавад, то ки кӯдакон дар иҷрои онҳо қувваи зеҳнию иродавии хешро нишон диҳанд. Дар гузаронидани бозиҳо мавқеи асосиро ҳадафҳои мусобиқа ишғол мекунад, ба кӯдакҳо имконияти мустақилона интихоби бозиҳо дода мешавад. Нақши мураббӣ дар бозӣ ҳалкунанда аст. Мураббӣ ба кӯдакон қоидаю мақсадҳои бозиро бояд саҳеҳ ва дуруст фаҳмонад. Кӯдакон мустақилона бозӣ мекунанд, мураббӣ назорат мебарад, то ки дар анҷом бозиҳоро натиҷагирӣ намояд.

Мураббӣ бояд бозиҳоеро, ки ба кӯдакон пешниҳод менамояд, хеле хуб донад. Дар гурӯҳҳои калон бозиҳои дидактикии шифоҳӣ ва бозиҳое, ки қобилияти фикркуниро талаб мекунанд, васеъ истифода мешаванд: домино, конструктор, шашка, бозӣ- чистонҳо, мозайка ва ғ. Ҳангоми доир намудани бозиҳои дидактикӣ хусусиятҳои хоси кӯдакони синни 5-6- соларо ҳатман ба эътибор бояд гирифт.

***Гурӯҳи омодагӣ ба мактаб /6-7- сола/***

Кӯдаки соли ҳафтум, аллакай қобилияти таҳлил ва қиёс намудани ашёро аз ҷиҳати аломатҳои хоси онҳо - ранг, шакл, ҳаҷм муайян карда метавонад. Дар гурӯҳи омодагӣ ба мактаб бозиҳое истифода мешаванд, ки кӯдак минбаъд ба василаи он бозиҳо фикрашро пайдарпай баён мекунад, тасаввуроти математикӣ ва нутқи шифоҳиро инкишоф медиҳад. Бозиҳоро худи

тарбиягирандагон интихоб намуда, ташкил мекунанд. Мураббӣ танҳо мушоҳида мебарад ва дар лаҳзаҳои зарурӣ метавонад маслиҳатҳо диҳад. Мураббӣ дар ҷамъбасти бозиҳо бояд ба тарбияи ахлоқии байни кӯдакон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намояд: дастгирии ҳамдигар, ба бозии рафиқаш халал нарасонидан, ҳангоми ғолиб омадан худро таъриф накардан ва ғайра. Зеро ташаккул додани малакаҳои иҷтимоии кӯдакон, дар оянда барои таҳсил кардани онҳо дар мактаб мусоидат мерасонад. Дар гурӯҳи омодагӣ ба мактаб, чун дар дигар гурӯҳҳои синну солӣ зарур аст, ки алоқамандии бозиҳои дидактикӣ бо фаъолиятҳои дигари кӯдакон роҳандозӣ карда шавад: бо бозиҳои эҷодӣ, унсурҳои аввалияи тарбияи меҳнатӣ, фаъолияти бадеӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, мураббӣ бо кӯдакони синни томактабӣ тамоми марҳилаҳои бозиҳои дидактикиро роҳбарӣ ва назорат менамояд (интихоби бозичаҳо, тасвиру расмҳо, маводи бозӣ) ва ин бозиҳоро мувофиқи талаботи барномаҳои таълимию қобилияти эҷодии хеш ба роҳ мемонад.

**Намунаи бозиҳои дидактикӣ барои кӯдакони синни 3-7-сола**

**Бозиҳо барои кӯдакони 3-4-сола**

***Ғелондани саққочаҳо ба назди байрақчаҳо***

Вазифаи дидактикии бозӣ – мустаҳкам намудани дарки рангҳо тавассути маводи омӯзишӣ: саққочаҳо ва байрақчаҳои ранга мебошад.

Мураббӣ ба кӯдакон саққочаҳои ранга тақсим мекунад. Дар байни гурӯҳ, болои гилем байрақчаи як ранги муайяндоштаро мегузорад. Аз кӯдакон хоҳиш мекунад, ки саққочаҳои ҳамранги онро ёфта, ба сӯяш ғелонанд. Ҳамин тариқ, мураббӣ пайдарпай байрақчаҳои дигар рангҳодоштаро низ дар фосилаҳои баробар гузошта, рангҳоро номбар карда, таъкид менамояд: “Ба назди байрақчаи кабуд саққочаи кабудро ғелондан даркор. Кӣ саққочаи кабуд дорад?”. Кӯдакон саққочаҳоро мувофиқи рангҳо ба сӯйи байрақчаҳо мeғелонанд ва дар натиҷа як манзараи рангоранги зебо пайдо мешавад. Мураббӣ мепурсад: “Дар назди байрақчаи сурх – саққочаҳои сурх бошад, дар пеши байрақчаи сабз саққочаҳои кадом ранг истодаанд? ”

Мураббӣ ҳамроҳи кӯдакон ба назди ҳар як байрақчаю саққоча омада, дар бораи рангҳои маводи пешниҳодшуда аз кӯдакон мепурсад, кумак мекунад ва бозиро мустаҳкам ва ҷамъбаст менамояд.

***Кӣ зудтар бозичаҳоро меғундорад?***

Дар бозии додашуда маводи гуногунмазмун истифода шуда,танҳо аз рӯйи як аломаташон – ранг ҷамъ оварда мешаванд.

Маводи омӯзишӣ: табақчаҳои ранга, сабадчаҳо ва бозичаҳои гуногунранг. Мураббӣ қоидаи бозиро шарҳ медиҳад: пеши ҳар як кӯдак табақча ва ё сабадча гузошта мешавад. Баъдан аз онҳо хоҳиш менамояд, ки бозичаҳои ҳамранги табақчаю сабадчаро ёфта, болои онҳо гузоранд.

***Калон ва хурд***

Мураббӣ болои миз қуттичаҳо, кубикҳо ва табақчаҳо мегузорад, ки аз рӯйи ранг ва ҳаҷм фарқ мекунанд. Бо пешниҳоди мураббӣ баъзе кӯдакон бояд табақчаҳо, гурӯҳи дигар кубикҳо ва сеюмин табақчаҳоро танҳо аз рӯйи ҳаҷми якхела ёфта гиранд. Баъдан мураббӣ диққати кӯдаконро ба ҳаҷми гуногуни бозичаҳо ҷалб намуда, хоҳиш менамояд, ки дар мобайни миз кубики аз ҳама калон ва хурдро гузоранд. Кӯдакон кубикҳои калону хурдро муқоиса намуда, мегӯянд: “Ин кубик калон аст, ин кубик хурд аст”.

Бо мақсади васеъ гардонидани тасаввуроти кӯдакон оид ба бузургии ашё мураббӣ хоҳиш менамояд, ки маводро вобаста ба рангу ҳаҷм ҷудо кунанд.

**Бозиҳо барои кӯдакони синни 4-5-сола**

***Ин хелашро ёбед***

Бозӣ кӯдаконро ба шавқ меорад ва онҳо таваҷҷуҳбро бештар ба мушоҳида, муқоиса, монандӣ ва фарқияти ашё равона мекунанд**.** Мураббӣ пеш аз сайругашти кӯдакон ба боғ, беша ва боғи фароғатӣ ба онҳо баргҳои дарахтону буттаҳои гуногунро тақсим мекунад ва мефаҳмонад, ки баргҳои дар даст доштаашон аз кадом дарахт ё бутта ҳастанд, муайян кунанд. Кӯдакон бояд аз кадом дарахт будани барги дар даст доштаро ёбанд ва исбот намоянд, ки чаро ин хел фикр

доранд? Мураббӣ ба кӯдакон хотиррасон мекунад, ки бигзор, аз мушоҳидаю муқоиса ва шакли баргҳои дарахтон истифода баранд.

***Сагча канӣ?***

Кӯдакон давра мешинанд. Мураббӣ назди кӯдакон хоначаи сагчаро гузошта, бозичаи сагчаро гирифта, ба самтҳои гуногун нисбат ба хонача ба ҳаракат медарорад. Мураббӣ аз кӯдакон мепурсад: “Сагча дар куҷо истодааст?”. Кӯдакон бояд муайян кунанд: назди хонача, дар қафои хонача, дар назди дари даромад, дар тарафи рост ё чап нисбат ба хонача ва ҳоказо.

Бозӣ такрор меёбад ва кӯдаконе, ки дуруст ҷавоб медиҳанд, метавонанд сагчаро ба ҳар сӯй тоб дода, аз кӯдакон хоҳиш мекунанд, ки мавқеи ӯро нисбат ба хонача муайян кунанд. Бозӣ фаҳмиши кӯдаконро оид ба тасаввуроти фазо инкишоф медиҳад.

***Чӣ дар куҷо мерӯяд?***

Ҳадафи асосии бозӣ – муайян намудан ва ташаккул додани тасаввуроти кӯдакон доир ба олами наботот мебошад, яъне кадом растанӣ дар куҷо мерӯяд.

Мураббӣ дар ҷараёни бозӣ ба кӯдакон расми мева, сабзавот ва меваи буттагиро пешниҳод намуда ягон расмро нишон дода, савол медиҳад: “Ин мева (сабзавот...) дар куҷо мерӯяд?”. Кӯдакон бояд нишон ва ҷавоб диҳанд, ки дар боғ, полиз ё беша ва ғайра. Кӯдаке, ки дуруст ҷавоб медиҳад, ба ӯ ягон намуди мева ё сабзавотро тухфа медиҳанд. Ғолиб нафаре ба ҳисоб меравад, ки аз ҳама зиёд тухфа гирад.

**Бозиҳо барои кӯдакони синни 5-6-сола**

***Кӣ бисёртар медонад?***

Мураббӣ диққати кӯдаконро ба он ҷалб мекунад, ки дар хонаи гурӯҳ ашёи зиёде мавҷуданд ва на ҳамаашонро болои миз, даруни сабад ё қуттӣ гузоштан имконпазир бошад, масалан, ҷевон, қандил ва ҳоказо. Мураббӣ вазифа мегузорад: “Канӣ, ҳамаи ашёи иҳотакардаро мушоҳида кунед ва ҷавоб диҳед, ки кадом ашё (мебел, рамаҳою шишаҳои тиреза, дарҳо, китобчаҳо, бозичаҳо...) аз чӣ сохта шудааст?”. Баъдан кӯдакон ҳамроҳи мураббӣ ба назди ашёи гуногуни гурӯҳ омада меистанд ва бо навбат ҷавобҳоро пешниҳод менамоянд. Баъди анҷоми бозӣ мураббӣ бо кӯдакон якҷо ҷавобҳои дуруст ва миқдори ашёро ҳисоб мекунанд. Мураббӣ барои ҳавасманд кардани кӯдакон ситорачаҳоро омода намуда, ба кӯдаконе, ки ашёи чӯбин ёфтанд, ситорачаҳои сабз, ашёи шишагӣ ёфтанд, ситорачаҳои сафед ва ашёи коғазиро муайян кардаанд- ситорачаҳои зард тақдим мекунад. Инчунин, тавсия дода мешавад, ки бозии мазкурро метавонанд ҳангоми сайругашт дар майдончаи бозӣ, ки таҷҳизоти зиёд дорад, ташкил кунанд.

***Ин тавр кунед!***

Болои миз (ё дар ҷойҳои дигари хонаи гурӯҳ) бозичаҳо гузошта мешаванд. Кӯдакон қатор шуда, мавқеи бозичаҳоро дар фазо мушоҳида менамоянд, яъне кадом бозича дар кадом самт ҷой дода шудааст. Масалан, дар мобайн зоча, дар кунҷи чап арча, дар рости он харгӯшча, болои рафҳои ҷевон ва ҳоказо. Кӯдаке аз қатор баромада, дур рафта меистад ва дар ин лаҳза ҷойи як-ду бозичаро иваз мекунанд. Кӯдак гашта омада, бояд ёбад, ки чӣ тағйир ёфт. Ҳамин тавр, кӯдакони дигар ҳам бозиро давом медиҳанд ва мураббӣ метавонад бозиро такроран ташкил намояд.

***Ин дар кадом вақт рӯй медиҳад?***

Дар ин бозӣ мураббӣ тасаввуроти кӯдаконро оид ба фаслҳои сол мустаҳкам менамояд ва нутқи онҳоро инкишоф медиҳад. Мураббӣ пешакӣ расмҳои фаслҳои солро, ки аломатҳои фарққунанда, иду хушҳолиҳои хос доранд, омода менамояд:

***Тобистон***: офтоб, алаф, гулҳои бисёр, мева, сабзавот; алафу гандум даравидан, мевачинӣ; оббозии кӯдакон, бозӣ бо тӯб, моҳигирӣ ва ғайраҳо.

***Тирамоҳ:*** хазонрезӣ, боридани борон, рафтани парандаҳои мавсимӣ ба ҷойҳои гарм, ҷамъоварии мева, сабзавот, пахта, оғози таҳсил дар мактабҳо, омодагии ҳайвонот ба зимистон (санҷоб замбурӯғу чормағзро захира мекунад).

***Зимистон:*** барф, шамол, захираи ҳезум, саворшавии кӯдакон дар чанаҳо, лижаронӣ, аз барф сохтани арча, барфак.

***Баҳор:*** обшавии яххҳою барф, омадани парандаҳои мавсимӣ, гулҳои аввалин, ҳашарот, шинондани сабзавот дар полиз, анҷоми соли хониш.

**Бозиҳо барои кӯдакони синни 6-7- сола**

***Баръакс***

Кӯдакон давра меистанд. Мураббӣ бо навбат тӯбчаро ба сӯйи ҳар як кӯдак ҳаво медиҳад. Кӯдаки тӯбчаро доштагӣ бояд ба гуфтаҳои мураббӣ диққат дода, даррав ҷавоби мувофиқ диҳад ва тӯбчаро боз ба мураббӣ равон кунад. Мисол, мошинча –ин бозича, миз – ин мебел, курта - либос, коса – зарф ва ҳоказо.

Кӯдаке, ки ҷавоб дода натавонист, ё тӯбчаро ғалтонд, аз бозӣ хориҷ мешавад.

***Дирӯз, имрӯз, фардо***

Кӯдакон давра меистанд. Мураббӣ калимаеро гуфта, тӯбчаро ҳаво медиҳад. Кӯдаке, ки тӯбчаро медорад, бояд вақти муайянро номбар кунад. Масалан, “Имрӯз ба сайругашт меравем. Дирӯз расмкашӣ доштем. Пагоҳ машғулияти мусиқӣ дорем”.

Ҳамин тавр, тасаввуроти кӯдакон оид ба вақт ташаккул дода мешавад.

***Кӣ чиро медонад?***

Мураббӣ бозиро бо мақсади муайян намудани дониши кӯдакон дар бораи ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ мегузаронад. Мураббӣ расмҳои ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳширо болои миз чаппа мегузорад. Кӯдакон бо навбат расмеро гирифта, доир ба ҳайвони тасвирёфта маълумот медиҳанд: номи ҳайвон, фоида ё зарарашро барои инсон бояд нақл кунанд. Кӯдакон барои ҷавобҳои дурусташон ҳавасманд гардонида мешаванд.



***Тӯтихон ДЕВОНШОЕВА –***
***омӯзгори калони ДҶТИБКСМ***

***Наврӯз – рӯзи аввали моҳи фарвардин, ки расидани офтоб аст ба нуқтаи аввали Ҳамал.***

***«Ғиёс-ул-луғот»***

***Сабаби ном ниҳодани Наврӯз аз он будааст, ки офтоб дар сесаду шасту панҷ шабонарӯз ба рубъи аввали дақиқаи ҳамал бозояд ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт рӯзи нав номид ва ҷашн ойин овард.***

***«Наврӯзнома»***

***Ва чанде аз ҳашвия мегӯянд, ки чун Сулаймон бинни Довуд ангуштарии хешро гум кард, салтанат аз дасти ӯ берун рафт. Вале пас аз чил рӯз бори дигар ангуштарии худро биёфт ва подшоҳию фармондеҳӣ бар ӯ баргашт ва мурғон бар даври ӯ гирд омаданд, эрониён гуфтанд: «Наврӯз омад!»***

***«Осор-ул-бақия»***

***Ин рӯзро Наврӯз гӯянд, зеро сари сол бошад ва шаб ба рӯз баробар шавад ва сояҳо аз деворҳо бигзарад.***

***«Зайн-ул-ахбор»***

***Нахустин рӯз аст аз фарвардинмоҳ ва з-ин ҷиҳат рӯзи нав ном карданд, зеро ки пешонии соли нав аст.***

***«Китоб-ут-тафҳим»***

***МЕТОДИКА***

# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МАВЗУИ “СОХТИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ”

***Сифати феълӣ яке аз мушкилтарин падидаи грамматикаи забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Хонандагон онро аввал бо сифат ва феъл, сипас, бо феъли ҳол омехта менамоянд. Саволе ба миён меояд, ки чаро ба хонандагон фаҳмидани ин мавзуъ мушкил аст?***

Мусаллам аст, ки дар синфҳои ибтидоӣ хонандагон ҳиссаҳои нутқро, ба монанди исм, сифат, шумора ва ғ. меомӯзанд. Ҳангоме ки дар синфҳои болоӣ онҳо амиқтар ба омӯзиши ҳиссаҳои нутқ машғул мешаванд, душворие ба миён намеояд. Аммо вақте ба омӯхтани сифати феълӣ машғул мешаванд, бештар ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Чунки то ҳол бо ин шакли феълӣ ошно набуданд. Баъдан, душворӣ дар он аст, ки сифати феълӣ дар худ ҳам хусусиятҳои сифат ва ҳам феълро доро мебошад. Душворӣ боз дар он аст, ки сифати феълӣ амал ё ҳолатеро мефахмонад, ки он ҳамчун аломати ашё дар яке аз замонҳо воқеъ мешавад. Барои хонандагон ин мафҳум нав мебошад. Дар зер мехостем, оид ба усули таълими мавзуи “Сохти сифати феълӣ” маълумот диҳем, то мушкилоти таълими онро осон намоем.

**Дар оғози дарс ба хонандагон чунин супориш медиҳем:**

**Ба ибораҳои зерин диққат диҳед:** мактуби **навишта**; гули **шукуфта**; сухани **нашунида;** меҳмони **омада;** замини **шудгоршуда;** дарвозаи **кушодагӣ;** китоби **хондашуда.**



Хонандагони азиз, калимаҳои ишорашуда ба кадом савол ҷавоб мешаванд ва кадом ҳиссаи нутқанд? Ин калимаҳо кадом хусусиятҳоро дороанд? Бале, ин калимаҳо ба саволи “кадом” ҷавоб мешаванд ва ҳам хусусияти феъл ва ҳам хусусияти сифатро доранд. Барои ҳамин онҳо сифати феълӣ мебошанд.

**Сифати феълӣ чӣ гуна сохта мешавад ва аз ҷиҳати сохт чӣ гуна аст?**

**Супориш.**

**Аз байтҳои зерин сифатҳои феълиро ёбед.**

*Мурғи қафасшикаста аз банди зулм раста,*
*Чун рамзи дӯстии халқи ҷаҳон баромад.*
*Мирзо Турсунзода*

*Як ҳикоят бишнав аз таърихгӯй,*
*То барӣ з-ин рози сарпӯшида бӯй.*
*Ҷалолиддини Балхӣ*

*Колаи дуздида набвад пойдор,*
*Лекин орад дуздро то пойи дор.*
*Ҷалолиддини Балхӣ*

Ҷавобҳоро месанҷем.

Дар байти аввал сифати феълӣ калимаи “қафасшикаста” мебошад. Чунки ҳам аломати сифат ва ҳам аломати феълро дорад.

Дар байти дуюм “сарпӯшида” сифати феълист.

Дар байти сеюм калимаи “дуздида” сифати феълӣ мебошад.

Биёед, сохти ин калимаҳоро муайян намоем:

қафасшикаста – қафас+шикаст + а
сарпӯшида – сар+пӯшид + а
duздида+дуздид + а

Мо фаҳмидем, ки сифати феълӣ аз асоси феъл бо пасванд сохта мешавад.

**Сифати феълӣ чунин сохта мешавад:**

1) аз асоси замони гузашта бо пасванди –**а**: хуфт**а**, ҷӯшид**а.**
2) аз асоси замони ҳозира бо пасванди –**анда** (–**янда**), –**он** (–**ён**): баро**янда**
3) аз масдар бо пасванди –**ӣ**: гуфтан**ӣ**, рафтан**ӣ**.

**Аз ҷумлаҳои зерин сифати феълиро ёфта, сохташонро муайян намоед:**

1. Ман пазандаи моҳирам. Таомҳои шоҳона мепазам. (С. Улуғзода)
2. Ӯ дар таомхӯрӣ ва нигоҳ доштани чизҳои хӯрданӣ озода буд. (С. Айнӣ)
3. Моҳи шомхӯрда дар сари кӯҳ баланд шуда, дашту дараро ғарқи нур карда буд.

**Ҷавобҳоро месанҷем:**

Дар ҷумлаи якум сифати феълӣ калимаи **“пазанда”** мебошад, ки аз асоси замони ҳозира ва пасванди –анда сохта шудааст.

Дар ҷумлаи дуюм сифати феълӣ калимаи **“хӯрданӣ”** мебошад. Биёед, бубинем, ки он чӣ гуна сохта шудааст.

**“Хӯрдан”** масдар буда, **“-ӣ”** пасванд мебошад.

Дар ҷумлаи сеюм калимаи **“шомхӯрда”** сифати феълӣ аст, ки аз асоси замони гузашта бо пасванди “-а” сохта шудааст.

**Ба ҷойи сенуқта сифати феълии мувофиқро гузоред.**

1. Ҷадвали дарсҳои ҳафтаи оянда ... -ро навишта гирифтам.
2. Бори ба бозор ... сабзавоту меваҷот буд.
3. Ман ба ӯ суханҳои ... доштам.
4. Салима мактуби аз падараш ... -ро ба ман хонда дод.
5.Супориши муаллим ... -ро зуд иҷро намудем.

(дода, мешудагӣ, гуфтанӣ, бурдагӣ, гирифта)

**Ҷавобҳоро месанҷем.**

1. Ҷадвали дарсҳои ҳафтаи оянда мешудагиро навишта гирифтам.
2. Бори ба бозор бурдагӣ сабзавоту меваҷот буд.
3. Ман ба ӯ суханҳои гуфтанӣ доштам.
4. Салима мактуби аз падараш гирифтаро ба ман хонда дод.
5.Супориши муаллим додаро зуд иҷро намудем.

**Хонандагони азиз, сифати феълӣ аз ҷиҳати сохт сохта, мураккаб ва таркибӣ мешавад.**




Оё шумо дар ёд доред, ки чӣ гуна калимаҳо сохтаанд? Бале, калимаҳои сохта аз реша ва пешванду пасванд иборатанд. Пас, сифати феълии сохта аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл бо пасвандҳои **–а, –анда, –агӣ, -ан+ӣ** сохта мешаванд.

**Мисол: баст + -а** = баста
**гард + -анда** = гарданда
**рафт + -агӣ** = рафтагӣ

Сифати феълии мураккаб аз ҷузъи номӣ ва феъл бо пасвандҳои –а, –анда ташкил меёбад. Мисол:

**ресмон+бофт-а** = ресмонбофта
**парвоз+кун-анда** = парвозкунанда

Сифати феълии таркибӣ аз ду калима иборат буда, ҷузъҳо ҷудо навишта мешаванд. Мисол: равон карданӣ, фаромӯш кардагӣ.

**Сохти сифати феълиро муайян намоед:**

ҷӯянда, шукуфанда, рафтагӣ, дида, ҳалкунанда, давомдиҳанда, иҷрошаванда, хонда истодагӣ, иҷро шуда истодагӣ

**Ҷавобҳоро месанҷем:**

| Сифати феълӣ | Таркиб | Сохт |
|---|---|---|
| ҷӯянда | ҷӯ + янда | сохта |
| шукуфанда | шукуф + анда | сохта |
| рафтагӣ | рафт + агӣ | сохта |
| дида | дид + а | сохта |
| ҳалкунанда | ҳал кун+ анда | мураккаб |
| иҷрошаванда | иҷро + шав+ анда | мураккаб |
| хонда истодагӣ | калимаҳои ҷудогона | таркибӣ |
| иҷро шуда истодагӣ | калимаҳои ҷудогона | таркибӣ |

**Сипас, бо пешниҳод намудани саволҳои тестӣ дониши хонандагонро метавонем мустаҳкам намоем.**

**Ба саволҳои тестӣ ҷавобҳои дуруст ёбед:**

**1. Ба ҷойи сенуқта сифати феълии мувофиқро гузоред.**

***Ҷӯянда ... аст.***

***a)* кованда;**
***b)* гӯянда;**
***c)* бӯянда;**
***d)* ёбанда.**

**2. *Дида, шунида, омадагӣ* ва *рафтагӣ* чӣ гуна калимаҳоянд?**

**a) зарф;**
**b) сифат;**
**c) сифати феълӣ;**
**d) исм.**

**3. Сифати феълӣ чанд замону чанд шакл дорад?**

**a) 2 замону 3 шакл;**
**b) 3 замону 5 шакл;**
**c) 3 замону 2 шакл;**
**d) 2 замону 1 шакл.**

**4. Дар ҷумлаи зерин сифати феълиро ёбед.**

***Каси аз дар бароянда як каси қадпаст будааст. (С.А.)***

**a) кас;**
**b) будааст;**
**c) бароянда;**
**d) аз дар.**

**Бо ибораҳои зерини сифати феълидор ҷумлаҳо тартиб диҳед:** нони хӯрданӣ; гули шукуфта; ҳикояи шуниданӣ; оби рехта; мактуби навишта.

Ҳамин тавр, бо баёни сода, шарҳи мисолҳо бо мавзуъро ба шогирдон мефаҳмонем ва барои мустаҳкамтар шудани донишашон супориш медиҳем, ки мустақилона дар ҷумлаҳо аз сифати феълӣ истифода баранд.



***Бибиҷон УМАРОВА –***
***омӯзгори забони тоҷикии***
***Мактаби байналмилалии***
***Президентӣ дар шаҳри Душанбе***

***БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ***

# КУНҶҲО ДАР ҲАМВОРӢ

***Геометрия яке аз шохаҳои асосии фанни математика ба шумор рафта, барои мактаби миёна ба ду зершохаи асосии планиметрия ва стереометрия ҷудо мешавад.***

***Барои шохаи якум асосан олим ва ҳандасашиноси машҳури Юнони Қадим Евклид тадқиқоти бисёреро анҷом дода, барои дуюм бошад, математик ва ҳандасадони машҳури рус Лобачевский корҳои илмиро анҷом додааст.***

Дақиқан ба донандаҳои ин фан маълум аст, ки ба ду шоха ҷудо шудани фанни геометрия аз сифат ва мафҳумҳои омӯхташавандаи он вобастагии зич дорад.

Новобаста аз он ки геометрия ба чанд шоха ҷудо карда мешавад, ҳар як шоха дар умум пуркунандаи ҳамдигар ба шумор рафта, як мафҳуми томи фигураҳо ё худ ин ё он мафҳуми геометрӣ мебошанд. Илова бар ин, гуфтан мумкин аст, ки заминаи ибтидоиро дар раванди омӯзиш барои фигураҳо ё худ фазои сеченакаи стереометрӣ, фазои дученакаи планиметрия мегузорад.

Масалан, агар шарт гузошта шавад, ки хосиятҳои куб омӯхта шавад, ба ҷамъи хосиятҳои квадрат ва агар параллелипед, ба ҷамъи хосиятҳои росткунча назар кардан мумкин буда, бар иловаи хосиятҳои сирф фазогии ин фигураҳо дар бораашон маълумот додан мумкин аст.

Айнан чунин муносибатҳоро барои секунҷаҳо, параллелограмм, хати рост, ҳамворӣ ва дигар мафҳумҳои планиметрӣ баён кардан мумкин аст.



Ба ин мақсад, мо самт мегирем барои яке аз мафҳумҳои геометрӣ – кунҷ баҳс ороста бошем, то ин ки алоқаи онро дар ҳаёт татбиқ намоем.

*Мафҳуми кунҷ.* Пеш аз он ки мо дар бораи кунҷ сухан ронем, бояд аввал истифодаи онро дар ҳаёт татбиқ кунем. Кунҷ масалан, кунҷи хона, дафтар, хамин, дилхоҳ фигураи дорои ду тараф дошта, ки ягон нуқтаи умумӣ доранд ва ғайраҳо. Агар кунҷҳо дар фигураҳо бошанд, кунҷи фигураи додашуда ва агар дар ягон сатҳ бошанду фигураро ҳосил накунанд, яъне ақалан дорои се тарафи ба ҳам пайваст набошанд, онҳоро кунҷҳои ҳамсоя меноманд. Як ҷуфт нурҳои гуногуни $Oa$ ва $Ob$ и аз нуқтаи $O$ бароядаро (гузаранда)-ро кунҷ меноманд. Ё кунҷ гуфта, фигураи геометриеро меноманд, ки ду нури аз як нуқта барояндаро дар бар мегирад ва бо символи $\angle\,(a,b)$ ишора мекунанд. Нуқтаи -ро куллаи кунҷ ва нурҳои $Oa$ ва $Ob$-ро тарафҳои кунҷ меноманд. Баъзан кунҷро бо таърифи дар боло зикргардида, яъне «фигураи геометрие, ки аз ду нури ибтидояшон ягона ва ба як қисми ҳамворӣ маҳдуд шудааст» кунҷ меноманд. Агар $A$ ва $B$ ду нуқтаи нурҳои $Oa$ ва $Ob$ бошанд, он гоҳ $\angle(a,b)$-ро бо символи $\angle AOB$ низ ишора мекунанд.

Вобаста ба бузургии градусӣ ё радианияшон кунҷҳо ба категорияҳои кунҷи кушод, кунҷи тез, кунҷи рост, кунҷи кунд ва кунҷи пурра ҷудо мешаванд.

***Классификатсияи кунҷҳо:***

1. Кунҷеро кушод номанд, ки агар он аз 0° то 180° тӯл кашад; 2. Кунҷро тез гӯянд, ки он аз 0° то 90° ченаки градусӣ дошта бошад; 3. Кунҷро рост гӯянд, ки танҳо ченаки градусии 90° дошта бошад; 4. Кунҷеро кунд номанд, ки он аз 90° то 180° тӯл кашад; 5. Кунҷеро рост гӯянд, ки танҳо ченаки градусии 360° дорад.

Кунҷи $(a,b)$ кунҷи кушод номида мешавад, агар нурҳои $Oa$ ва $O$-и аз нуқта бароянда дар ҳар хатти рост воқеъ гашта, ҳамҷоя нашаванд (яъне нурҳои муқобилсамт).







Ду кунҷро кунҷҳои баробар меноманд, агар як кунҷро ба болои кунҷҳои дигар чунон гузоштан мумкин бошад, ки тарафҳояшон ҳамҷоя шаванд. Нуре, ки ибтидояш дар қуллаи кунҷ воқеъ гашта, ин кунҷро ба ду қисми баробар ҷудо мекунанд, биссектриссаи кунҷ номида мешавад.

Нури -и аз қуллаи кунҷи $AOB$ бароянда дар байни тарафҳои кунҷ воқеъ мегардад, агар он порчаи $AB$-ро бурад. Нуқтаи С дар байни тарафҳои кунҷ воқеъ мегардад, агар аз ин нуқта нуреро гузаронидан мумкин бошад, ки ибтидояш дар қуллаи дар байни тарафҳои кунҷ воқеъгашта ҷой бигирад. Маҷмуи ҳамаи нуқтаҳои дар байни тарафҳои кунҷ воқеъгаштаи ҳамворӣ соҳаи дарунии кунҷро ташкил медиҳанд. Маҷмуи нуқтаҳои ба соҳаи дарунӣ ва тарафҳои кунҷ тааллуқнадоштаи ҳамворӣ соҳаи берунаи кунҷро ташкил медиҳанд.

Кунҷи $\angle(a,b)$-ро аз кунҷи $\angle(c,d)$ калон ҳисоб мекунанд, агар $\angle(c,d)$-ро ба болои кунҷи $\angle(a,b)$ тавре гузоштан мумкин бошад, ки баъд аз ҳамҷоя шудани як ҷуфти тарафҳо тарафи дигари кунҷи $\angle(c,d)$ дар байни тарафҳои кунҷи $\angle(a,b)$ воқеъ гардад. Дар расм $AOB$ аз $AOC$ калон аст.

Бигзор, нури $c$ дар байни тарафҳои кунҷи $\angle(a,b)$ воқеъ бошад. Ҷуфти нурҳои $a, c$ ва $c, b$ ду кунҷро ташкил медиҳанд. Доир ба кунҷи $\angle(a,b)$ мегӯянд, ки он суммаи ду кунҷи $\angle(a,b)$ ва $\angle(c,b)$ аст ва онро ин тавр ишора мекунанд:

$$\angle(\boldsymbol{a},\boldsymbol{b}) = \angle(\boldsymbol{a},\boldsymbol{b}) + \angle(\boldsymbol{c},\boldsymbol{b})$$







Дар геометрия, одатан, бо кунҷҳое сарукор доранд, ки онҳо аз кунҷи кушод хурд мебошанд. Аммо дар натиҷаи ҷамъ кардани ду кунҷ кунҷе пайдо шуданаш мумкин аст, ки он аз кунҷи кушод калон аст. Дар ин маврид он қисми ҳамвориро, ки соҳаи дарунии кунҷ ҳисоб карда мешавад, бо камон ҷудо мекунанд. Дар расми зер қисми дарунии кунҷи $AOB$, ки дар натиҷаи ҷамъ кардани кунҷҳои $AOC$ ва $COB$ ҳосил шуда, аз кунҷи кушод калон мебошад, бо камон нишона шудааст.

*Андозаи градусии кунҷҳо.* Ҳангоми ченкунии градусии кунҷҳо ба сифати воҳиди асосии ченкунӣ (кунҷи эталоние, ки бо онҳо кунҷҳои гуногун чен карда мешаванд) кунҷи ба як градус баробар (ишорааш 1°)-ро мегиранд. Кунҷи якградуса кунҷест, ки ба $\frac{1}{180^0}$ ҳиссаи кунҷи кушод баробар аст. Кунҷи ба $\frac{1}{60}$ ҳиссаи кунҷи 1° баробарро кунҷи ба як дақиқа баробар меноманд. (ишорааш 1'). Кунҷи ба $\frac{1}{60}$ ҳиссаи кунҷи як дақиқа баробарро кунҷи як сония меноманд (ишорааш 1").




*Андозаи радиании ченкунии кунҷо.* Дар геометрия ва тригонометрия дар баробари андозаи (ченаки) градусии ченкунии кунҷҳо бо андозаи дигари ченкунии кунҷҳоро радианӣ меноманд. Давраи радиусаш $R$ ва марказаш -ро дида мебароем. Дар он ду радиуси $OA$ ва $O$-ро тавре мегузорем, ки дарозии камони $AB$ ба дарозии радиус баробар бошад. Кунҷи марказии дар ин ҳолат ҳосилшудаи $AOB$ кунҷест, ки ба як радиан баробар аст. Кунҷи ба як радиан баробарро ба сифати воҳиди ченкунии радиании кунҷҳо қабул мекунем. Дар ченаки радиании кунҷҳо кунҷи кушод ба $\pi$ радиан баробар мебошад.

Воҳидҳои градусӣ ва радиании ченкунии кунҷҳо бо баробариҳои зерин вобастагӣ доранд:

$$1 \text{ радиан} = \frac{180^0}{\pi} \approx 57^0 45'';$$

$$1^0 = \frac{\pi}{180^0} \text{ радиан} \approx 0{,}017453 \text{ радиан};$$

$$1' = \frac{\pi}{180^0 \cdot 60} \text{ радиан} \approx 0{,}000291 \text{ радиан};$$

$$1'' = \frac{\pi}{180^0 \cdot 60 \cdot 60} \text{ радиан} \approx 0{,}000005 \text{ радиан}.$$

Ченаки градусӣ (ё радианӣ)-и кунҷро бузургии кунҷ низ меноманд. Бузургии кунҷи -ро баъзан бо $\widehat{AOB}$ ишора мекунанд.

Ду кунҷе, ки як тарафи умумӣ дошта, суммаашон ба 180° баробар аст, кунҷҳои ҳамсоя номида мешаванд. Ду кунҷе, ки як тарафи умумӣ дошта, суммаашон 90°-ро ташкил медиҳанд, кунҷҳои пуркунанда номида мешаванд.

*Кунҷи байни самтҳо.* Агар дар ҳамворӣ ду самт интихоб карда шуда бошад, он гоҳ аз ҳар як нуқтаи -и ҳамворӣ як нури $OA$-и самти якум ва як нури $OB$-и самти дуюм сар мешавад. Кунҷи байни ду самтро дар ҳамворӣ кунҷи байни нурҳои $OA$ ва $OB$ меноманд. Кунҷи байни самтҳо аз интихоби нуқтаи ибтидоии нурҳо вобаста нест.

Кунҷи байни ду самт дар фазо гуфта, кунҷи байни ду нури ҳамибтидо дар ин самтҳоро меноманд.

Истифодаи кунҷҳоро дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ дида мебароем.

*Масъалаи 1.* Яке аз кунҷҳои ҳамсоя аз дигараш ду маротиба калонтар аст. Кунҷи хурдро ёбед.

**Ҳал.** Маълум аст, ки дар геометрия ғайр аз маълумотҳои додашуда, боз бештар ба таърифу теоремаҳо ва хосияту қоида истифода мешаванд.

Аз ин гуфтаҳо хулоса бароварда метавонем, теоремаи «суммаи кунҷҳои ҳамсоя ба 180° баробаранд»-ро истифода барем.

Дар раванди ҳалли мисоли мазкур алоқаи байнифаннии алгебра ва геометрияро барои муодилаҳои хаттӣ, амалҳои арифметикӣ бо ададҳои гуногуналомату якхелааломат истифода мебарем.

$$< a + < b + < c = 180^0$$

$$2x + x = 180^0 \Rightarrow 3x = 180^0 \Rightarrow x = 180^0 : 3 \Rightarrow x = 60^0$$

Ҷавоб: 60°.

*Масъалаи 2.* Масоҳати трапетсияи баробарпаҳлӯеро ёбед, ки асосҳои он 6 см ва 10 см буда, яке аз кунҷҳои он ба 45° баробар аст.

**Ҳал.** Барои ёфтани масоҳати трапетсия ба мо дарозии баландии он лозим аст ва барои ёфтани он аз формулаи $\frac{a}{b} = tg\alpha$ истифода мебарем. Агар аз ҳар ду қуллаи трапетсия баландиҳоро нисбат ба асоси калони фарорем, онгоҳ дар байни трапетсия росткунҷаи дарозии асосаш 6 см ҳосил шуда, секунҷаҳои росткунҷаи ду тарафи он дорои асосҳои 2 см-и мешаванд. Маълум аст, ки кунҷи тези назди асос ба 45° баробар мебошад ва аз ин ҷо хулоса мебароял, ки кунҷи тези назди қулла низ 45°-ро ташкил медиҳад.

$$\frac{h}{4} = tg\,45^0 \Rightarrow \frac{h}{4} = 1 \Rightarrow h = 4$$

$$S = \frac{a+b}{2} \cdot h = \frac{6\text{см} + 10\text{см}}{2} \cdot 4\text{см} = 16\text{см} \cdot 2\text{см} = 23\text{см}^2$$

Ҷавоб: 23 см$^2$

*Масъалаи 3.* Дар секунҷаи росткунҷаи $ABC$ гипотенузаи $AB = 6\text{см}$ ва кунҷи $< A = 60°$ аст. Дарозии катети $AC$-ро ёбед.

**Ҳал.** Барои ҳалли ин масъала секунҷаи росткунҷаро тавре тасвир мекунем, ки шароити истифодаи нисбати катет (асоси секунҷа) ба гипотенуза (радиуси давраи воҳидӣ) формулаи $\frac{AC}{AB} = \cos\alpha$-ро татбиқ карда тавонем, то аз баробарии ҳосилшуда ҷавоби масъаларо ёбем.

$$\frac{AC}{6} = \cos 60^0 \Rightarrow \frac{AC}{6} = \frac{1}{2} \Rightarrow 2 \cdot AC = 6 \Rightarrow AC = 3.$$

Ҷавоб: 3 см

*Масъалаи 4.* Кунҷи калонтарини трапетсияи росткунҷа 120° ва тарафи паҳлуи калони он 6 см аст. Ҳосили фарқи асосҳои онро ёбед.

**Ҳал.** Агар аз қуллаи трапетсияи росткунҷа баландиро фарорем, он гоҳ аз кунҷи 120° бузургии кунҷи рост 90°-ро тарҳ мекунем ва кунҷи тези 30°-ро дар қулла ҳосил мекунем. Аз кунҷҳои дарунии секунҷаҳо истифода бурда, муайян кардан мумкин аст, ки кунҷи тези назди асосӣ ба $60^0$ баробар аст. Аз ин ҷо маълу гашт, ки $\frac{x}{6} = \cos\alpha$ мебошад.

$$\frac{x}{6} = \cos 60^0 \Rightarrow \frac{x}{6} = \frac{1}{2} \Rightarrow 2x = 6 \Rightarrow x = 3.$$

Бинобар сабаби он ки баландиро аз қуллаи трапетсияи росткунҷа ба асос фаровардему росткунҷаеро дар як тарафи трапетсия ҳосил кардем, асоси секунҷаи росткунҷаи боқимонда фарқи дарозии асосиҳои трапетсияи росткунҷа мебошад, пас дарозии асоси секунҷаи росткунҷро ба сифати ҷавоб қабул мекунем.

Ҷавоб: 3 см.

Хулоса, масъалаҳои ба кунҷ ва бузургии кунҷи алоқамандбуда бисёранд ва дар раванди ҳалли масъалаҳои геометрӣ ба сифатҳои мафҳумҳои ёрирасон, асосӣ ва ба дигар мақсад истифода бурда мешаванд.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои геометрӣ ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки новобаста аз дараҷаи душвории масъала ва шакли фигураи ба масъала тааллуқдошта, тасвири фигураро ҳатман ба роҳ монанд, зеро ин кор аз як тараф ба сифати аёният амал намуда, аз тарафи дигар хонанда ба ин ё он фигураи маълум шинос мешавад. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки алоқамандии байнифаниро бо мавзуъҳои фанни санъати тасвирӣ, нақшакашӣ, мавзӯъҳои зинаи поёнии фанни геометрия то тасвири расм истифода мебарем ва баъди тасвир мантиқи математикӣ, қисми амалии қоидаҳои асосии геометрӣ, мавзуъҳои дучоршавандаи алгебра ва арифметикаро мавриди омӯзиш қарор медиҳем.



***Бегмуҳаммад ШОДИЕВ –***
***омӯзгори Литсейи №3 барои***
***хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе***

***МАТЕМАТИКА***

# ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМ

**Аз таърихи салоҳиятнокӣ**

***Решаҳои муносибати салоҳиятнок ба таълим ба низоми дарсӣ-синфии Я.А.Каменский рафта мерасад. Баъдан дар ибтидои асри XX то солҳои панҷоҳум равияҳои гуногуе буданд, ки ҷавҳарашонро алоқамандии таълим ба ҳаёт ташкил менамуд. Имрӯзҳо муҳаққиқон (махсусан, русҳо) ташаккули таълими салоҳиятнокиро ба чанд давра ҷудо мекунанд. Давраи аввали он солҳои 1960-1970, давраи дуюм солҳои 1970 то 1990 ва давраи сеюм аз соли 1990 то имрӯзро дар бар мегирад.***

Тибқи маълумотҳо, бори аввал ба таври мушаххас истилоҳи салоҳиятнокиро Н. Хомский дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ истифода кардааст. Дар ин давра мафҳум танҳо дар атрофи салоҳият ва босалоҳиятӣ маҳдуд шуда, дар омӯзиши забон ва салоҳияти забонӣ аз ҷониби муҳаққиқи дигари амрикоӣ Хаймс истилоҳи “салоҳияти иртиботӣ” (каммуникативӣ ) истифода карда мешавад. Бояд гуфт, ки пешниҳоди Н. Хомский бевосита ба масъалаи таълим не, балки ҷанбаҳои равоншиносӣ ва фалсафии азхудкунии забон аз ҷониби Хаймс дахл дошт. Ба ҳамин тариқ, таҳсилоти ба таълими салоҳиятнок бунёдёфта дар солҳои ҳафтодуми садаи бист дар Амрико ташаккул ёфта ва бунёдгузораш Н.Хомский буд, ки нуқтаи назарашро дар давраи омӯзиши забон, соли 1965 баён намуда буд. Маҳз дар ҳамин давра, ки марҳалаи ташаккули таълими салоҳиятнок шуморида мешавад, фарқи байни мафҳумҳои “салоҳият” ва “салоҳиятнок” гузошта шуд. Марҳалаи дуюмро солҳои 1970-1990 ташкил медиҳад. Дар ин давра истифодаи



мафҳумҳои салоҳият ва салоҳиятнок дар назария ва амалияи таълими фанҳо, ҳамчунин, дар маҳорати идоракунӣ, роҳбарӣ, менеҷмент, омӯзиши муошират истифода гардида, мундариҷаи мафҳуми “салоҳияти иҷтимоӣ” коркард мешавад. Дар тадқиқоти Ҷ.Равен (дар мақолааш “Салоҳият дар ҷомеаи муосир”, соли 1984, Англия) мафҳуми “салоҳиятнок” муфассал шарҳ дода мешавад. Дар ин тадқиқот Равен силсилаи зиёди салоҳиятҳоро номбар мекунад, ки қисми зиёди онҳо ба ҳамдигар вобастагии бевосита надорад.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чи бештари воситаҳои ахбор (интернет, телевизион ва ғайраҳо) танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя нест. Дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии наврасону ҷавонон ва ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонда, тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонанд. Ҳамин буд, ки соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2012-2020”-ро ба тасвиб расонд. Тибқи ин ҳуҷҷат то соли 2020 стандарту барнома ва китобҳои дарсӣ бояд таҷдиди назар ва дар асоси муносибатҳои салоҳиятнок таҳия карда шаванд.

**Мафҳуми “салоҳиятнокӣ”**

Мафҳумҳои “салоҳият” ва “босалоҳият”-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои “компетенция” ва “компетентность”, ки аз забони лотинӣ (competens, competentis) ба забони русӣ

иқтибос шудааст, истифода мебаранд. Таҳлили бештари адабиёти илмӣ маҳз ҳамин иқтибосҳо ва аз назари илмию методӣ таснифи онҳоро дар бар мегирад.

Мафҳуми “салоҳият” дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” лоиқ будан, сазовор будан, шоистагӣ, сазоворӣ тафсир ёфтааст.

**Салоҳият -** ***маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайвандест, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона мешавад.***

Дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат муштарак истифода мешаванд. Дар асоси тафсири боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки шахси босалоҳият амалеро хуб ва боэътимодона иҷро карда метавонад. Дар таълими босалоҳият диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Таълими босалоҳият ба саволҳои: “Хонанда чӣ кор карда метавонад?” “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ҷавоб медиҳад. Донистан ё дониш дар таълими босалоҳият ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, бо намуна муқоиса ваислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад. **Бояд қайд кард, ки “салоҳият”*-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад.*** Босалоҳиятӣ натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст. Яке аз асосҳои дарси салоҳиятнок он аст, ки хонандагон бо саволгузории омӯзгор мафҳумҳои нав, супоришҳои навро, ки то ҳол намедонанд ва амсоли инҳоро дар асоси донишҳои пештараашон худашон ёфта, пешниҳоди аҳли синф мекунанд. Масалан, вақте ки омӯзгор ба хонандагон таърифи функсияи нишондиҳандагиро фаҳмониданӣ шавад, мисоли зеринро пешниҳоди хонандагон менамояд. Намуди функсияҳои зеринро муайян кунед: 1) $y = 3x + 2, y = \frac{6}{x}, y = sinx + 0.5, y = 2x^2 + x, y = 2^x$. Хонандагон то гузаштани функсияи нишондиҳандагӣ, ба функсияҳои хаттӣ, квадратӣ, мутаносиби чаппа ав тригонометрӣ шинос шуда, онҳоро таъриф дода метавонанд. Пеш аз он ки омӯзгор дарси босалоҳият гузаронад, бояд худаш оид ба дарсе, ки мегузаронад, бо салоҳият бошад. Яъне мавзуъро хуб донад ва саволҳо тартиб дода тавонад, ки хонандагон бештар ба фикррони худ мафҳумҳои нав, намудҳои гуногуни ҳалли мисолу масъалаҳоро пешниҳод намоянд. Вақте ки ба хонандагон саволҳо оид ба ягон мафҳуми нав ё намуди дигари ҳалли масъалае савол дода мешавад, ҳар як хонанда кушиш мекунанд, ки фикри худро пешниҳод намояд.

**Ҳар як фан салоҳиятҳои худро дорад**

Дар математика салоҳиятҳои зерин мавҷуд мебошанд: 1) салоҳиятҳои арифметикӣ. 2) салоҳиятҳои таълимии алгебравӣ 3) салоҳиятҳои таълимии геометрӣ.

**Тарзи навиштан нақша бо усули салоҳиятнокӣ**

1) **Дарси** (аз рӯи нақша чандум дарс зикр карда мешавад)...

2) **Барнома** (дар ин нуқта номи боб ё параграф навишта мешавад).

3) **Салоҳиятҳо** (дар ин пункт бояд омӯзгор рақами синф, салоҳият, самти мавзуъро нишон диҳад. Масалан, 5.2.1) синфи 5, боби 2, параграф ё пункти 1 мебошад.

4) **Мақсади таълим** (мақсадҳои мазуъ, ки бояд хонандагон онро то охири дарс донанд, навишта мешавад).

5) **Истилоҳот** (дар ин пункт мафҳумҳои нав, ишоратҳои нав, формулаҳои нав ва ғайра, ки хонандагон то ҳол шинос нашуда буданд, навишта мешавад).

6) **Методикаи таълим** (дар ин пункт ташкили дарс, фаъолгардонии донишҳои пешина ва баҳодиҳӣ ба вазифаи хонагӣ навишта мешавад).

7) **Дарси нав ё омӯзиш ва тадқиқот** (дар ин пункт вобаста ба донишҳои пешина саволҳо пешниҳод ва мавзуи нав нақшагузорӣ карда мешавад).

8) **Арзёбии донишҳои хонандагон ва супоришҳо ба хона.**

**Кори лоиҳавӣ**

Лоиҳаҳои таълимӣ аслан фаъолияти мустақилонаи хонандагон буда, усули иҷрои лоиҳа аз банақшагирӣ ва ченкуниҳои ҳаққонӣ иборат аст. Ҳалли проблема ва аз як тараф, истифодаи фаъолиятҳои якҷояи усулҳои гуногун бошад, аз тарафи дигар, ҳамгироии донишҳо аз фанҳои

гуногун аст. Лоиҳаҳои таълимӣ дар мактабҳои ҳамагонӣ аз математика ба салоҳиятҳо ва мақсадҳои таълимӣ вобастагӣ дорад. Лоиҳаҳои таълимӣ аз математика ба қисматҳои зерин вобаста аст: 1) гипотезаи назариявӣ дар шакли конспекти кӯтоҳ, схема, таблитса ё гузориши проблемавӣ-математикии амалии боби муайян; 2) ҳалли 3-5 супориши амалӣ; 3) ташкил ва тартиб додани муаррифӣ (презентатсия); 4)баромад дар шакли муаррифӣ (презентатсия), газетаи деворӣ, баромад дар радио. Баъзе тавсияҳои методӣ оид ба усули лоиҳаҳо ба таълим:

1) Номи лоиҳа бо назардошти самти амалӣ.
2) Нақшаи таҳқиқоти лоиҳа.
3) Шакли таҳқиқот ва муаррифӣ.
4) Мақсадгузорӣ.
5) Проблемагузорӣ ва гипотезаи таҳқиқот.

Гузориши проблемаи таҳқиқотӣ чи гунае, ки набошад, хонандаро ба муайян кардани мавҷудияти таҳқиқот даъват мекунанад. Ворид намудани лоиҳаҳои таълимиии таҳқиқотии математикӣ самараи таълими математикаро баланд мебардорад. Кор дар болои лоиҳаи таълимии таҳқиқотии математикии малака ва маҳорати амалии нақшасозӣ, гузориши проблемаҳои ҳаётӣ, тарҳрезии таҷриба, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот, муаррифии натиҷаҳои ба даст омада дар давом додани омӯзиш ва ҷараёни фаъолияти касбӣ лозим аст. Лоиҳаи таҳқиқотии "Масъалаҳои ҳаётии доир ба бузургиҳо "-и математикиро дида мебароем.

**Гипотеза:** дар ҳаёти ҳаррӯза мо кадом воҳидҳои бузургиҳоро истифода мебарем?

**Мақсад:** муайян карда шавад, ки барои кадом ашёи рӯзгор ва фаъолияти ҳаррӯза воҳидҳои бузургиҳо чи гуна истифода карда мешаванд?

**Масъала:** воҳидҳои бузургиҳои гуногунро таҳқиқ карда, муайян намуданд, ки кадом бузургиҳо барои кадом ашё ва амалҳо истифода шуданд?

**Асоси назариявӣ:**

**Супориш:** барои харидорӣ намудани картошка, пиёз, қанди сафед, тухм, нон, кабудӣ, матои атлас, тарбуз ва харбуза, керосин, қолин, шир, шишаи тиреза, гипсокартон ва ресмон кадом воҳидҳои бузургиҳоро истифода мебаранд.

**Ҳал:**

**Вазн** - тонна, килограмм ва грам: картошка, пиёз, қанди сафед;

**Масоҳат** - метри квадратӣ, детсиметри квадратӣ ва ғайраи қолин, шишаи тиреза, гипсокартон;

**Ҳаҷм** - литр: керосин, шир;

**Миқдор** - дона: тухм, нон, кабудӣ, тарбуз ва харбуза;

**Дарозӣ** - метр, сантиметр: матои атлас, ресмон.

Хуллас, ҳар омӯзгор дар ҷараёни таълим бояд ба он бештар такя кунад, ки шогирдон донишҳои назариявии ба дастовардаашонро дар амал татбиқ карда тавонанд.



***Исҳоқ ХОНОВ –***
***омӯзгори математика литсейи инноватсионии «Душанбе»***

*****

***Дар озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ" иштирок кардан мехоҳед ва ба адабиёти тавсияшаванда дастрасӣ надоред?***

***Омӯзгор ҳастед ва мехоҳед шогирдони худро барои озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ" омода созед?***

***Пас ба сомонаи "Бихон" (https://bikhon.tj/fur-i-sub-i-dono-kitob-ast/) ворид шавед ва ба адабиёти тавсияшавандаи озмуни мазкур ройгон ва қулай дастрасӣ пайдо намоед.***

**_ЭНЕРГЕТИКА_**

# ДУРНАМОИ РУШДИ ЭНЕРГЕТИКАИ ПЛАЗМАВӢ

***Ба ҳамагон маълум аст, ки моддаҳои мушоҳидашавандаи муқаррарӣ дар табиат дар се ҳолат мавҷуданд: газ, моеъ ва ҷисми сахт. Ба ҷумлаи газҳо оксиген, нитроген, карбон, неон ва ҳоказо шомиланд. Ба моеъҳо об, равған, мазут, керосин, бензин, афтол ва ғайраҳо мансубанд. Ҷӯб, оҳан, мис, қӯрғошим, ноқилҳо ва маҳсулоти аз онҳо сохташуда ба ҷисмҳои сахт дохил мешаванд.***

Аз нигоҳи физикӣ фарқияти ин моддаҳо дар ҷойгиршавии молекулаҳои онҳо нисбат ба якдигар зоҳир мегарданд. Масофаи байни молекулаҳо дар газҳо аз ҳама бештар, дар моеъҳо зичтар ва дар ҷисмҳои сахт аз ҳама камтар мебошад. Ҷисмҳои сахт ва моеъ дидашаванда ҳастанд. Тадриҷан, бо зиёд шудани ҳарорати моддаҳо, масофаи байни молекулаҳо низ зиёд шуда, дар як ҳарорати муайян онҳо ба атомҳои алоҳида ва сипас ба ионҳои зарядноки мусбату манфӣ, яъне бо ибораи дигар, ба гази ионизатсияшуда табдил меёбад. Чунин ҳолати моддаро плазма меноманд. Мафҳуми «плазма» соли 1923 аз ҷониби физики амрикоӣ Ирвинг Ленгмюр ҳамчун гази ионизатсияшуда, яъне маҷмуи зарраҳои заряднок (электронҳо ва ионҳо) ва зарраҳои безаряд (молекулаҳо ва атомҳо) номгузорӣ шудааст. И. Ленгмюр на танҳо номи гази ионизатсияшуда, яъне «плазма»-ро ворид намуд, балки тадқиқоти бунёдии таҷрибавӣ ва назариявии плазмаро роҳандозӣ намуд, ки барои ин фаъолият соли 1932 барандаи Ҷоизаи Нобелӣ гардид. Чунин мукофоти олӣ дар бораи муҳимияти объекти тадқиқотӣ-плазма шаҳодат медиҳад. Ҳолати плазмавӣ дар табиат хеле паҳншуда мебошад. Ин, пеш аз ҳама, дар маркази Офтоб ҳамчун плазмаи табиӣ, сипас, раъду барқ дар қабати атмосфера, дар шароити лабораторӣ бошад, талхия (разряд) дар газҳо, ионосфераи Замин ва газҳои байнисайёравӣ, ситораҳо ва абрнокии қабатҳо ва билохир, плазмаи ҷисмҳои сахт (дар металлҳо ва нимноқилҳо) ва ҳатто электролитҳо ва кристаллҳои коллоидии молекулавӣ зоҳир мегарданд. Ҳамаи ин ҳолатҳо, дар маҷмуъ, «муҳитҳои плазмамонанд» ба илми физика ном гирифтаанд, ки ин мафҳум соли 1961 аз ҷониби олимони барҷастаи соҳаи плазма В.П. Силин ва А.А. Рухазе дар монографияи «Хосиятҳои электромагнитии плазма ва муҳитҳои плазмамонанд» ворид шудааст. Бесабаб нест, ки Д.А. Франк-Каменетский – муаллифи нахустини китоби дарсӣ оид ба физикаи плазма, онро ҳолати ҷоруми модда номгузорӣ намудааст. Бояд қайд намуд, ки ба тариқи ноошкор, ҳанӯз 120 сол муқаддам О.Хевисайд то И.Ленгмюр дар бораи мавҷудияти плазма ҳамчун гази зарраҳои ионизатсияшуда дар атрофи Замин дар баландии 300-400 км, ки онро қабати F-и иононсфера номгузорӣ намудааст, изҳори ақида намуда буд. Ин қабат имрӯз Заминро бо алоқаи устувори радиоӣ таъмин менамояд.



Дар плазма шумораи бисёри зарраҳои заряднок дар атрофи худ майдонҳои электрикӣ ва агар дар ҳаракат бошад, майдонҳои магнитиро низ ба вуҷуд меоварад, яъне дар фазои зарраҳои зарядноки ҳаракаткунанда майдони электромагнитӣ ба вуҷуд меояд. Таъсири чунин майдонҳо бо дуршавӣ аз зарраҳои заряднок тадриҷаи кам мешавад. Ҳар як зарра дар майдони электромагнитии зарраҳои дигар қарор дошта, бо ҳамин минвол ҳамтаъсироти ҳамҷоя (коллективӣ)-и зарраҳо мушоҳида мешавад, ки дар натиҷа ҳар як зарраи заряднок дар як вақт бо чандин зарраи дигар дар таъсири мутақобил қарор мегирад. Ҳамин тавр, барои плазма

ҳамтаъсироти коллективии зарраҳо хос аст. Чунин ҳамтаъсирот ба ҳаракати коллективии (ҳамҷояи) зарраҳо оварда мерасонад; ба ибораи дигар, ин ҳаракатест, ки дар натиҷаи он ҳамаи зарррахо муташаккилона ба як самт ҷой иваз менамоянд. Масалан, ҳангоми тормозхӯрии автобус ҳамаи мусофирон ҳамагӣ ба пеш ҷой иваз менамоянд – ин ҳаракати коллективона ҳаст. Ҳаракати мусофири ҷудогона, ки ҳамроҳони худро тела дода, ба дари баромад наздик мешавад, ҳаракати фардӣ (индивидуалӣ) мебошад.

Дар куҷо бо плазма дучор мешавем? Пеш аз ҳама, плазма ҳолати асосии модда дар Коинот (дар табиат) аст. Аз плазма ситораҳо иборатанд, плазма фазои байниситорагиро ишғол намудааст. Замини мо бо плазма иҳота шудаст, ки қабати ионосфераро ташкил медиҳад. Ионосфера бо қабатҳои гуногун ба паҳншавии радиомавҷҳо таъсири калон мерасонад. Аз ҷониби Офтоб ба ҳамаи самтҳо сели зарраҳои заряднок (шамоли офтобӣ) мевазад, ки он ҳам аз плазма иборат аст. Ва билохир, дар Замин низ мо бо плазма дучор мешавем. Шуълаи сигорангез - ин плазма, раъд (молния)- ин канали гази ионизатсияшуда мебошад, ки аз он ҷараён ҷорӣ мешавад. Дар озмоишгоҳҳо низ плазма ба таври сунъӣ дар бисёр маврид ба вуҷуд оварда мешавад. Масалан, намунаи ин, тахлияи газӣ мебошад, ки дар он ҷараёни электрикӣ аз газҳо ҷорӣ мешавад (ва дар ҳолати хусусӣ, лампаҳои электрикии газотахлиягӣ). Дар ин маврид плазма нисбатан суст ионизатсия шуда буда, ҳарорати он нисбатан паст мебошад (плазмаи пастҳарорат). Лазерҳои газӣ ба сифати моддаҳои корӣ омехтаи гуногуни газҳои ионизатсияшударо доранд. Барои табдили бевоситаи энергияи ҳароратӣ ба электрикӣ аз МГД-генераторҳо истифода менамоянд. Аммо, диққати асосӣ дар тадқиқоти озмоишии плазма ба кӯшиши ба амал овардани реаксияҳои термоҳастаии идорашаванда вобаста мебошад. Ғояи ҳосил намудани реаксияҳои синтези термоҳастаии идорашаванда (УТС) дар ибтидои солҳои 50-уми асри XX ба миён омад. Соли 1956 баъд аз маърӯзаи И.В. Курчатов дар Англия, ҳамкориҳои васеи байналмилалӣ дар соҳаи УТС бо бисёр кишварҳо роҳандозӣ гардид.

Имрӯз навъҳои бисёри гуногуншакли плазмаи газӣ-тахлиявӣ маълум аст, ки тавассути навъҳои ҳархелаи афканишоти ионизатсияшуда ҳосил мешаванд. Дар электроникаи физикӣ тахлияҳои оптикӣ, тахлияҳои басомади баланд (ВЧ-разряды), тахлияҳои фавқулбасомад (СВЧ-разяды) омӯхта ва татбиқ карда мешаванд. Дар навбати аввал, ин манбаъҳои рӯшноӣ ибтидо аз дастгоҳҳои равшанидиҳандаи рӯзона ва билохир, манбаъҳои тавонои ултрабунафши афканишоти ғайрикогерентӣ (лампаҳои ксенон, литий) барои истифодаи генераторҳои квантӣ ва лазерҳои газитахлиявӣ истифода бурда мешавад. Параметрҳои плазмаи газӣ-тахлиявӣ дар ҳудуди васеъ тағйир меёбад. Масалан, дар лампаҳои рӯшноии рӯзона $n = n_e = n_l \cong 10^{10} \div 10^{13}$ см$^3$ ҳангоми $n_0 \cong 10^{13} \div 10^{16}$ см$^{-3}$, яъне $P_0=10^{-3}\div1$ Торр, $T_e\approx10^4\div10^5$K ($T_e\approx1\div10$ЭВ) ва $T_l \cong 1000K$ $(T_l \cong 0{,}1Эв)$, яъне плазма дар онҳо сустионизатсия шуда ва ғайриизотермӣ $(T_e >> T_l)$ мебошад.Плазма дар МГД-генераторҳо зичтар аст. Дар он дар фишори атмосферии газ $(n_0 \simeq 10^{19}\, см^{-3})$консентратсияи зарраҳои заряднок ҳангоми $T_e \simeq T_l \simeq 0{,}3эB = 3000K$ ба $n \simeq 10^{17} \div 10^{18}\, см^{-3}$ баробар мешавад. Бояд қайд намуд, ки бар хилофи плазмаи ионосфера,ки андозаҳои сарҳади сел садҳо километрро ташкил медиҳанд (плазмаи дар фазо номаҳдуд), плазмаи тахлияи газӣ дар фазо то андозаи $\simeq 1$ м маҳдуд аст (плазма дар МГД-генератоҳо).

Плазма дар дастгоҳҳои синтези термоҳастаии идорашаванда (УТС) мақоми махсус дорад. Таърихан дар ибтидои солҳои 50-уми асри XX аз ҷониби А.Д.Сахаров ва И.Е. Тамм дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Л. Спитсер дар ИМА пешниҳод гардид, ки ба вуҷуд овардан, гарм намудан ва нигоҳдошти плазмаи гидрогенӣ дар домҳои магнитӣ амалӣ карда шавад. Дар чунин дастгоҳҳо плазмаи гидрогенӣ бо деворҳои реактори термоҳастаӣ дар ҳароратҳои ниҳоят баланди $T_l > 10^8\, K$ набояд расиш дошта бошад. Чунин қиматҳои баланди ҳарорат воқеъан ҳам, зарур аст, зеро ҳарорати реаксияи ҳамҷояшавии ҳастаи гидрогении камтарин (пороговая) маҳз ҳамин аст.

$H^1 + H^1 \to D^2 + e^+ + v$

$D^2 + H^1 \to H_3^{\ 3} + \gamma$

$He^3 + He^3 \to He^4 + H^1 + H^1 + 267 МэВ \to$

Дар ҳар як сикли ин реаксия ба миқдори Q=276 МэВ энергия ҷудо мегардад. Ин сикл дар ҳарорати 13 млн. град ба амал меояд. Дар чунин ҳарорат суръати ҳароратии хаотикии зарраҳо ниҳоят зиёд аст $\left(\vartheta_{Tl} = \sqrt{\frac{T_l}{M}} \approx 10^8 \frac{см}{c}\right)$ва агар чораҳои махсус дида нашаванд, онҳо дарҳол дар фосилаи вақти $\tau = \frac{a}{\vartheta_{Tl}} \simeq \frac{100 см}{10^8 \frac{см}{c}} \simeq 10^{-6} c$ ба девораҳои реактор бармехӯранд. Барои он ки чунин ҳодиса ба амал наояд, плазмаро дар чунин конфигуратсияи майдони магнитӣ ҷойгир менамоянд, ки ба ҳаракати зарраҳо ба самти деворҳо монеа шаванд. Чунин майдонҳои магнитӣ ё ба воситаи манбаъҳои беруна, масалан, дар домҳои навъи кушод – «Пробкотрон» (Расми2), ё тавассути ҷараёнҳои тахлиявӣ, масалан, дар домҳои сарбасти тороидалӣ – «Токомак» (Расми 4) ангезонида мешаванд. Қимати зарурии консентратсияи плазмаи дар реактори термоҳастаӣ ва вақти нигоҳдошти устувори плазма аз шарти Лоуссон муайян карда мешавад, ки барои плазмаи дейтерий-тритий чунин аст: $n_l \tau > 10^{14} см^{-3} \cdot c$, ки дар ин ҷо $\tau$-вақти нигоҳдошти плазма мебошад.Одатан $n_l \simeq 10^{14} см^{-3}$ ва $\tau = 1c$ интихоб менамоянд. Дар домҳои магнитӣ ин қиматҳо дар майдонҳои $B_0 \simeq 4Тл$ ҳосил мешаванд. Барои чунин қиматҳо фишори майдони магнитӣ аз фишори газодинамикии плазма бештар аст, яъне $\beta = \frac{8\pi nT}{B_0^2} << 1$, ва маҳз ҳамин шарт плазмаи гармро дар домҳои магнитӣ нигоҳ медорад.

Ба ғайр аз дастгоҳҳои статсионарӣ, бо нигоҳдошти магнитии плазмаи термоҳастаии гарм, инчунин, «термояд»-и инертсиалӣ низ мавҷуд аст, ки дар он плазмаро нигоҳ намедоранд, балки кӯшиш менамоянд, онро то ҳарорати термоҳастаӣ $T_l \geq 10 КэВ$ гарм намоянд ва ин амал чунон иҷро мешавад, ки шарти Лоуссон иҷро шавад. Маълум аст, ки муддати гарм намудани плазма то ҳарорати термоҳастаӣ ба вақти паҳншавии инертсионии плазма баробар аст: $\tau = \frac{a_0}{\vartheta_s}$, ки дар ин ҷо $a_0$-андозаи нишони (реактори) термоҳастаӣ, $\vartheta_s \simeq \sqrt{\frac{T_l}{M}} \simeq 10^8 \frac{см}{c}$ – суръати мавҷи ионӣ-садоӣ. Агар нишони термоҳастаӣ аз кураи дейтерий-литий ё яхи «вазнин» иборат бошад, он гоҳ онро бо манбаи афканишот симметрӣ бомбарон (расми 3) намуда, то ҳарорати термоҳастаӣ гарм намудан онро ҳосил кардан мумкин аст. Дар мавриди нишон аз яхи «вазнин» будан $\left(n \simeq 10^{22} \div 10^{23} см^{-3}\right)$ вақти пароканиш набояд аз $10^{-9} \div 10^{-8} c = 1 \div 10 нс$ зиёд бошад ва аз ин ҷо андозаи нишон бояд ба $a_0 \simeq 1 мм$ баробар бошад. Барои гарм намудани нишони куравии ҳамин андоза то ҳарорати термаҳстаӣ тавоноии манбаи афканишот бояд аз $5 \cdot 10^{14} \div 5 \cdot 10^{15} Вт$ зиёд бошад.

Дар шароити муосир ду навъи амалӣ намудани синтези термоҳастаии инертсионӣ васеъ паҳн шудаанд: лазерӣ, ки соли 1964 аз ҷониби Н.Г. Басов ва О.Н. Крохин пешниҳод шудааст ва даставӣ (электронӣ ё ионӣ), ки соли 1971 аз ҷониби Г.Винтерберг пешниҳод шудааст. Дар мавриди аввал тахлияи оптикӣ истифода шуда, гармшавии плазма дар майдони тавоноии афканишоти лазерӣ ба амал меояд, дар мавриди дуюм тахлияи даставӣ истифода шуда, гармшавии плазма дар зери таъсири зарраҳои зарядноки даставӣ ба амал меояд. Маълум аст, ки сухан гуфтан оид ба зарурати синтези термоҳастаии идорашаванда барои инсон баъд аз садамаи Чернобил зиёдатӣ мебошад. Имрӯз он яке аз манбаъҳои энергияии экологии тоза ба ҳисоб меравад. Модоме ки дар бораи плазмаи термоҳастаӣ сухан рафт, бояд Офтоб ва ситораҳои Коинотро ёдрас шуд, ки мисоли плазмаи баландҳарорат мебошад. Агар аз қаъри Офтоб ва

ситораҳо ба канораҳои онҳо раҳсипор шавем, он гоҳ ҳарорат ва консентратсияи плазма аз қиматҳои $T \simeq 10^{9} \div 10^{10} K$, $n \simeq 10^{25} \div 10^{26} см^{-3}$ то қиматҳои $T \simeq 10^{4} K$ *ва* $n \simeq 1 \div 10 см^{-3}$ кам мешаванд. Омӯзиши чунин плазма қисми махсуси астрофизика ба шумор меравад.

То имрӯз асосан ду самти тадқиқот оид ба СТИ (синтези термоҳастаии идорашаванда) коркард шудааст: нигоҳдошти магнитии плпзма ва нигоҳдошти инертсионии плазма.

Ғояи асосии нигоҳдошти магнитии плазма чунин аст: ба зарраҳои заряднок, ки дар майдони магнитӣ ҳаракат менамояд, чи тавр ки маълум аст, қувваи Лорентс таъсир менамояд. Дар зери таъсири ин қувва зарра дар ҳамворие, ки ба самти майдони магнитӣ перпендикуляр аст, дар масофаҳои на чандон дур аз хатҳои қуввагӣ давр мезанад (Расми 1).




***Расми 1**. Масири ҳаракати зарраи заряднок дар майдони магнитӣ.*

Траекторияҳои зарраҳо спиралӣ буда, метавон гуфт, ки майдони магнитӣ зарраҳоро аз ҷойивазкунӣ ба самти перпендикулярӣ нигоҳ медорад, аммо ҷойивазкунии зарраҳо ба самти майдони магнитӣ озод аст. Масъала ба миён меояд, ки ҷоивазкунии зарраҳои плазмаро ба самти тӯлии майдон низ бояд нигоҳ дошт. Ин масъала ду усули ҳал дорад. Усули аввал иборат аз он аст, ки майдони магнитии ғайриякҷинса ба вуҷуд оварда шавад. Яъне чунин майдони магнитиро ба вуҷуд бояд овард, ки шадидияти он дар охирҳои дастгоҳ афзоиш ёфта бошад (Расми 2).

Дар чунин майдони ғайриякҷинса траекторияи зарраҳо бо қадамҳои тағйирёбандашакли сипиралидошта ва энергияи ҳаракати тӯлӣ ба энергияи ҳаракати арзӣ табдил меёбад. Зарраҳои аз соҳаи пурзӯри майдони магнитӣ инъикосгардида, аз охирҳои дастгоҳи плазмавӣ баромада наметавонанд. Чунин дастгоҳҳоро домҳои магнитии кушод меноманд. Онҳо «Пробкотрон» ном доранд. Соҳаи пурзӯри майдони магнитӣ тамбаи (пробка) магнитӣ номида мешавад ва ҳамаи дастгоҳро аксари вақт тамбатрон (пробкатрон) меноманд. Чунин дастгоҳи нисбатан калонҳаҷм дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сохта шуда буд, ки номи он Огра-2 буд. Дар шароити имрӯза домҳои бисёртамбавӣ (многопробочные ловушки) сохта ва коркард шудааст (Расми 3).



***Расми 2**. Нақша ва сохти зоҳирии доми магнитии кушод (Пробкатрон).*



***Расми 3**. Нақшаи доми магнитии бисёртамбавӣ*

Роҳи дигари халосӣ аз манъ намудани ҳаракати зарраҳо ба самти майдон, сарбаст намудани хатҳои қувваги майдони магнитӣ мебошад. Чунин дастгоҳҳое, ки дар ин принсип истифода карда мешавад, домҳои магнитии сарбаст номида мешаванд. Чунин домҳо бо хатҳои қувваги доиравӣ дар шакли тор – «бублик» сохта мешаванд (Расми 4).

Аммо чунин домҳо зарраҳои плазмаро нигоҳ дошта наметавонанд. Ин ба он вобаста аст, ки майдони магнитӣ дар буриши арзии тор ғайриякҷинса мебошад. Як ҷисми гардиши доиравӣ дар майдони магнитии зӯр, яъне бо радиуси хурд ва қисми дигари гардиш дар майдони магнитии паст, яъне бо радиуси калон ба амал меояд. Дар натиҷа дар як гардиши пурра зарра ба нуқтаи аввалаи худ барнамегардад ва каме аз он меғеҷад. Чи тавре ки мегӯянд, дрейфи (каҷравии) зарраҳо ба вуҷуд меояд ва онҳо оқибат ба



***Расми 4**. Нақшаи доми магнитии сарбаст.*

деворахо бармехӯранд (Расми 5).

Барои он ки бо чунин дрейф мубориза баранд, пешниҳод гардид, ки хатҳои қуввагии винтоб (морпеч)ба вуҷуд оварда шаванд (Расми 6).



***Расми 5**. Тарҳи стелларатор*
*(Тамоили плазма дар доми тороидалӣ)*



***Расми 6**. Тарҳи стелларатор*
*(Тамоили плазма дар доми тороидалӣ)*

Ҳангоми ҳаракат аз рӯи чунин хатҳои қуввагӣ зарраҳо як қисми роҳро бо як тамоил ва қисми дигарро бо тамоили муқобил тай намуда, дар як гардиши пурра, дрейфи (тамоили) пурра ба вуҷуд намеояд. Зарра аз кадом нуқтае, ки ҳаракатро оғоз намуд, ба ҳамон нуқта бармегардад. Чунин навъи дастгоҳҳо стеллараторҳо номида мешаванд (Расми 6). Дар шароити ҳозира онҳо дар Россия, ИМА, Олмон, Япония ва дигар кишварҳо мавҷуд ҳастанд. Муваффақиятҳои асосӣ дар СТИ дар дастгоҳҳои навъи «Такомак» ба даст оварда шудаанд. Ин дастгоҳҳо аз стеллараторҳо бо он фарқ менамоянд, ки дар онҳо майдони магнитии беруна винтоб набуда, дар тамоми ҳаҷми тор ҷараёни электрикӣ ҷорист. Ин ҷараёни доиравӣ аз ҳисоби майдони магнитии тағйирёбанда, ки онро майдони электрикии доиравӣ тавлид намудааст, ба вуҷуд оварда шудааст. Дар ин дастгоҳ газ дар камера ионизатсия шуда, ҷараён ба вуҷуд меояд. Ин ҷараён майдони магнитии доиравӣ (Расми 7) ва якҷо бо майдони магнитии беруна, майдони пурраи винтобмонандро дар стелларатор ба вуҷуд меорад.



***Расми** 7. Нақшаи «Токомак»*

Идеяи нигоҳдошти магнитӣ тақозо менамояд, ки плазмаро нигоҳ дошта, онро то ҳарорати реаксияи термоҳастай гарм бояд кард. Якчанд навъи гарм намудани плазма мавҷуд аст (гармӣ аз ҳисоби ҷараёни электрикӣ, аз ҳисоби майдони берунаи электромагнитии фавқулбасомад, бо ёрии дастаҳои зарраҳои нейтралӣ). Ғояи нигоҳдошти инертсионӣ аз он иборат аст, ки плазма чунон тез гарм карда шавад, ки дар ин муддати вақт вай пароканда нашавад. Барои амалӣ намудани ин усул, манбаъҳои энергияи тавоно дар фосилаҳои кӯтоҳи вақт лозим аст. Яке аз ин гуна манбаъҳо лазерҳо мебошанд. Синтези термоҳастаии лазерӣ (УЛТС) дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пешниҳод гардид ва рушд ёфт. Принсипи он чунин аст: ба нишонии куравӣ бо сӯзишвории термоҳастай, дастаҳои тавоной – рӯшной равона карда мешавад (Расми 8).



***Расми 8**. Синтези термоҳастаии лазерӣ*

Ин рӯшной маводи нишонро буғ ва сипас, ионизатсия намуда, онро пароканда менамояд. Бино бо сабаби таъсир ва акси таъсир (қонуни бақои импулс) маводи дохили кура фишурда ва гарм мешавад. Агар чунин раванд нисбатан тез ба амал ояд, он гоҳ омехтаи ҳосилнамударо то ҳарорати реаксияи термоҳастаии зарурӣ гарм ва ҳосил кардан мумкин аст. Ба ҷои лазерҳо манбаъҳои дигари энергияро низ истифода намудан мумкин аст. Яке аз чунин манбаъҳои муфид, дастаҳои тавонои электронӣ (РЭП) ва инчунин, дастаҳои ионҳои вазнин ба шумор меравand.

Ҳамин тавр, ду роҳи асосии ҳалли проблемаи термоҳастай мавҷуд аст. Яке бо нигоҳдошти магнитӣ ва гарм намудани плазма алоқаманд аст. Дар ин роҳ реаксияҳо дар сӯзиши ҳастай суст

мегузаранд. Роҳи дуюм, ба нигоҳдошти инертсионӣ алоқаманд буда, тарзи импулсӣ ҷудошавии энергия мебошад. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи микротаркиш (таркиши хурд) меравад.

Кадом муваффақиятҳо дар роҳи СТИ ба даст омадаанд? Барои ба ин савол посух гуфтан меъёри Лоуссонро бояд нишон дод. Ин меъёр чунин аст: барои реаксияҳои термоҳастаӣ дар ҳарорати модда 10КэВ ~100 млн. градус (1эВ=11000$^0$С) бояд $N\tau \simeq 10^{14}\,см^{-3} \cdot сон$ бошад. Дар ин ҷо N-консетратсияи (ғаноиши) ионҳои плазма (миқдори ионҳо дар 1см$^3$), $\tau$ -вақти нигоҳдошти плазма мебошад.

Дастгоҳҳо бо нигоҳдошти магнитӣ чунин натиҷа медиҳанд: T~6КэВ (PLT-ИМА), $N \simeq 10^{13}\,см^{-3}$, $\tau < 0{,}1 сон$ ва $N \cdot \tau \simeq 10^{12}\,см^{-3}\,сон$. Дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, дар дастгоҳи «Т-10» ҳарорат ба $T \simeq 2кЭВ$ баробар буда, $N \simeq 10^{14}\,см^{-3}$, $\tau \simeq 0{,}3 сон$ ва $N \cdot \tau \le 3 \cdot 10^{13}\,см^{-3}\,сон$ мебошад.

Бо роҳи нигоҳдошти инерсионӣ СТИЛ (синтери термоҳастаии идорашавандаи лазерӣ) натиҷаҳо чунинанд: $T \simeq 10кЭВ$, $\tau \simeq 10^{-9}\,сон$, $N \simeq 10^{21}\,см^{-3}$ ва $N \cdot \tau \simeq 10^{12}\,см^{-3}\,сон$. Дараҷаи фишурдашавӣ то 10$^2$ расонида шудааст ва бояд ин рақами ба 10$^4$ баробар бошад.

Лоиҳаҳои сохтмони реакторҳои демонстратсионӣ (намоишӣ) бо коэффитсиенти кори фоиданоки $\eta \simeq 1$ низ сохта шудааст, ки дарояндаи наздик энергияи плазмавӣ ба истифода дода хоҳад шуд. Аз ин рӯ, дар зер баъзе диаграммаҳоро оид ба энергия ва истифодаи он дар миқёси ҷаҳонӣ нишон медиҳем, зеро рушди ояндаи тамоми соҳаҳои фаъолият ба рушди энергетика пайванди ногусастанӣ дорад.




*Таркиби муосири истифодабарии энергия дар ҷаҳон*




*Истифодабарии солонаи энергия, Q/сол*




*Афзоиши миқдори аҳолӣ вобаста ба солҳо*




*Ҳиссаи навъҳои манбаъҳои энергия дар ҷаҳон*

***Давлат СОЛИҲОВ –***
***доктори илмҳои физикаю математика, профессор, декани факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

# МАСЪУЛИЯТ ДАР ЗИНАИ АВВАЛИ ТАҲСИЛОТ

***Вазъи кунунии ҷомеа тақозо дорад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба тарбияи насли наврас эътибори зиёд дода шавад. Диққати роҳбарияти мактаб, омӯзгорон, роҳбарони синфҳо ва дигарон бояд, пеш аз ҳама, ба тарбияи шахсият равона гардад.***

Ҳамзамон, тарбия аз рӯи чанд қонуну қавоиди маъмулӣ не, балки дар асоси беҳтарин суннатҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ бояд сурат гирад. Дар мактаб бояд чунин шароите фароҳам оварда шавад, ки шогирдон ҳамаҷониба ба рушду камол расанд, диққату хотира ва ҷаҳонбиниашон ташаккул ёбад, худашонро бишносанд, фарди мустақил, соҳибақида, боирода ва эҷодкор бошанд, ҷустуҷӯ намоянд, ташаббус нишон бидиҳанд ва масъулият эҳсос кунанд. Аз ин рӯ, корҳои тарбиявӣ дар мактаб бояд самтҳои зайлро дар бар гиранд: ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон; тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, ватанхоҳӣ, тарбияи меҳнатӣ ва иқтисодӣ, тарбияи ҳисси зебоипарастӣ (эстетика), тарбияи зиндагии солим (ҷисмонӣ, экологӣ), кор бо волидон ва аҳли ҷомеа ва ғайраҳо.



Аввалин ва муҳимтарин вазифаи муассисаҳои тахсилоти умумӣ аз ташаккули ҷаҳонбинии шогирдон иборат мебошад. Аммо барои он ки ҷаҳонбинии толибилмон инкишоф ёбад, бояд омӯзгорон чӣ будани ҷаҳонбиниро донанд ва худашон ҷаҳонбинии комил дошта бошанд. Ҷаҳонбинӣ чист? Ҷаҳонбинӣ, пеш аз ҳама, маҷмуи ақида, эътиқод ва муносибати шахс нисбат ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, табиат ва мақому рисолати инсон дар зиндагӣ мебошад. Дар мактаб бояд ба он саъй варзид, ки шогирдон оид ба ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоии замон, тазодҳои рӯзгори инсон фикру ақидаи худро дошта бошанд ва дар мавридҳои ҳасос онро ифода карда тавонанд. Яъне онҳо набояд ба ягон рӯйдод аз рӯи сухани дигарон баҳо диҳанд, балки худашон он ҳодисаро санҷидаю омӯхта ва эҳсос намуда, ба хулосае оянд ва дар хулосаи хеш устувор бошанд. Ба ибораи дигар, мактабиён – ворисони ояндаи кишвар, чунонки дар бисёр мавридҳо ба назар мерасад, набояд ҳар рӯзу ҳар соат фикрашонро тағйир диҳанд, аз қавлашон гарданд, балки якрӯю якниҳод бошанд, дар ҳар гуна вазъият яксон монанд, аз гуфтаашон рӯй натобанд, зеро инсони комил он аст, ки дар дил як гапу дар забони гапи дигар нагӯяд, балки забону дилаш як бошад, он чи дар дил дорад, ба забон орад, ба як маром зиндагӣ бикунад. Баъзе аз бачагон шояд дар оила, аз ишораҳои падару модарон ин чизҳоро дарк карда бошанд, аммо қисми зиёди хонандагон дар бораи ин мафҳумҳо тасаввурот надоранд. Бинобар он, дар мактаб моҳияти ин ё мафҳумро ба наврасону ҷавонон фаҳмондан лозим аст. Дар акси ҳол, қисмате аз шогирдони мактабҳо бе фикру ақидаи шахсӣ, бе эътиқод, дурӯя, ноустувор, фиребгар, бешараф ва баъзан хоин ҳам калон мешаванд, ки ин ба камолоти маънавии онҳо ва инкишофи бонизоми ҷомеа зарари калон мерасонад.

Ҳар рӯз аз нахустин қадамҳои бача ба мактаб ба ташаккули ҷаҳонбинии ӯ эътибор бояд дод. Яъне аз зинаи аввали таҳсил бояд бахри он кӯшид, ки бачаҳо ба муҳити атроф бо дидаи ибрат нигаранд, ба моҳияти рафтору гуфтори хеш сарфаҳм раванд, баду некро фарқ кунанд. Минбаъд аз синф то синф бояд мушоҳидаҳои онҳо дақиқтар, назарашон бориктар, муносибаташон ба ҳодисаҳои айём ҷиддитар гардад ва онҳо арзишҳои ахлоқиро амиқтар дарк бинамоянд.

Барои амалӣ шудани ин самт дар мактаб корҳои тарбияро тарзе ба роҳ мондан даркор аст, ки шогирдон бо майли том ва бо меҳру муҳаббат ба мактаб оянд, ба донишомӯзӣ шавқу рағбати зиёд зоҳир кунанд. Ин амр дар сурате амалӣ мегардад, ки падару модарон, омӯзгорон ғамхору дилсӯз бошанд, бачагонро ҳамчун шахс бишносанду ҳурмат кунанд, дар баҳогузорӣ адолат зоҳир намоянд ва барои таҳсили фарзандон шароити мусоид фароҳам оваранд. Мактаб на танҳо шогирдонро ба омӯхтани илму дониш бояд сафарбар намояд, балки тафаккури эҷодии онҳоро инкишоф диҳаду барои ҳалли масъалаҳои душвори назарию амалӣ омода созад. Ба ин амри хайр аз мактаби ибтидоӣ замина бояд гузошт. Агар хонандагон дар синфҳои поёнӣ ба хондану омӯхтан одат намоянд, фикр ва диққаташонро ҷалб карда тавонанд, пас дар синфҳои боло малакаю одати онҳо ташаккул ёфта, ба эҳтиёҷ мубаддал мегардад. Яъне бачаҳо, ки аз хурдӣ ба хондан хӯ гирифтанд, минбаъд ҳамин одати онҳо камол меёбад ва онҳо дигар аз китоб дил канда наметавонанд, ҳамвора ба мутолиа шуғл меварзанд. Ин ҷо шарти муҳим он аст, ки шогирдон бояд дар зиндагии хусусии инсон ва рӯзгори ҷомеа чӣ аҳамият доштани илму донишро дарк бинмоянд. Дар ин бобат омӯзгорон, падару модарон, роҳбарони синфҳо бояд ҳиссаи бағоят калон гузоранд. Онҳо бояд ҳамеша илму донишро тарғиб намоянд, моҳияти онҳоро ба талабагон эзоҳ бидиҳанд ва худашон барои шогирдон намунаи ибрат бошанд.

Яке аз омилҳои асосии камолоти маънавии инсон худомӯзист. Аз ин рӯ хонандагонро баҳри мустақилона ба даст даровардани илму дониш, омода сохта, ба онҳо талқин бояд намуд, ки танҳо ба сабақи муаллим ва китоби дарсӣ қаноат карда, мустақилонаю эҷодкорона хонданро ёд бигиранд, бештар ҷустуҷӯ кунанд, шавқу рағбат зоҳир намоянд, ташаббус нишон диҳанд. Барои инкишофи тафаккури эҷодии шогирдон адабиёти бадеӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Омӯзгорон бояд ҳам худ бештар асарҳои бадеӣ хонанд ва ҳам шогирдонро ба мутолиаи зиёдтар ва ҷиддитар ҷалб созанд. Гузашта аз ин, раванди таълиму тарбияро чунон ташкил кардан лозим аст, ки ба инкишофи тафаккури талабагон шароит фароҳам ояд, онҳо бо шавқ саволу ҷавоб ва баҳсу мунозира кунанд ва имкониятҳои маънавии худро вусъат бахшанд. Ин қабил корҳо ҳатман рағбати хонандагонро ба дониш афзун гардонида, ба ташаккули шахсияти онҳо мадад мерасонанд. Ҳамин тавр, зинаи аввали таҳсилот марҳилаи муҳим дар омӯзиш ва ташаккули маънавии хонандагон буда, бори масъулияти омӯзгорон дар ин марҳила басо гарон аст.

***Фазила УМАРОВА –***
***ҷонишини директор оид ба***
***синфҳои ибтидоӣ дар мактаби №87,***
***ноҳияи Сино***

***Агар мо шараф хоҳем, агар мо номус хоҳем, агар мо иззату обрӯй хоҳем, агар мо ҳуқуқ хоҳем, ба ибораи кӯтоҳ - агар мо ҳаёт хоҳем, бояд ки фурсат нагузаронда, чанг ба домони сайфу қалам занем... Эҳтиёҷоти ҳаррӯза ва нуқсоноти воқеаи худамонро ба воситаи матбуот музокира намуда, ба ҳар дарди худ аз ин маъҷуни мураккаб, яъне матбуот даво ҷӯем!***

***Агар ҳаёт ҷӯед, ба даст гиред сайфу қаламро.***

***Садриддин АЙНӢ***

***Имрӯз сайфу қаламро ба хотири рушди давлати тозаистиқлол, пешрафти зиндагии мардум, вусъати ободонӣ, ташаккули идеологияи миллӣ, ки якояк аз сатҳи саводнокии омӯзгорон, ҷалбу тарбияи истеъдодҳои ҷавон ва вусъати амалигардонии барномаву ҳадафҳои судманд бармеоянд, бояд ба даст гирифт, на ба хотири ғаразу иғво ва таҳқиру тавҳим!***

***Саидаи ФАЗЛ***

***ГИРОМИДОШТ***

# УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА ДАР ШИНОХТИ МУЪМИН ҚАНОАТ

***(Бахшида ба 90-солагии Муъмин Қаноат)***

***Муъмин Қаноат аз шогирдони асил ва дастпарвари мактаби адабии устод Мирзо Турсунзода ба ҳисоб меравад. Устод Мирзо Турсунзода ҳам аз чунин шогирд хушнуд буд. Устод дар рушди маънавии ӯ саҳми босазо гузоштааст. Мусаллам аст, ки то имрӯз аз ҷониби адибону олимон доир ба паҳлуҳои гуногуни осору рӯзгор ва фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии устод Мирзо Турсунзода асарҳои зиёде таълиф гардидаанд, ки ҳар кадоми ин осор дар мавриди худ қимати илмию адабиро доро мебошанд.***

Ҷиҳати муҳими масъалаи матраҳшаванда дар адабиёти муосири тоҷик, ворисияти адабӣ, шинохти эҷодкорон ва дарёфти чеҳраҳои соҳибистеъдод аз ҷониби устодон ба шумор меравад. Ин масъаларо дар мисоли ду чеҳраи намоёни адабиёти муосир устод - Турсунзода ва Муъмин Қаноат метавон баррасӣ намуд.

Баъд аз устод Айнӣ шогирдаш Мирзо Турсунзода кори ӯро идома дод. Устод Турсунзода бе муҳобот зимомдори илму адаби тоҷик буда, рисолати сарварӣ ва тарбияи адибони ҷавонро дар адабиёти муосир анҷом додааст.



Қобили қайд аст, ки шинохти Муъмин Қаноат ба ҳайсият, фардият, ворисият ва осори устод Турсунзода, ба хусус, давом бахшидани мактаби адабӣ дорои арзиши муҳими илмӣ ва адабӣ буда метавонад. Ҳамин ҷанбаҳои муҳимми мероси адабии ӯ аз тарафи адибон ва муҳаққиқон дар китобу рисолаҳо ва мақолаҳои алоҳида ёдовар шуда бошад ҳам, аммо андешаҳои Муъмин Қаноат ҳамчун шогирди бевоситаи устод Турсунзода қобили таваҷҷуҳи махсус аст. Афкору мулоҳизаҳои ӯ дар мавриди устод Турсунзода аз назари таҷриба, таҳлил ва таъсири адабӣ дар мақолаю суханрониҳо ва ёддоштҳояш баён шудаанд. Муъмин Қаноат доир ба рӯзгору осор ва шахсияти устод Турсунзода андешаҳо ва бардоштҳои ҷолибу омӯзанда иброз доштааст, ки хусусиятҳои фардӣ, фаъолияти эҷодӣ ва дигар ҷиҳатҳои мактаби эҷодии ӯро ошкор сохтааст. Далели равшани он шеъри “Барои ҳурмати мӯи сафедаш” (1963), сипас, мақолаи “Назм ва низоми замон” (1976), “Алвидоъ, устод” (1977), “Устоди назми оламгир” (1980), “Суханро вазну тамкини замин бояд” (1982) ва ғайра мебошад. Аммо чуноне ки аз фаъолияти эҷодии Муъмин Қаноат мушоҳида мегардад, алоқамандӣ ва пайвастагии ӯ ба осори устод Турсунзода ҳанӯз аз даврони мактабхониаш (солҳои 1949- 1951) оғоз гардидааст.



Ҳамин дилбастагӣ ва шефтагии зиёд ба ашъори устод Турсунзода боиси он гардидаст, ки дар пайравӣ ба силсилаи шеърҳои “Қиссаи Ҳиндустон” панҷ дафтар шеър машқ намояд, вале онҳоро дар ягон рӯзнома ё маҷалла чоп накардааст. Муъмин Қаноат дар як суҳбат гуфта будааст, ки он панҷ дафтар шеър то ҳанӯз дар бойгониам маҳфузанд. Тавре ӯ дар ин мавзуъ қайд намудааст: “Ман дар пайравӣ ба достони “Мавҷи табрикҳо”-и муаллим Турсунзода ба муносибати ҳафтодсолагии Сталин манзума навишта, ба муаллим Раҳимзода фиристода будам”. Аз ин лиҳоз,

маълум мегардад, ашъори устод Турсунзодаро на танҳо мутолиа мекард, балки достонҳои ӯро сармашқи кори эҷодии худ қарор дода буд, ки ин мазмунро дар шеъри “Барои ҳурмати мӯи сафедаш” (1963) ифода намудааст:

*Барои хотири шеъраш, ки онро*
*Ба роҳи хеш болу пар ниҳодам.*
*Барои шеъри мардумошнояш,*
*Ки аз он шеъри худро сар намудам.*

Ин аст, ки робитаи ғоибонаи Муъмин Қаноат ба устоди назми оламгир аз ин силсилаи шеърҳои шогирдонааш гувоҳӣ медиҳад.

Ба ҳамин тариқ, баъди хатми мактаби миёна - соли 1951 Муъмин Қаноат ба факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил мешавад. Ва бори нахуст ба дидани чеҳраи муборакѝ устод Турсунзода дар маҳфили донишгоҳ аз наздик мушарраф мешавад.

Вале ба таъкид бояд ёдовар шуд, ки устод Турсунзода аз маҳорату истеъдоди Муъмин Қаноат ба василаи Боқӣ Раҳимзода воқиф мешавад. Бино ба гуфтаи адабиётшинос А. Набавӣ: “Устод бо ҳидояти Боқӣ Раҳимзода аз истеъдоди Муъминшоҳ огоҳ мешавад ва сипас дар ташаккули шоириаш бевосита саҳм мегирад, шеърҳояшро хондаву маслиҳат медиҳад, ҷиҳати сусташро бе рую риё нишон дода, боварии ӯро ба ҳунараш бештар месозад”. Суҳбат бо устод Турсунзода ва воқиф шудан аз маҳорати баланду ояндаи неки Муъмин Қаноат ин гуна сурат гирифтааст.

Баъди омӯзиши ҷиддии улуми филологӣ, таърих ва фалсафа дар пайравӣ ба шеъри Абулқосим Лоҳутӣ дар бораи инқилоби машрутахоҳони Эрон шеъри “нави достонгуна” эҷод мекунад. Ва рӯзе ҳамроҳи Басир Расо ба Иттифоқи нависандагон рафта, ба дафтари Боқӣ Раҳимзода медароянд. Устод Раҳимзода ӯро назди Мирзо Турсунзода мебарад ва баъди аҳволпурсӣ мухтасар гуфтааст, ки шеър овардааст ва ҳамон манзумаро мехонад, ки як байташ ин аст:

*Эрон фиреби фитнаи иғвогарон хӯрад,*
*Ҳайф аст, ки шер саблати сайди сагон хӯрад.*

Худи Муъмин Қаноат мушоҳида ва бардошти устод Турсунзодаро чунин ёдовар шудааст: “Муаллим Турсунзода шеърҳоро гӯш карда, ишора карданд, ки саводи шоириаш хуб будa, забону тарзи тасвири нодир дорад”. Худи ҳамон лаҳза устод Турсунзода ба Боқӣ Раҳимзода супориш медиҳад, “ӯро зери назорат мегирӣ”. Ҳамчунин, аз рӯи супориш баъзе шеърҳои шоирони хориҷиро тарҷума карда меовард.

Пас аз хатми донишгоҳ ба тавсия ва супориши бевоситаи устод Турсунзода Муъмин Қаноат барои кор ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон даъват шуд. Устод Турсунзода на танҳо ба Муъмин Қаноат ғамхории падарона ва бародарона менамуд, балки ҳамаи навқаламонро ҳамаҷиҳата дастгирӣ мекард. Ба назари адабиётшинос Худоӣ Шарифзода: “Устод Турсунзода дар шахси Муъмин Қаноат касеро дидан мехост, ки баъди сари ӯ номи тоҷикон ва манфиатҳои адабиёти тоҷикиро дар доираи васеътаре муаррифӣ ва ҳимоя карда тавонад”. Акнун баъди ба кор даъват шудани Муъмин Қаноат шиносоӣ ба устод Турсунзода вусъати бештар пайдо мекунад. Бояд таъкид намуд, ки робитаи наздики Муъмин Қаноат ба устод Турсунзода барои рушду равнақ ёфтани маҳорати шоирӣ ва ба қуллаи мурoду мақсуд расидан боис шуд. Гузашта аз ин, ҳангоми аз назаргузаронии шеърҳои навэҷошудаи Муъмин Қаноат устод Турсунзода диққати махсус зоҳир намуда, камбудияшро рӯйрост мегуфтааст. Ва баробари вусъат ёфтани ҳусни ҳамкорӣ бо устод Турсунзода боз ҳам бештар ошно мешавад ва солҳои зиёде дар бараш ба ҳайси муовин кору фаъолият менамояд. Аз ин ба баъд, шинохти Муъмин Қаноат ба осори Мирзо Турсунзода рафта – рафта васеътару фаррохтар гардида, бардошту таассуроти хешро дар шеъри болозикр, ки соли 1963 иншо шудааст, ба пурраги дарк менамоем. Як порча аз он:

*Қасам бар ҷону виҷдони ҷавонам:*
*Агар дар шеър қутби нав кушоям,*
*Аз он ҳар субҳ чун ахтар бароям,*
*Ба назди шеъри ӯ таъзим намоям!*

Ин шеър аз 8 байт иборат буда, мазмуну муҳтавояш чунин зоҳир мешавад. Ӯ солҳои 60- уми асри 20 ба майдони адабиёт омада, эътироф кардааст, ки фаъолияти эҷодиашро аз каломи оташин ва таъсирбахши устод Турсунзода оғоз намудааст.

Мулоҳизаҳои Муъмин Қаноат на танҳо дар ин шеъри зикргардида зоҳир мешавад, чуноне ки дар боло таъкид намудем, балки дар мақолаҳои алоҳидааш, аз ҷумла, дар китоби “Ёддоштҳо ва бардоштҳо”(2012) вобаста ба шинохти устод Турсунзода ва осори арзишманди ӯ афкору мулоҳизаҳои ҷолиб баён намудааст. Як бахши фаъолияти адабии Муъмин Қаноатро афкори адабии ба Мирзо Турсунзода бахшидааш ташкил менамояд. Гуфтан мумкин аст, ки фикру мулоҳизаҳои Муъмин Қаноат дар шинохти шахсияти устод Турсунзода ба таври бевосита аз шеъри “Барои ҳурмати мӯи сафедаш” (1963) оғоз шуда, то охирин таълифоти насриаш “Ёддоштҳо ва бардоштҳо” (2012) ва минбаъд ҳам дар мусоҳибаҳою суханрониҳояш баён гардидаанд. Ӯ дар ҳар мақолаю суханронияш ба ин ё он паҳлуи ҳунару маҳорати шоирӣ ва инсонии устодаш назар намудааст.

Аз ҷумла, назарашро перомуни хусусиятҳо, барҷастагиҳо ва масъалаҳои дигари ашъори устод Турсунзода дар мақолаи “Назм ва низоми замон “(1976) чунин иброз медорад: “Бешубҳа, шеъри Мирзо Турсунзода бо ҷанбаи лирикӣ- публитсистии худ дар якҷоягӣ олами бузурге дорад, ки дар он ҷунбиши гаҳвора ва гардиши сайёра, ғурриши дарёҳо ва сукути саҳроҳо, пайвастани дастҳои дӯстӣ ва занҷираҳои ситам, аллаи модари тоҷик ва гиряи модари Шарқ фурӯ нишастани ҷангу ҷӯшҳо ва парвози киштиҳои кайҳонӣ дида ва шунида мешавад”.

Махсусиятҳои фардӣ ва эҷодии устод Турсунзода на танҳо мавриди таваҷҷуҳи олимон ва донишмандон, балки восита ва сарчашмаи ҷолибу ҷазби шоирон низ будааст. Муъмин Қаноат дар идомаи мақолаи болозикр, ба нақду баррасии чанд шеъри устод ӯро ҳамчун мунодии сулҳу дӯстӣ, тарранумгари озодӣ маънидод намудааст: “Набояд маъниҳо ва лафзҳи сабук рӯи об бошанд, нашояд, ки ҳар чизи чашмрас дархӯри шеър бошад. Амиқии фикр ва шиддати эҳсос шеърро баландӣ мебахшанд. Охир, назми олӣ ҳам як навъи сохмони эҳсосу афкор аст”. Дар ҳақиқат, ин гуна хусусият дар шеъри устод Турсунзода мушоҳида мегардад.

Ғайр аз ин, Қаноат баъди 4 рӯзи даргузашти устод Турсунзода сӯгномаи хеле таъсирбахшу симимии ҷигарсӯз бо номи “Алвидоъ, устод” менависад: “Мо нависандагони тоҷик, нависандагони тамоми мамлакат, дӯстон ва шогирдон Шуморо ҳамчунон дидем ва ҳамчунин дарёфтем. То ҷаҳон ва инсон ва сухан боқист, аз файзи нури шеъри заминӣ ва осмонии Шумо гармӣ ва равшанӣ меҷӯем. Бо дарди ҷонкоҳ ва олами алам мегӯем:

*Чун ашк марез пок дар домани хок,*
*Бо ханда марав ту аз лаби хандоне.*

Дар ҳамин сӯгнома ба фардияти устод Турсунзода ин тавр баҳо медиҳад: “Шоиру нависандагони тоҷик - хурду бузург парвардаи дасти навозишкор ва сахтгири ӯянд. Ҳамчун инсон, ҳамчун нависанда – мо ҳама аз шахсияти устод Мирзо Турсунзода аз фаъолияти ҷамъиятии ӯ аз шеъри оламгири ӯ об хӯрдаем ва камол ёфтаем”. Ин мазмун идомаи мантиқии шеъри “Барои ҳурмати мӯи сафедаш” мебошад. Мирзо Турсунзода барои Қаноат на танҳо устод, балки падари маънавӣ ҳам ба ҳисоб мерафт ва борҳо ӯро падар гуфтааст. Дар охири ин сӯгнома ба дард чунин мегӯяд: “Алвидоъ, устоди бузургвор, алвидоъ падари меҳрубон! Ба Шумо хоби абад, ба шеъри Шумо умри абад!”

Муъмин Қаноат дар мусоҳибае бо номи “Устоди назми оламгир” (1980) аз ҳайсияти устод Турсунзода сухан мекунад. Ҳамчунин, дар мақолаи дигар таҳти унвони “Суханро вазну тамкини замин бояд” (1982) ба сабки устодаш чунин ибрози назар намудааст: “Ҳар як сатри Турсунзода саҳли мумтанеъ аст. Шеъри вайро тифл ҳам мефаҳмаду пири барҷомонда ҳам... Ҳар як шеъри ӯ гӯиё як ҷузъе буд, ки ба хотири офариниши кул гуфта шудааст... Бо вуҷуди тазвиҷи мавзуъҳо, ғояҳо вай дар ҳунари шоирӣ, беш аз ҳама, ба ду чиз эътибори ҷиддӣ медод: яке моҳияти ғоя, ки бояд ҳатман ба манфиати саодати башарият хизмат кунад, дигаре роҳу воситаҳои мувофиқтару муассиртарини баёни он ғоя... Барои ифодаи пуртаъсирии ғоя бошад, ҳама чизи шеър - ҳам вазну қофия, ҳам имконияту қонунияти жанрҳои адабӣ роли муҳим мебозанд”. Ҳамин ҳунару маҳорати кордонӣ, хислатҳои нек ва шикастанафасии Муъмин Қаноат боиси он гардид, ки аз соли 1968 ҳамчун муовини раёсати ИНТ кор кунад. Дар симои ӯ оянда раиси Иттифоқро медид ва номзадии ӯро ба ин вазифа салоҳ медонист. Ӯро барои роҳбарӣ омода карда буд. Ин аст, ки

Муъмин Қаноат зикр мекунад: “Вале дар равиши сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ман рисолати муаллим Турсунзодаро давом додам”.

Устод Турсунзода ба шогирдаш эътимоду боварии комил дошт ва ӯро ҳамчун фарзанд ҳимояту пуштибонӣ менамуд ва Муъмин Қаноат ҳам устодашро эҳтиром менамуд ва мекӯшид, ки ба боварӣ сазовор бошад. Муъмин Қаноат дар суҳбаташ бо Раҳим Мусулмониён дар бораи муносибати устодаш чунин гуфтааст: “Воқеъан маро чун фарзанд дӯст медошт”. Инчунин, мусоҳиб суол мекунад, ки “Оё иттифоқ афтода, ки ягон сухан ва ё кори устод Турсунзода шуморо сахт оташин карда бошад?

Посух: - Устод ҳаргиз маро ҷанг намекард. Гоҳо иттифоқ меафтод, ки устод аз мусофират ва ё бемористон омада буд. Кор дар вақташ иҷро нашуда буд ва ё кайфияте дилхоҳ надошт. Дар чунин ҳолатҳо устод дар ҳузури ман устод Боқӣ Раҳимзода ва бештар шодравон Фотеҳ Ниёзиро сарзаниш мекард”. Ё ҷои дигар дар бораи ғамхориҳои устод чунин ёдовар мешавад: “Муаллим, меҳрубон, ғамхор, аммо сахтгир буданд...”

Гузашта аз ин, устод Турсунзода низ дар мавриди Муъмин Қаноат ва осори ӯ изҳори назар намудааст. Ба хусус, дар бораи шеъри “Мавҷҳои бародарӣ” чунин гуфтааст: “Хушбахт он бародари шаҳид, ки чунин бародари шоир дорад. Муъмин на танҳо бародари худро зинда гардонид, балки ба ҳазорон қурбониёни Ватан ҳайкал гузошт”. Дар мавриди дигар тавассути суҳбати телефонӣ бо Расул Ғамзатов дар хусуси достони Қаноат чунин гуфтааст: “...Муъминшоҳ? Ӯ бо “Суруши Сталинград” чунон банд аст, ки гоҳ-гоҳ пазмонаш мешаваму намеёбамаш. Дина ронандаро фиристодам, аз Чорбед ёфта овардаш. Як боби достонро хонд, хеле шод шудам. Расулоҷо! Бовар кунед, ин достон на танҳо дар Иттиҳоди Шуравӣ, балки дар тамоми олам ғулғула меафканад. Ҳамин ки тарҷума шуд, бароят мефиристам. Хону завқ кун”.

Аз қазовати худи Муъмин Қаноат бармеояд, ки то охирин лаҳзаҳои ҳаёт бо устодаш буд ва васияташро ҳам ба шоирди ягонааш - Қаноат гуфтааст: “Худатро ва Иттифоқро эҳтиёт кун”. Аз ин ҷумлаҳо пай бурдан мумкин аст, ки то чи ҳад ба шогирдаш боварию эътимод дорад ва бо самимият сухан кардааст.

Эҳтироми бузурги Муъмин Қаноат нисбат ба Мирзо Турсунзода ба ҳамагон равшан аст ва дар китоби “Ёддоштҳо ва бардоштҳо” ба ӯ чунин баҳои муносиб медиҳад: “Барои аҳли адаб шахсияти устод Турсунзода сазовори ҳама гуна таҳсину офарин аст. Устод як инсони софу содаву самимӣ буд. Шеъраш низ чунин хусусият дошт. Аз рӯҳи ҳақиқатхоҳу муҳаббатҷӯи ӯ маҷро мегирифт. Инсони хайрхоҳу адабпарвар буд. Устод дар заминаҳои гуногуни иҷтимоӣ бобати ривоҷу густариши фарҳанги ин миллат хидмати арзандае анҷом додааст”. Чун ба фикру андешаҳои Қаноат дуруст тааммуқ намоем, чеҳраи устод Турсунзода бештар дурахш мекунад ва дар умум шахсияти ӯро ин гуна шинохт кардааст: “Ба қуллаи Турсунзода расидан маҳол аст. Ва ин як амри воқеъ аст. Охир ӯ на танҳо сари мо, сарвари мо, зимомдори илму адабу ҳунари мо буд. Замину замон қудрати ӯро аз мо рабудан надоранд. Шахсан худи ман сайёраи заминро бе ӯ тасаввур карда наметавонад”. Албатта, баррасии тамоми фикру мулоҳизаҳо ва назару бардошти Муъмин Қаноат ба шахсияти устод Турсунзода ва осораш аз маҷоли ин мақола берун аст ва бо ин чанд ифодаи назарҳо иктифо мекунем.



***Назриддин СОЛЕҲЗОДА –***
***муҳаққиқ***

**ДИЛНАВИШТА**

***Ниҳолро буридам,***
***Аз чӯбаш қалам сохтам,***
***То барои ҳифзи табиат шеър нависам.***

***Нурулло ҒАФУРИЁН***

***ТАҲҚИҚ***

# ДАСТУРИ МУФИД ДОИР БА МАСОИЛИ ТАРБИЯВӢ

***Солҳои охир таълифи китобу дастурҳои нави таълимӣ бо шеваи ҷадид, ки ба низоми муосири таҳсилот ҷавобгӯ бошад, муттасил рӯи кор омада истодааст. Дастури таълимии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Абдулбоқӣ Нуров таҳти унвони “Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ” низ дар заминаи ҳамин талабот нигошта шуда, аз афзалият ва бартарияти хос бархӯрдор аст. Марҳилаи нави таърихӣ дар роҳи дурусти низоми таълим ва тарбият, муносибати хонандагонро ба зиндагӣ тағйир дода, донишҳои назарии онҳоро такмил мебахшад ва миёни дониши онҳо ва воқеияти зиндагӣ пайванди табиӣ ба вуҷуд меоварад.***

Бо дарназардошти тақозои замон ва ниёзҳои маорифи кунунии кишвар, ки ҳадафи умдатарини он бунёди маорифи миллист, ба табъ расидани дастури профессор А.Нуров ҳамчун падидаи тоза дар соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Профессор Абдулбоқӣ Нуров аз муваффақтарин олимони соҳаи педагогикаи тоҷик аст, ки солиёни зиёд ба пажуҳишу таҳқиқ ва таълиму тадрис машғул буда, дар ин роҳи пурмашаққат тавфиқ ба ӯ ҳамроҳ будааст. Ҳамчун донишманди ҷӯянда перомуни масъалаҳои муҳимми таълиму тарбия таҳқиқ анҷом дода, дар баробари ин, мақолаву рисола, дастуру китобҳои таълимӣ ва илмӣ-методӣ таълиф намуда, ба нашр расонидааст. Таълифоти зиёди ин олими нуктасанҷ ва дақиқназар дар хидмати донишҷӯёну омӯзгорон ва пажӯҳишгарони илми педагогика қарор гирифтаанд. Зиёда аз ин, дар таҳияи барномаҳои таълими умумии педагогӣ низ устод дасти тамом дорад. Муаллиф дар эҷоди ин дастур равишҳои хоси тарбиявиро ҳамаҷониба ба таҳлил гирифта, бо такя намудан ба асноди меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф, аз ҷумла, Қонун “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии тарбия, Қонун “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” фикру мулоҳизоти дархӯри замон ва пурарзиш баён доштааст. Муаллифи дастур кӯшидааст, ки перомуни масъалаҳои муҳимми тарбия аз мисолҳои возеҳу рӯшан ва арзишҳои маънавию ахлоқӣ ҳар як маводи таълимиро асоснок кунад. Инчунин, дар он тарзи тартиб додани шаклҳои гуногуни корҳои тарбиявӣ ҳамчун намуна оварда шудааст, ки кори омӯзгоронро дар таҳия намудани нақшаи корӣ то андозае осон мекунад. Махсусияти ин дастур боз дар он аст, ки дар он роҳу равишҳои ташкил ва баргузор намудани тадбирҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва берун аз дарс ҳадафмандона ва мушаххас матраҳ ёфтааст. Дар баробари ин, пас аз ҳар маводи таълимӣ саволу супоришҳо барои мустаҳкамкунии мавзуъ ва феҳристи адабиёти зарурӣ фароҳам омадааст, то ки ҷӯяндагони илму дониш бо дастрас намудани адабиёт маърифати комил аз ин фан ҳосил кунанд.




Парвариш ва ташаккул додани шахсияти нав, ки ҳамсафару ҳамрадифи замон бошад, дар шароити кунунӣ аз муҳимтарин масоили тарбиявӣ ва маърифатӣ ба шумор меояд. Бо пайгирӣ аз ин нуктаи муҳим, муаллифи дастури мазкур таъкид ба он доштааст, ки: “Дар тарбияи насли наврас нақши асосиро муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебозанд ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятро таъмин менамоянд. Зеро ки дар шароити имрӯза танҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд ягонагӣ ва алоқамандии ҳама тарафҳои инкишофи

шахсиятро ба дӯш гиранд”. Воқеан ҳам, таълимгоҳ ягона маркази парвариши донишу маърифат ва хулқу атвори писандидаи инсон ба шумор рафта, аз дигар сӯ, камоли шахсияти ҳар фарди ҳушманду бедор аз хираду заковати ҳар кас вобаста мебошад. Дар ин раванд нақши омӯзгор дар тарбияи насли инсон муассир ва бориз ба назар меояд. Танҳо омӯзгор бо фаъолияти хастанопазир дар ташаккулёбии шахсияти насли ояндасози ҷомеа саҳми боарзиш мегузорад. Ҷойгоҳ ва манзалати омӯзгор, махсусан, тарбиятдиҳандагони таҳсилоти ибтидоӣ, ки поягузорони аслии саводу дониш дар ниҳоди хонандагон маҳсуб меёбанд, дар пешорӯи аҳли ҷомеа шоёни тақдир аст. Муаллиф ба шахсияти омӯзгор арҷ гузошта, афзудааст: “Омӯзгори мактаби ибтидоиро дар ҷомеа на фақат барои омӯзгори аввалин буданаш, ҳамчунин, барои поягузори илму маърифат ва навниҳолони солимро тарбия карданаш эҳтиром мекунанд”. Ҳадафи омӯзгор дар ҷомеа тарбия ва ба камол расондани насли солим аст. Ин рисолати омӯзгори воқеӣ дар дастур ба камоли садоқатмандӣ таъкид ва таъйид ёфтааст.

Нақши роҳбари синфро ба ҳайси тарбиятгари воқеӣ дар ин ҷода набояд аз назарҳо дур андохт. Ба андешаи муҳаққиқи донишманд, маҳз ба туфайли заҳмати содиқонаи роҳбари синф шогирдон роҳи росту мустақими тарбияро паймуда, аз пайи ислоҳи хислатҳои нописандидаи худ мегарданд. Вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як омӯзгор, хосса роҳбари синф он аст, ки характеру хислати шогирдонро дар алоҳидагӣ роҳу усулҳои омӯхта, муносибат кардан бо онҳоро дарёбад. Дар зимн, шахсияти ҳар як нафарро ба унвони инсони воқеӣ пазируфта, дар рушду нумуи сифатҳои ахлоқии шогирдон саҳми худро гузорад. Ҳар як роҳбари синф ба сифати равоншиноси озмуда, аз нигоҳи равонӣ ба сурати инфиродӣ тарбиятгирандагонашро бояд омӯзад. Пасон ба хусусиятҳои синнусолӣ, инкишофи ақлӣ, ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ, худтарбиякунӣ ва худташаккулдиҳии шогирди хеш диққати асосӣ дода, дар такомули ахлоқии фардии онҳо мусоидат намояд. Таҳия ва ба қолаби нақша даровардани корҳои тарбиявӣ аз асоситарин масъулиятҳоеанд, ки ба дӯши роҳбари синф вогузор шудаанд. Чунки нақшаи корҳои тарбиявӣ низом ва мураттабии фаъолияти кории солонаи роҳбари синфро таъмин мекунад. Ба андешаи муаллиф, дар тартиб додани нақша “хусусиятҳои синну сол, дараҷаи дониш ва шароиту вазъияти талабагон” ба эътибор гирифта шуда, аз омӯзгор эҷодкориву навоварӣ ва маҳорати хоси касбиро тақозо дорад. Ҳамзамон, намунаи нақшаи корҳои тарбиявӣ ва мавзуъҳо дар дастур қайд гардидааст, то ки омӯзгорони ояндаро дар кори тарбия мушкилӣ ва ғалатфаҳмие пеш наояд.

Мусанниф дар фасли “Методҳои таъсиррасонии педагогӣ” дар хусуси моҳият ва ҳадафи таъсири педагогӣ мулоҳизаҳои судманд ироа дошта, дар усули таъсиррасонии педагогӣ “муносибати гуманизми ҳақиқии педагог нисбат ба насли наврас”-ро афзал ва муҳим медонад. Педагоги намоёни рус А.С. Макаренко низ ин маъниро таъкид доштааст: “Муҳаббати самимӣ нисбат ба тарбиятгирандагон ҳатман серталаб буданро тақозо мекунад. Мо чӣ қадаре ки нисбат ба одам серталаб бошем, ӯ ҳамон қадар аз ҷиҳати ахлоқӣ хубтар тарбия меёбад”. Вобаста ба ин, муҳаққиқ дар заминаи таъсиррасонии педагогӣ дар хусуси масъалаи талаботи педагогӣ, дурнамо, ҳавасмандгардонӣ, маҳкумкунӣ ва афкори умум, андешаҳои қобили таваҷҷуҳ баён дошта, хулосаи мантиқӣ ва муътамад низ бардошт намудааст. Афкори умумро дар тарбияи шахс тавонотарин метод арзёбӣ намуда, кудрати гурӯҳ (коллектив)-ро дар ташаккули шахсият боарзиш ва нақшгузин донистааст, ки ин баҳои мунсифона ва воқеъбинона аст. Дар дастур нақши оила ҳамчун ниҳоди калидӣ дар тарбияи фарзанд шинохта шудааст. Инсон дар тамоми давру замон эҳтиёҷ ба тарбия дорад. Аз ин нуқтаи назар, муаллиф ҳамбастагии мустаҳками волидону омӯзгоронро, ки тарбиятгарони воқеӣ дар парвариши насли наврас ба шумор меоянд, таъкид дошта, иртиботи қавии падару модарон бо муассисаҳои таълимиро муҳимтарин василаи таълиму тарбияи судовар ва пурманфиат арзёбӣ намудааст. Арзишнокии ин дастур боз дар он аст, ки истилоҳот ва мафҳумҳои асосии ин фан бисёр равону возеҳ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, ки донишомӯзон аз он ба таври шоиста баҳрабардорӣ хоҳанд намуд. Шарҳи 44 истилоҳ ва мафҳумҳои фаннӣ доманаи донишҳои донишҷӯёнро фарох намуда, дар азхудкунии мавзуъҳо ва дар амал татбиқ намудани маводи таълимӣ ба онҳо мадад мерасонад. Дар хотимаи дастури таълими зикршуда ба сифати замима овардани матни комили Консепсияи миллии тарбия дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонун “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” бозгӯкунандаи он аст, ки ин ду ҳуҷҷати муҳимми тарбиявӣ ҳамчун раҳнамову роҳкушо барои ҳар як тарбиядиҳандаву тарбиягиранда зарур аст. Маҳз донистан ва ба моҳияти ин аснод дуруст сарфаҳм рафтан ба фаъолияти корҳои тарбиявӣ мусоидат мекунад. Ба ибораи дигар, ҳар як омӯзгор муваззаф аст, ки кулли аркону паҳлуҳои муассири ин санадҳои меъёриро наку ҳифз кунад ва дар ҷодаи фаъолият аз ин аснод моҳирона кор гирад.

Дуруст аст, ки тарбия кори ҳамагон буда, дар баробари рушду равнақи ҷомеа ниёз ба навҷӯӣ ва тозакориҳои назаррас дорад. Аз ин ҷиҳат, тавсия менамоем, ки дар таҳия ва тадвини нашри баъдӣ, муаллифи дастур бо истифода аз паёмҳои ахлоқӣ-тарбиявии бузургони дирӯзу имрӯзи миллат ва офаридаҳои соҳибназарони хориҷӣ бо мақсади пурбортару мухтавомандтар гардидани маводи омӯхтанӣ мисолҳои мушаххасу муфидро ҷой диҳад. Ин имконият фароҳам меорад, ки хонандаи дастури таълимӣ фарохтару комилтар оид ба масъалаҳои мубрами тарбиявӣ дониш ҳосил кунад.

*Ҳасан ЧӮРАЕВ –*
*устоди факултети педагогикаи*
*ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,*
*номзади илмҳои педагогӣ*

***Дар замони Истиқлолияти Тоҷикистон, ки миллати тоҷик сарнавишти давлати худро ба дасти худ гирифт, Наврӯз дар кишвари мо шукӯҳу ҷалоли худро аз нав пайдо кард ва ба ҷашну сурури умумимиллӣ табдил ёфт.***

***Эмомалӣ РАҲМОН***

***Рӯзи аввали фарвардин ҳамвора оғози соли нави эрониёни қадим буда, ҳамеша онро Наврӯз номидаанд ва ҷашни бузурге будааст. Мардуми Суғд онро ба забони худ «Навсард», яъне соли нав номидаанд. …одат шуда буд, ки дар ин ҷашн ҳар касе барои дӯстони худ ширинӣ мефиристод ва ин одат … дар миёни туркони усмонӣ низ роҳ ёфт.***

***Саид НАФИСӢ***

***Наврӯз ҳамчун ҷашни мардуми эронинажод нишона аз таҷлили ҷадиди ҳар сол аст.***

***М. БОЙС (шарқшинос)***

***Ба сабаби аввали баҳор, дар вақти ба ҳаракат даромадани тамоми растаниҳо, рост омадани ин ид, табиати инсон ҳам ба ҳаракат меояд. Аз ин ҷост, ки тоҷикон мегӯянд: «Ҳамал (манзур номи бурҷе, ки мувофиқ ба моҳи фарвардин аст), ҳама чизҳо дар амал». Дар ҳақиқат ин иди ба ҳаракат омадани киштҳои ғалла, дона ва сар шудани кишту кор ва дигар ҳосилоти заминӣ аст, ки инсонро сер карда ва сабаби баҳои ҳаёти ӯ мешавад.***

***Садриддин АЙНӢ***

***Насими муборакқадами баҳорӣ муғчаҳои дарахтонро хабари арӯсӣ меорад. Пилтаи сафеди нӯги занҷираи мӯйҳои маҳини духтарон ҳамчун баҳор сафедкорӣ мекунад. Офтоб мисли тоқии симдӯзии духтарон зарҳал меафшонад. Табиат медамад, дил метапад, хаёли ошиқ ба сайронгаҳи муҳаббат мепарад, сабзаҳо пардаи заминро дарида, ба офтоб салом медиҳанд. Наврӯз, ту ҳамчун боқимондаи сурудҳо ва навиштаҳои устод Рӯдакӣ азиз ва муқаддасӣ, … ҳар кӣ дар зиндагӣ ба умри бузург омаду рафт, албатта, бо умеди рӯзи нав даргузашт. Пас ту ҳайкали рафтагони мо ҳастӣ.***

***Лоиқ ШЕРАЛӢ***

***ХОТИРОТ***

# ЧАНД ҲИССАИ ХУРД АЗ ЯК ҚИССАИ КАЛОН

***Рӯзе, ки маъмурияти мактаб таълиму тарбияи яке аз синфҳои якумро ба мани то ин дам дар синфҳои болоӣ дарсгуфта бовар кард, фикре ба сарам роҳ ёфт, ки дафтаре кушоям ва ҳама саргузашти мактабӣ: равиши таҳсилу омӯзиш, заҳидаҳои гуфтору кирдор ва ҳаракатҳои ҷолиби шогирдонро, ки барои ташаккули шахсияташон мувофиқу созгор, яъне барои пурраву дуруст шудани диду нигоҳашон ба муҳит ва тағйиру такомул ёфтани ҷаҳонфаҳмиашон мосу муҳим аст, аз рӯзи аввали таҳсил то синфи чорумро хатм карданашон, чунон ки ба мушоҳида мегирам ва чандон ки ҳавсала даст медиҳад, муфассалан, бо майда-чуйдаҳояш як ба як бинависам. Дар натиҷа, сабти танҳо саргузаштҳои давраи алифбохониашон, баъзе лаҳзаҳои муваффақонаи дарсхониашон дар се дафтари серварақ базўр ғунҷоиш ёфт. Ҳарчанд дар таснифи дафтарҳо танҳо қалам рондам, шогирдонамро ҳаммуаллиф медонам. Чаро? Агар онҳо фаъол намебуданд, ҳар туғёну эҳсосоти ботинашонро бебокона зоҳир намекарданд, бо гуфтору ҳаракатҳояшон фикри маро ба шўр намеоварданд, андешаҳои ман ба хеле маъниҳо намепечид. Дар натиҷа маъние норавшан ё ногуфта мемонд, саҳифае “ғайб” мезад, балки дафтар умуман навишта намешуд...***

Инак, чанд пора аз он дафтарҳоро баъди веросторин лозим ба ихтиёри хонандаҳои маҷалла ҳавола месозем.

**Илоҷи дермонда ва раҳоӣ аз бори хиҷолат**

Ҳотам дар синф вақти танаффус нишаста хат машқ мекард. Сайфулло аз мағоза ду кулчақанд харида омад. Яктои онро ба Ҳотам дод. Ҳотам пеши худ ваъда дод, ки ягон рўз дуто кулчақанд бихарад, яктояшро ба Сайфулло медиҳад. Танҳо пас аз кулчақандҳоро хўрда тамом карданашон ба ёдашон расид, ки дар синфхона ҳамроҳашон нафари сеюм низ ҳаст, яъне ман. Ҳотам шояд ба ҳамин маънӣ бо нидое мувофиқ ба Сайфулло гуфт:

– Иҳ-х, агар сето кулчақанд мебуд, яктаашро ба муаллим медодем!

Сайфулло гўё кори ношоистае карда бошад, то буни гўшҳояш сурх шуд. Сараш каме хам гашт, бо табассуми ҳаёбору нигоҳи шармомез сўи ман нигарист. Барои зиёдтар шарм накашидани Сайфулло гапамро ба оҳанги гуфтори Ҳотам созиш кунонда, шўхиомез гуфтам:



– Сето кулчақанд, ки набуд, ҳардуятон нимтоӣ медодед ҳам, мешуд...

– Ҳа, – ба фикрам розӣ шуда, илоҷи дермондаро тасдиқ кард Ҳотам ва баъди каме таваққуфи хаёломез афзуд: – Дуто нимтагии шумо якта мешуд, ба мо нимтогӣ мемонд...

Сайфулло низ ризомандона ду-се бор ноаён сар ҷунбонда, бо ҳамин роҳ аз зери бори ҳаё халос хўрд. Гўё ними бори шарм аз пушти шонааш фурў рехт, ки дар паси миз роҳаттар нишаста, бо табассуми акнун ризомандона рост ба ман нигарист. Аз ваҷоҳаташ пай бурдам, ки чизе гуфтан мехоҳад, вале ғайраташ кифоят намекунад. Шояд мехоҳад бигўяд, ки... Маънии дар зеҳнаш бударо тахмин кардаву дар саволи худ гунҷонда аз ў пурсидам:

– Бори дигар дуто кулчақанд бихарӣ, бо ман қисмат мекунӣ-а?

– Ҳа, – овозе набароварда бо табассум ва сарҷунбонӣ гапи маро тасдиқ намуд ў.

Аз мулоҳизаи муҳтавои гуфтугӯ хулосае дар зеҳнам шакл гирифт: шогирдон аз ин қабил роҳҳо ба дарки моҳияти ададҳои касрӣ наздик мешаванд!?

**Ду шохаи як хулоса ва чанд тахмини шигифт**

Калимаҳоро бо ҳам мехонем. Бо роҳбаладии андаки ман худи шогирдон онҳоро як-як аз ягон ҷиҳат таҳлил мекунанд ё тафсил медиҳанд.

– Калимаи "ҷайра" ду ҳиҷо дорад,—шарҳ медиҳад Мақсуд.

– "Ҷом" – ҷом, ҷойи худам, – маънидод мекунад Исфандиёр…

Аз байни шогирдон бисёриҳо *рюмка*ро ("румка" талаффуз кунанд ҳам) медонанд, аммо касе *ҷом*ро намедонад. Аҳвол ба сари худ боиси хавотир кашидан набошад ҳам (ҳанӯз доираи луғавии забонашон маҳдуд буда, забономӯзиашон дар пеш аст), мавриди афсӯс хӯрдан аст, ки аз забони калонсолон номи хеле ашё ва амалҳоро дар қолаби калимаҳои русиву аврупоӣ мешунаванд ва табиист, ки он чизҳо ва корҳоро бо ҳамон номҳои русиву аврупоияшон мешиносанду дарк мекунанд…

Чаро Исфандиёр калимаи *ҷом*ро ба маънои номи зарфи обнӯшӣ нафаҳмид, аз ишораи ҷумлаи боло маълум аст. Аммо сабаби ба маънои "ҷойи ман" фаҳмиданаш ин аст, ки дар гӯйиши сокинони деҳа калимаи **ҷой** бо пасванди **-ам** (**-ям**) пайваста ва сипас мухтасар шуда, шакли "ҷом"-ро гирифтааст. Агар калима (балки ибора) дар навиштор, хосатан дар шеъре истифода мешуд, дар шакли "ҷо-м" менавиштанд. Аммо ин маънироИсфандиёр аз куҷо донад? Модом ки надонад, шарҳи вай дуруст аст? Ам-мо… Аммо ҳар ду калимаи дар навишт шаклан монанд аз ҷиҳати талаффуз тафовут доранд: овози *о* дар калимаи *ҷом* (ҷойи ман) нисбат ба калимаи *ҷом* (номи зарф) ҳини ҳамвор сухан гуфтан низ кашидатар садо медиҳад. Табиист, ки Исфандиёр ва ҳамсабақони сабуксортараш бо сатҳи фаросати имрӯзаашон ба чунин нозукиҳои талаффуз риоя кардан чӣ, ба сари худ дар сатҳи зарурӣ сарфаҳм рафта ҳам наметавонанд. Ин паҳлуи савтиётро аз ҳоло барояшон кам-кам шарҳ бидиҳам? Оё фаҳмида ва баҳрае бардошта метавониста бошанд? Ба фикрам, метавонанд! Зеро дар вақти дарс оҳанро дар гармияш кӯфта, масъаларо дар мисоли ду калимаи "ҷом" камакак шарҳ ки додам, худи Исфандиёр ва ду-се нафари дигар "ҳа-а"–гӯён сарашон-ро болотару чашмонашонро бозтар карда, аз фаҳмиданашон дарак доданд…

Вақти дарс ва ҳоло ки сатрҳои болоро навиштам, то гузоштани мӯлнуқта танҳо зоҳири амал – бо рағбату ҳавас калимаҳоро ба фаҳми худ мувофиқ таҳлилу тафсир намудани шогирдон дар мадди назарам буд. Вақти дарс ва ҳини сабти ҷумлаҳои боло аз чунин шарҳ додану маънидод кардани шогирдон чӣ қадар лаззат бурдам, худам медонаму Худо!

Аммо ин дам… сари хулосаи аҷибе омадам: Аввалан, агар шогирдонро дар ҳалли баъзе муаммоҳо ба ихтиёри худашон озод вогузорӣ, мефаҳмӣ, ки онҳо ба чӣ корҳое қодиранд, аммо ин хулосаи аҷиб нест. Баъдан, агар онҳоро дар интихоби қаринаи ҷавобҳо соҳибихтиёрӣ диҳӣ, аҷаб посуххои гуногун ва ҳайратовар мешунавӣ. Ин ҳам хулосаи аҷиб нест. Сонияи…

Хайр, "агару магар"-ро як тараф монему сари хулосаи аҷиб оем: Агар ҷавобҳои онҳоро бодиққат гӯш кунӣ ва эътибор диҳӣ, ки ба масъала аз кадом паҳлу наздик мешаванд, аз кадом дидгоҳ менигаранд, хоҳӣ фаҳмид: рағба-ташон ба кадом сӯй, майлашон ба кадом ҷониб, фаросаташон ба кадом поя... аст.

Аз ду шарҳи ду хонанда, ки зотан барои ба дарозо накашидани сухан аз бай-ни маънидодҳои зиёди шогирдон ҷудо карда, дар сари саҳифа навиштем, ду навдаи як хулоса баромад: Мақсуд, ки аслан ба ҳисобу китоб таваҷҷуҳи бештар дорад, ба калима аз ҳамин дарича нигариста, дар он ду ҳиҷоро дид. Исфандиёр бошад, дар қиёс бо дигар ҳамсабақонаш ба маънидоди мазмуни калима, дидани мафҳуми зимни он, шарҳи шаклу таркиби калима рағбати бештар, ки дорад, ба калимаи таҳлилкардааш аз дигар паҳлу –шарҳи мазмуни он наздик шуд.

Ана, ҳамин аст хулосаи аҷиб, ки ҳини зикр карданам ба чанд хулосаи на камтар аз худ муҳимтар партав афканд. Ана ҳамин тавр!

**Ҳеч шогирде набояд ба кӯйи навмедӣ афтад!**

Дар дарси ҳисоб ду амали аввали мисоли якро дар лавҳа ҳал кардам: якашро худ, дуюмашро бо мадади хонандаҳо. Ҳалли амали сеюмро барои мустақилона иҷро кардан ба худи хонандаҳо

ҳавола кардам. Мақсуд аз ҳама пеш ва дуруст ҳал кард. Ҳатто Ҷамолиддин, ки рӯзҳои охир дар дарсҳои ҳисоб ба дигарон бартарӣ зоҳир мекунад, аз Мақсуд пешдастӣ карда натавонист. Ӯ шояд ба сабаби зиёда шитобзадагӣ зоҳир кардан, ки гоҳе бо омезишу ҳамбастагии саргармӣ ва ғайрат махлут гашта, ҳатто идрокро ба мисли биниш ба иштибоҳ меандозад, амалро ғалат ҳал кард: 7–7=5. Ё ҳисобро дуруст баровард, аммо лаҳзае, ки қаламро ба рӯйи варақ расонда, ҳосили тарҳро навиштан мехост, баҳои эълоншудаи Мақсудро шунавид ва онро ғайриихтиёр ба ҷойи рақами сифр, ки менавишт, нақш кунонд?

Ба дафтари Мақсуд баҳои “5” гузоштам. Ҳама баъди боз як бор равиши ҳалли ин қабил амалҳоро шарҳ доданам мустақилона ё ба дафтари дигаре нигоҳ афганда, фаҳмида амалро дуруст ҳал карданд… Ҳалли мисоли дуюмро, ки амалҳояш нисбат ба амалҳои мисоли якум дар ниҳояти содагӣ аст, пурра ба худи хонандаҳо ҳавола кардам. Гуфтам, ки ҳар кас чандто амал, ки хоҳад, ҳал намояд, хоҳад як амалро, хоҳад панҷ амалро ҳал кунад. Барои ба ҳал кардани амалҳои зиёдтар шердил намудан афзудам:

– Боз якто баҳои “5” ҳаст. Касе ҷавоби амалҳои мисоли навро пештар аз дигарон ёбад, панҷ аз они ӯ…

Аксарият амалҳои тайёрро бетағйир, ҳал накарда шитобон ба дафтарҳояшон кӯчонданд: 3+4; 3+1; 7+2; 4+1… Шитобзадагии бо рағбати пешдастӣ ҷустан ва саргармии сабук махлутгашта рӯ зад ва пеши тамкину мулоҳиза ва андешаашон ғав гузошт-ҷӣ?...

Дар ҳал кардани мисоли 2 низ Мақсуд пешдастӣ намуд: бепарвоӣ ва лоуболии беисён, ки шояд тамкин бошад, кор дод? Ба дафтараш боз якто баҳои “5” гузоштам. Фирдавс, ки ҳисобу китобро баъди Мақсуд дувумин шуда ба сомон расонд, бо оҳанги хеле аёни орзумандона гуфт:

– Ман дуюмин шудам. Агар боз якто баҳои “5” мебуд, ман мегирифтам.

Ана, халос! Чӣ бояд кард? Чӣ кор кунем, ки ӯ навмед нашавад?

Ба нӯги қалам бодиққат нигаҳкунон оҳиста-оҳиста назди мизи Фирдавс рафтам. Ҳама ба ҳаракати ғалатиам бо ҳайрат нигаристанд. Ба назди мизи Фирдавс расида, як ба атроф, ба хонандагони мунтазири оқибати ҳаракатҳоям нигариста дидам, ки ҳама чашминтизор ва гӯшу ҳушанд. Мушоҳидаи аҳвол маро гӯё ба боғи сермеваю пурнакҳате бурд. Бори дигар ба нӯги қалам сахт синчакунон гуфтам:

– Боз якто будагӣ барин. Канӣ, дафтаратро интарафтар мон, – ва дурустии амалҳои ҳалкардаи Фирдавсро санҷида, ба дафтараш баҳои “5” гузоштам.

Баҳоро гузоштаму садои хандаи Исфандиёр ба гӯш расид. Бисёриҳо аз хандаи ногаҳонӣ ва бозавқи Исфандиёр ҳайрон шуданд. Ман низ.

– Чӣ механдӣ, Исфандиёр? – пурсидам ба асли воқеа сарфаҳм нарафта.

—О, дар куҷои қалам “5”-и тайёр ҳаст? Агар мебуд, қаламро ҳамин ки ба варақ расондед, панҷ ба дафтар мегузашт, – хандаашро базӯр нигоҳ дошта шарҳ дод Исфандиёр.

Рости гап, аз чунин диду нигоҳи мавсуф ба ҷузъиёт он қадар завқи беҳад бурдам, ки ба гуфтан осон нест. Баъди шарҳи Исфандиёр хандохандии умум сар назада бошад ҳам, баъзеҳо, аз ҷумла, худи Фирдавс низ, хушҳолии хосса зоҳир карданд.

**Фошгӯйӣ нишони ҷасорат аст, онро таҳсин бояд!**

Якчанд калимаро ё ба дасти худам, ё ба дасти хонандае аввал дар лавҳа навиштаю нависонда, баъдан ба дафтарҳо кӯчондем. Худи хонандаҳо таклиф карданд, ки “онрӯза барин” ман калимаҳоро “ҳамту гӯям”-у ҳар кас “бо гӯшаш шунавида худаш нависад”. Кӯр чӣ мехоҳад? Ду дидаи бино! Ман-ку ҳаминро мехоҳам, чаро “не” гӯям? Ҳама калимаҳои “шунидаашон”-ро дуруст навиштанд. Аммо калимаи *ёрӣ*-ро на ҳама дуруст навишта тавонистанд. Чунончи, калимаро Нигинаи Сабур ва Бунафша дар шакли *йорӣ*, Фирдавс бошад, дар шакли *ёорӣ* (вале ҳар се бо и-и зададор) навиштанд.

Ҳар ду шакли навиштаи ғалаташонро дар лавҳа бо дастони худашон нависонда, ба аҳли синф шарҳ додам, ки *йорӣ*-ро *ёрӣ* хондан мумкин бошад ҳам, навишти ғалат аст. Аммо *ёорӣ*-ро ҳеҷ *ёрӣ* хондан намешавад. Навиштаи Фирдавсро *йоорӣ*, бо ду овози *о* хондан лозим меояд, ки ғалати калонтар аст. Ҳарчанд шакли дурусти калимаро дар лавҳа нанавиштам, баъди шарҳи сода

касони ғалатнавишта калимаи ғалат навиштаашонро сиёҳ накарда ба зераш хат кашиданду шакли дурусти онро дар рахи нави саҳифаи дафтарҳояшон навиштанд.

Бо роҳбарии як хешашон хатмашккунии устод Айнӣ ва натиҷаи онро, ки дар “Ёддоштҳо” батафсил нақл шудааст, ба назар гирифта, як моҳи охир ҳеч роҳ надодам, ки нафаре ба ин амал–сиёҳ карда ислоҳ намудан даст занад. Инак, натиҷаи чунин “сахтгирӣ”-ро ҳамин дарс равшан мушоҳида кардам. Аммо…

Вақти танаффус ба тасодуф шунидам, ки Фирдавс “хатои калонтар” карданашро ба ҷӯраҳояш аз синфи 1-уми “А” нақл мекунад. Аввал ба фикрам зад, ки ӯ маънои гапҳои дар вақти дарс гуфтаи маро дуруст нафаҳмидааст ва мундариҷаи онро нафаҳмида ба ҷӯраҳояш мерасонад, вагарна кӣ айбу камбуди худашро фошофош ба дигарон мегӯяд? Боз ин қадар бепарво ва фориғболона? Шояд баъзе гапҳои барои бачаҳо нофаҳмо мегӯям?–гуфта андеша мекардам, ки дар синф *ғалат* гуфтанам ва дар кӯча *хато* гуфтани ӯ гӯё худ аз худ дар хаёлам муқоиса шуд ва андешаи гарон аз сарам дур гашт. Яъне, ӯ ба ҷойи *ғалат* гуфтани ман муродифи калимаро ёфта *хато*, ки гуфт, пас дониста гап мезанад. Ин тавр ки бошад, фошгӯияшро ҳатто таҳсин кардан мумкин. Агар ҷӯраҳояш мароқ зоҳир карда, чӣ *хатои калон* карданашро пурсида дақиқ кунанд, бегумон, минбаъда дар навишти калимаи *ёрӣ* ғалат нахоҳанд кард. Оё ин воқеа тимсоли “таҷрибаивазкунӣ”-и кӯдакон нест?

**Пеши бача ҳавлӣ гуфтӣ? Ӯро ҳалво бидеҳ!**

Дар матн калимаи *боғайрат* воҳӯрд. Дар синф “Ғайрат” ном нафар ки ҳаст, ҳар рӯз ҳамагон ҳини муроҷиат ба ӯ ва дар борааш гап задан, агарчи бе пешванди *бо-*, калимаро борҳо ба забон меоранд. Ин аҳвол ба дарки мафҳум ва мундариҷаи ифодакардаи калима монеа эҷод намекунад? Яъне калимаҳои *ғайрат, боғайрат* ва *беғайрат*-ро талаффуз карда ё шунида монанд, мафҳум дар хаёлашон ҳадди ақалл бо тасаввури шахси Ғайрат махлут намешавад? Ҳоло месанҷем.

– Боғайрат, – гуфтам бо таъкид ва ангушти ишоратамро сӯйи шифт тир сохтам. Чунин талаффузу ҳаракат бехтару амиқтар аз суханҳое, аз қабили: “Ба гапи ман бодиққат гӯш диҳед”, “Ҳой, ин тараф нигаред!” шогирдонро ба сӯям нигаристан водор ва ба шунидани давоми суханам мутаваҷҷеҳ месозад.

– Боғайрат, – такрор кардам бо ҳамон оҳангу ҳаракат. Барои ба шунидани давоми гап хубтар омода шуданашон чанд сония таваққуф намудам. Пас бо ҷунбишу ишораҳои лозима афзудам: – Баъзе бачаҳоро “боғайрат” мегӯянд. Онҳо чӣ гуна бачаҳо бошанд?... Бачаи боғайрат аз ҳама кас ва ҳар чиз метарсад-а?

Гапро аз дур сар карда, ба гунҷоишу тезии зеҳн ва пазириши бачагона мувофиқу соз кунонда, оромона гап задан ва ҳамвору оҳиста ба савол наздик шудан ба кайфияти шогирдон низ асар гузошт. Онҳо ба фикру андеша фурӯ рафта, ба ҷавоб гуфтан шитоб накарданд. Ба ин аҳвол табиати Ҷамолиддин, Исфандиёр, Мақсуд ва чанде дигар бештар мувофиқ аст. Шояд ба сабаби мувофиқ афтодани сиришт бо аҳвол буд, ки яке аз онҳо –Исфандиёр аллакай дар рафти пурсиш ба ҷавоб гуфтан омода гашт ва баъди чанд сонияи оромӣ дар посухи савол бар дигарон пешдастӣ намуд:

– Не, наметарсад! Тарсончак намешавад!

Дари гуфтугӯй ки кушода шуд, табъи белигоми Фирдавс ба ҷавлон омад ва пешхезиаш рӯ зад. Вай шитобон ба шарҳи масъала пардохт ва ба дурустии гуфтори Исфандиёр ба таври худ далел овард:

–Ҳо-о, Ғайрат... – гуфту давоми гапашро гум кард. Сонӣ бо ҳаракатҳои булъаҷаби даст ва дигар узвҳои пайкар ва баровардани чанд хел овозҳои навиштанаш бо ҳуруфи мавҷудаи алифбо ғайриимкон фикрашро ғун карда, осемавор ба баёни он сар кард:

– Абдумаҷид ин ҷо истода... – гуфт пушти дарро нишон дода, – ба Ғайрат “пих” гуфт. Ҷамолиддину Ғайрат аз дар медаромаданд, Ғайрат натарсид, Ҷамолиддин тарсид.

“Пеши бача ҳавлӣ нагӯ, ки ҳалво мефаҳмад” гуфтани пирон ҷон доштааст. Мо дар бораи ҳавлӣ гап задем, Фирдавс ҳалво тасаввур кард.

Чунин тасаввуру хаёл ва фаҳмишҳои батасодуфи ғалатро, ки дар идроку зеҳни шогирдон шояд хеле бошад, чӣ тур пайдо ва чӣ тавр ислоҳ бояд кард?

**Шогирди хуб устодро ислоҳ карда тавонад**

Гоҳе имкони фикрӣ ва қувваи тамизи хонандаҳо, ҳудуди малакаи “ислоҳ” ворид карда тавонистани онҳоро ба назар гирифта, дар баъзе масъалаҳои ба дониш ва доираи идроки имрӯзаашон наздику баробар дидаю донista ғалат кардан, худро қасдан бехабар вонамуд сохтан, ба гӯлӣ андохтан... низ, дар ҳақиқат, ба манфиати кор мебошад. Бегумон, “ғалат”-и муаллимро ҳувайдо сохтаву ислоҳ намуда дониш гирифтани хонанда нуктаи азбаркардаашро дар ёду хотири ӯ мустаҳкамтар ҷойгузин мекунад. “Ғалат кардану ислоҳ намудан”-ро як бозии хеле ҷаззоби байни калонсолу кӯдак унвон кардан мумкин аст. Аммо дар ин маврид низ мақоли машҳури “шакара камаш хуб”-ро аз мадди назар набояд дур гузошт.

Мисолҳо ба ин даъво дар таҷрибаи омӯзгорони дар вақти дарс аз ҷиҳати гуфтору ҳаракатҳо ва муомилаю муносибат бе ибову хавотирӣ самимона ба сатҳу савияи шогирдони хурдсол фуроянда хеле фаровон бояд бошад. Мо низ дар ин хусус дар дафтарҳои ёддошти худ чанд қайд дорем, ки яке мухтасаран ба қарори зайл аст:

“Дар тахтаи синф навиштам: *пагоҳ*. Аввал ба дурустӣ, пасон худро ба гӯлӣ зада аз бачаҳо пурсидам:

– Ин калима ҳарфи *пэ* дорад? Ҳарфи дуюмаш-а?.. .Ҳарфи якумаш?... Бале, ҳарфи якумаш... Ҳарфи *о* чӣ?... Надорад?... Дорад?... Канӣ?... Ҳа, дар ҳиҷои яку-ум?... Дар ҳиҷои сеюм?... Кӣ гуфт, ки калимаи *пагоҳ* се ҳиҷо надорад?... Биёед, мешумарем: па-гоҳ. Ҳа, ҳа, дуруст, ду ҳиҷо доштааст… Ҳарфи *о* низ дар ҳиҷои дуюм будааст... Ҳиҷои якум 2 ҳарф, ҳиҷои дуюм 3 ҳарф, ки дошта бошад, калима... бале, бо 5 ҳарф навишта мешавад...

Бо роҳи гӯлравию гӯландозӣ таҳлили овозию ҳиҷоӣ кардани калима ва ҳисоб кардани ҳарфу ҳиҷоҳои он, моҳиятан ба бозии лаҳзаи танаффуси миёни дарс қаробат пайдо кард. Аз ин усул суиистеъмол накарда, гоҳ-гоҳ истифода кардан манфиате мерасонда бошад? Мерасонад! Зеро таваҷҷуҳи Сайфуллои дарсгурезу Дилнигори дамдузд баринҳоро ҳам ҷалб кард: онҳо бо хушҳолӣ ба “бозӣ” анбоз шуданд. Бо бовари комил метавон гуфт, ки ишораи ҳарфию ҳиҷоии калима ва ҳисоби ҳарфу ҳиҷоҳои таркиби он нисбат ба борҳо тӯтивор хондан ба зеҳни онҳо асари беш гузошт…”

Бале, ислоҳ кардани ғалат, хоҳ нуқсони худ бошаду хоҳ хатои дигарон, ба дурустандешиву пухтакорӣ мебарад... Ба эътирофи муттафиқонаи педагогҳои варзида шогирди хуб онест, ки омӯзгорро ислоҳ карда тавонад. Маҳз аз зумраи чунинҳо турфа шогирде ба воя хоҳад расид, ки устодро ба ҳайрат мегузорад.

***Абдуғанӣ МУҲАММАДИЕВ –***
***собиқ омӯзгори мактаби №29,***
***ноҳияи Деваштич***

***Китоб хондан моро бо ҳикмату маъонии ҷаҳони густардатари башарият всл мекунад ва як ё ду сол нагузашта худ пай пай хоҳед бурд, ки шумо низ ҳарфҳои зиёде барои гуфтан доред, ки дар китобҳои хондаи худ пайдо накардаед. Ва ишқи китоб хондан аз шумо пажӯҳишгар ва нависанда месозад ва худ бехабар хоҳед монд, ки қалам ба даст гирифтаед ва ёддошт бармедоред.***

***Ин шуруи инсони мутафаккир ва таъсиргузор шудани шумост, ки дилатон намехоҳад маъонии кашфкардаи худро бо худ ба гӯр бибаред ва аз ин ҷост, ки даст ба қалам шудаед.***

***Шаҳзодаи САМАРҚАНДӢ***

***ЭҶОД***

# ЗАҲРИ ИШҚ

*(Ҳикоя)*

***Ошиқон, Шамсу Парвин, бомдодон, дар теппаи баланди деҳаи хушманзараи Харангон болои сабзаву майсазор, паҳлуи ҳам дароз кашида, тулуи хуршедро интизор буданд Ҳамин ки офтоб аз паси қуллаи қаторкӯҳҳои Ҳисор чеҳраи зарҳалинашро намоён карда, нурҳои нуқрафомашро болои мавҷудоти замин равона намуд, духтар сабук қомат бардошта, даст сӯи лаълии сурхчатоби само дароз карда, ба дилдодааш муроҷиат намуд:***

- Шамси ман! Ана, ҳамин тавр мехоҳам, ки бо ҷилои нури гарми ҳаловатбахшат ҳаёти ояндаи маро дурахшон намоӣ, - ва худро ба оғӯши ҷавон ҳаво дод.

Сухбати ширину гуворои онҳо то ғуруби офтоб давом кард ва асное, ки Моҳ ҷойи Хуршедро гирифта, ба атроф равшанӣ бахшид, Шамс эҳсосоти қалбашро ба забон овард:

- Парвин, парвонаат мешавам. Зиндагии маро ҳамчун моҳ равшанӣ бубахш.!

- Савганд ёд мекунам, - паризод шаҳзодаи худро аз нав ба оғӯш гирифта гуфт: - Маҳбуби дилу ҷонам, дониста мон, ки ман як падару модар дорам.



Бори нахуст бо шунидани вазъи иҷтимоии хешовандони ояндааш чеҳраи Шамс тира гардид ва ин тағйироти рӯҳии ошиқашро Парвин аз сабаби эҳсосоти баланд ва шавқу шӯри ҷавонӣ надидаву нафаҳмида монд…

Дар фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд Парвинро Гулноз пешвоз гирифт. Духтар чун кабӯтар худро ба бағали модараш ҳаво дода, ба сурудан даромад.

- Модарҷон, донишгоҳро бо дипломи аъло ба итмом расонидам. Барои хониши аъло ва ахлоқи намунавӣ маро дар Донишкадаи улуми кимиё ба кор пазируфтанд. Дар як зум аз донишҷӯй ба омӯзгор табдил ёфтам.

- Табрик, ҷигарбандам, - модар аз ҳар ду рухсораи анормонанди фарзандаш бо меҳр бӯсид. - Акнун масъалаи оилавиатро фикр карданамон лозим.

- Ин масъала ҳам ҳал шудагӣ, модарҷон, - Парвин аз дасти модар гирифт ва онҳо ба сӯи баромадгоҳ гом бардоштанд. - Пас аз ду ҳафта хостгорони Шамс ба талаби ман меоянд.

- Ту он ҷавонро дар ҳақиқат дӯст медорӣ? – Модар аз қадамзанӣ истода Гулноз ба рӯи духтараш зеҳн монд.

- Ба қадри ҷонам, - чеҳраи Парвин боз ҳам дурахшонтар гардид. - Бе Шамсам зиндагӣ бароям маънӣ надорад.

- Ин тавр ки бошад, розӣ кардани падарат ба зиммаи ман, - Гулноз аз сарнавишти ояндаи духтараш хотирҷамъ гардид.

Ду ҳафта гузашт. Аз Шамс дараке нашуд. Парвин пас аз он шаби висол, ки барояш ба достону афсона табдил ёфта буду рӯзҳои интизорӣ бошитоб сипарӣ мешуд, хӯру хобро гум кард. Духтари бақадрасида, дарди ишқро бо азоб пушти сар мекард. Қалби фишурдааш ӯро ба сӯи кӯҳу дашт даъват менамуд. Пайваста ин фикр дар сараш чарх мезад: наход, ҷавонмарди болобаланди нозанини интихобкардааш ӯро аллакай фаромӯш карда, ваъдаи дурӯғ дода бошад? Ҳарчанд модар суханони таскинбахш гуфта, ба хотираш меовард, ки ҳаёт пасту баландиҳо ва роҳу равиши

худро дорад ва ҳар лаҳза ҳар гуна ҳодисаю воқеаҳо рух доданаш мумкин аст, вале дили пуртуғёни духтарро эҳсосоти номаълуме ранҷ медод.

Ҳури биҳишт бехабар буд аз он ки рӯзе Бекмурод Ҷӯразода Шамсро дар бараш нишонду гуфт:

- Писарам! Ман бояд саратро ҷуфт кунам. Духтари дӯстам - Бодомгул ба балоғат расидааст. Волидайнашон нияти бо мо хешу табор шудан доранд. Қосимзода олими машҳур мебошад. Бо ин марди фозил хешу табор шудан меарзад. Олими варзида, инчунин, ваъда додааст, ки туро дар кафедрааш ба кор мегирад. Мабодо дилдодае дошта бошӣ ва ё ба нозанине ваъдаи издивоҷ дода бошӣ? Росташро бигӯй, то баъд пушаймон нашавӣ.

- Ман ҳеҷ касро дӯст намедорам, - Шамс чашмонашро аз нигоҳи ҷиддии падар гурезонд ва ӯ дастгоҳу дукон, ҳашамату шаъну шуҳрати падарарӯси ояндаашро, ки ҳамроҳи падараш чандин маротиба ба меҳмонӣ омада дида буду ҳасад мебурд ва ин ҳамаро дар муқоиса ба ҳолу аҳволи волидайни хокпоши Парвин гузошта, дарҳол розигиашро дод. Ҳатто сурху сафед нашуда илова кард: - на дилдодае дораму на ба касе ваъдаи издивоҷ додаам.

- Бисёр хуб, - аз ҷой хест Ҷӯразода. - Ин тавр ки бошад, ҳафтаи оянда тӯйи хонадоршавиатро мегузаронам…

Парвин бо ба итмом расидани муҳлати таътил ба пойтахт шитофт. Аз ба низом даровардани вақти корӣ ва ошноӣ пайдо кардан ба талаботи кафедра як моҳ сипарӣ гашт. Ба донишҷӯён таълим медоду фикраш ба Шамс банд буд. Оқибат тоқат накарда, як бегоҳ ба дари ҳавлии боҳашамате наздик шуда, овози соҳибхоназанро шунид:

- Бодомгул, келинаки дӯстдорам, вақти аз кор баргаштани шавҳарат шуд. Тезтар дастурхонро оро дода, Шамсҷонатро бо чеҳраи кушод ва лаби пурханда пешвоз бигир.

Ҳуш аз сари Парвин парид. Дунё ба назараш торик шуд. Сараш чарх зада, ба девор такя кард.

- Духтарам, нотоб шудед, - гуфтани зане аранге ба гӯшаш даромад. - Ёрии таъҷилиро чеғ занам?

- Не, не, холаҷон, - Парвин зуд худро ба даст гирифта, ба сӯи хиёбони асосӣ калавида - калавида қадам зад.

Дар машғулиятҳои назариявию амалӣ, дар кӯча, дар хобгоҳ, байни одамони равуокунанда, суҳбату нишастҳо танҳо сухани модари Шамс дар гӯшаш садо медод. Касеву чизеро надида, худро болои фарш партофта, соатҳо мегирист ва як фикр чун путк дар сараш мезад: хиёнати бадкирдорро набояд бахшид! Худ ба худ пичирросзанон гуфтугӯ дошт: ба аъмоли зишташ бояд ҷазо диҳам!

Парвин дар ҳолати бехудӣ қарор дошт. Агар ӯ зинда монад, фардо рӯзи қиёмат ба мардум, ба падару модар, ба арвоҳи ишқи покаш чӣ ҷавоб медиҳад? Шишачаҳои спирту кислота, найчаю колбаҳоро дар дасташ чарх занонда, роҳу равиши ниқор гирифтанро меҷуст. Дар охир ҷораи ҷазо доданро ёфт. Як шаби сарди зимистон маҳлули кислотаи натрийро ба қисми чапи рӯйи зебояш пошид ва аз сӯзиши дарди ҷонкоҳ аз ҳуш рафт. Баъди як шабонарӯз худро дар беморхона дид, ки ҷавонзани табиб болои сараш рост истода, бо меҳр пурсид:

- Духтари нозанин, ин чӣ амале буд, ки ба худ раво дидед? Ҷаро ба рӯйи зебоятон тамға задед?

- Бо ин рамзи ишқам ба хиёнаткор ҷазо дода, ӯро шармандаву шармсор кардониям, - сели ашк аз ҳар ду чашмони шаҳлои духтар болои рухсораҳои заъфаронаш ба шоридан даромад. - Бо ҳамин рамз дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳр мегардам, ба мардум нишон медиҳам, ки ин доғи сӯхта амали хиёнати ноҷавонмарде мебошад.

Табиб гумон кард, ки духтар каме аз ақл бегона шудааст ва тоб хӯрда, бе овоз аз палата баромад. Ҳеҷ ба ақли расояш намедаромад, ки бо доғ, бо рамз ва бо ними рӯйи сӯхта ба хиёнаткор ҷазо додан мумкин бошад.

Ҳодисаи рӯй сӯзондани Парвин зуд дар байни аҳолии шаҳр овозаю афсона гардид. Мардум ин воқеаро бо ҳар тарзу усул байни худ муҳокима мекарданд ва ҳар кас бо тахмину гумон рафтори духтарро баҳо медод.

Ба ҷойи кори Шамс дӯсташ Файзимат даромада, бори аввал ин рӯйдодро расонд.

- Медонӣ - чӣ, Шамсиддин, дар Донишкадаи кимиё духтаре аз аламини ишқи марди бевафо рӯяшро бо маҳлули кислота сӯзондааст. Марг ба он ҷавонмарди хиёнаткор, ки бо рафтори зишташ духтарро ба ин аҳвол овардааст! Агар ман бо он ҷавон рӯ ба рӯ мешудам ба рӯяш туф мекардам. Ӯ ҳаққи дар рӯи замин зистанро надорад.

Э, ба ту чӣ шуд, ки ранги рӯят парид. Бемор - ку нестӣ?

- Ҳамин шаб нороҳат хобидам, - Шамс дигар ҷавоб наёфт. - Каме худро вазнин ҳис карда истодаам. Бахшиш, дӯстам, ман бояд ба хона равам, Шамс ҷузвдонашро бардошта аз коргоҳ баромада рафт.

- Рав, рав, - дар навбати худ тавсия дод Файзимат. - Саломатӣ барои инсон гавҳари ноёб аст. Худро эҳтиёт бикун. Дорую дармонро зуд истифода бар.

Лоҷувард, арӯси Шамс, чойники чойи сабз ва пиёларо болои миз гузошта, ба гап даромад.

- Шамсҷон, ман имрӯз дар дохили троллейбус духтари мавзунқомати зебочеҳраеро дидам. Сад афсӯс, ки қисми чапи рӯйи духтар сӯхта, ҳусни худододашро доғдор кардааст. Мардум бо пичир - пичир мегуфтанд, ки аз алами ишқи кадом як номард, хиёнати ҷавони булҳавасе ба ин аъмол даст зада, ба рӯяш маҳлули кислота пошида будааст. Лаънат ба он духтаре, ки бо чунин бадкирдор сар ба як болин монад.

Эҳ - ҳа, мард, ба шумо чӣ шуд, ки пиёла аз дастатон афтид?

- Қадре бетобам ва илтимос маро ба ҳоли худ гузор, - гӯён Шамс ба хонаи хоб гузашт.

Бегоҳӣ адабиётшиноси шинохта Акмалиддин Бухоризода ба хонаи дӯсташ Бекмурод Ҷӯразода ба меҳмонӣ омад ва ҳини тановули хӯроки шом аз навигариҳои рӯз ҳарф зада, дар омади гап хабари навро ба забон овард.

- Дӯстам, кайҳо боз дар шаҳр овоза паҳн шудааст, ки як муаллимаи донишкадаи кимиё барои хиёнати ошиқаш ба рӯяш маҳлули кислота пошида, бо ин амалаш гӯё аз дилдодааш ниқор гирифтан хостааст. Мегӯянд, ки духтари паризод ҷавонеро ниҳоят дӯст медоштааст. Лекин он аблаҳ ба муҳаббати зан хиёнат карда, бо духтари як олими машҳур ақди никоҳ баста будааст. Ҳоло ҷавонони мо бисёр булҳавас шудаанд.

Ҷасорати маъшуқа бесобиқа аст, зеро ки дар таърихи ишқи дилдодагон ин ҳодиса бори аввал рӯй додааст. Агар он номард писари худам мебуд аз баҳраш гузашта, аз хона меронадамаш.

- Шамсҷон, чӣ гап шуд? - соҳиби хона ба писари аз ҷой хеставу ба сӯи ташнобхона равон гаштааш муроҷиат намуд, - Магар суҳбати мо ба ту нафорид, ки авзоят беҷо гашт. Ба фикрам, ин гапу калоча ба ту дахл надоштагист?!

- Имрӯз кор бисёр буд, - бо овози базӯр шунаво посух гардонд Шамс.

- Мехоҳам қадре дароз кашам.

- Ихтиёрат, - ва Бекмурод рӯй ба дӯсташ гардонида пурсид: - Боз чӣ гуна гапу хабарҳои нав?..

Парвин сари роҳ ба гурӯҳи ҷанозагароне, ки тобутро ба сӯи қабристони Сари Осиё мебурданд, бо чашмони дурахшон менигарист. Аз наздаш мӯйсафеде гузашта пурсид:

- Майит бо кадом сабаб ин ҷаҳонро падруд гуфта бошад?

- Мардум мегӯянд, ки заҳри ишқ нӯшида будааст, - бо ифтихор ҷавоб гардонд Парвин ва тоб хӯрда аз назди мӯйсафед дур шуд.

- Заҳри ишқ? Ё тавба! Ин хел дору ҳам мешудааст - а, - ҳайрон китф боло кашид пирамард ва илова кард, - аҷаб кашфиёте!



*Зариф ҒУЛОМ –*
*адиб*

# ДАЪВАТ

## ТАРҒИБИ ОБУНА

**Муштариёни азиз!**

Оё медонед?

Мухтавои маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» дархӯри фаъолияти тамоми муассисаҳои соҳаи илму маориф ва онҳоест, ки дар роҳбарӣ, касбият, усули кор дар таълим, тарбия, рушди истеъдод, такмили ихтисос, таҳсилоти иловагӣ, назорати дохилимактабӣ, робита бо оила ва ҷомеа, иттиҳодияҳои методӣ ва даҳҳо паҳлуҳои дигари илму маориф ба маслиҳат ниёз доранд, таҷрибаи худро муаррифӣ кардан мехоҳанд ва ҳадафашон як аст:

### ШИНОХТАНИ МАҚОМИ МАОРИФ ЧУН ОМИЛИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ




Вақте маҷаллаи моро ба даст гирифтед, ба саҳифаҳои он ҷиддӣ назар кардед, андеша, пешниҳод, таҳлил, фикри бикре дар робита ба мухтавои он манзури алоқамандон гардондед, ҳатман интизор бошед:

- маорифи кишвар рушд мекунад;
- сифати таҳсилот боло меравад;
- сатҳи касбияти омӯзгор беҳтар мегардад;
- идеологияи миллӣ шакли комил мегирад;
- маърифати ҷомеа такмил меёбад...

Пас, биштобед, то аз манфиатҳои маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» баҳра баред. Обуна шудан ба маҷалла шарти муҳимми расидан ба ҳадафҳост.

«Маорифи Тоҷикистон» аз шумо ва барои шумост!

# МУНДАРИҶА

**РАҲНАМО**

Ф.РОЗИҚОВ, Р.МУРОДАЛИЕВА. Пешвои миллат ва эҳёи тамаддуни тоҷик............. 3

**ТАҶЛИЛ**

А.ЗУМРАТОВ. Агар зан ҳаст, дунё бардавом аст........................................................ 6

**РӮЗИ МАТБУОТ**

С.АМРИЕВ. Рӯзи ҳамраъйӣ – ҳамбастагӣ – пояндагӣ................................................ 10

**ВАСФИ БАҲОР**

Б.РАҶАБОВ. Наврӯзи ваҳдат........................................................................................ 12

**ДОВТАЛАБ – 2022**

С.ҶАЪФАРЗОДА. Бурду бохти имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ..................... 14

**МИНБАРИ МУТАХАССИС**

М.БУРҲОНОВ, Б.ҲАЙДАРОВ. Нақши хадамоти методӣ дар рушди касбияти омӯзгор.......................................................................................................... 18

**ЗАБОНОМӮЗӢ**

Б.САФАРОВ. Шакли муайянӣ дар забони англисӣ..................................................... 20

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

Т.ДЕВОНШОЕВА. Бозиҳои дидактикӣ ва методикаи гузаронидани онҳо................. 24

**МЕТОДИКА**

Б.УМАРОВА. Методикаи таълими “Сохти сифати феълӣ”......................................... 30

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

**РИЁЗӢ**

Б.ШОДИЕВ. Кунчҳо ҳамворӣ дар.................................................................................. 33

**МАТЕМАТИКА**

И.ХОНОВ. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим............................................ 37

**ЭНЕРГИТИКА**

Д.СОЛИҲОВ. Энергетика дурнамои рушди энергетикаи плазмавӣ............................ 40

**ПЕДАГОГИКА**

Ф.УМАРОВА. Масъулият дар зинаи аввали таҳсилот.................................................. 46

**ГИРОМИДОШТ**

Н.СОЛЕҲЗОДА. Устод Мирзо Турсунзода дар шинохти Муъмин Қаноат................. 48

**ТАҲҚИҚ**

Ҳ.ҶӮРАЕВ. Дастури муфид бо шеваи чадид................................................................ 52

**ХОТИРОТ**

А.МУҲАММАДИЕВ. Чанд ҳиссаи хурд аз як қиссаи калон......................................... 55

**ЭҶОД**

З.ҒУЛОМ. Заҳри ишқ..................................................................................................... 60